**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ҶӮРАЕВА ХУБОНГУЛ ЁРМАҲМАДОВНА**

# МИРЗО ОЛИМҶОН ҲАСРАТИ ҲИСОРӢ ВА МУҲИТИ АДАБИИ ҲИСОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX

**Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

**Роҳбари илмӣ:**
**Исрофилниё Шарифмурод**
**доктори улуми филологӣ,**
**профессор**

**Душанбе – 2019**

# МУНДАРИЧА

Муқаддима……………………………………………………………3-10

**Боби I. Муҳити сиёсию адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX 11-46**

1.1. Вазъияти сиёсию иҷтимоии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ……………………………………………………… 11-17

1.2. Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрат ва муҳити адабии ин давра……………………………………………………………… 18-46

**Боби II. Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ………. 47-77**

2.1. Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат……………………………………… 47-59

2.2. Мероси адабии Мирзо Ҳасрат……………………………….... 60-77

**Боби III. Таҳлили мавзӯъҳои ашъори Мирзо Ҳасрат……………………………………………………… 78-135**

3.1. Мавзӯи ишқ дар ашъори Мирзо Ҳасрат…..……………… 78-102

3.2. Панду ахлоқ дар ашъори Мирзо Ҳасрат.. ……...………… 103-113

3.3. Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон, танқиди ҳокимон ва зимомдорони давр……………………… 114-127

3.4. Хусусияти бадеии ашъори Мирзо Ҳасрат………………… 128-136

Хулоса…………………………………………………………… 137-141

Китобнома……………………………………………………… 142-152

## Муқаддима

**Аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ.** Дар таърихи тамаддун, фарҳанг ва адабиёти тоҷик водии Ҳисор нақши босазо дорад. Дар тӯли таърих аз ин водии зархез шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу ҳунарҳои мухталиф бархоста, ҳар як дар рушди фарҳанг ва адабиёти миллӣ нақши муҳим гузоштаанд. Доираи адабии Ҳисор баъд аз Самарқанду Бухоро ҳавзаи адабии фаъол буд, алалхусус дар асрҳои XVIII-XIX яке аз ҳавзаҳои муҳими адабӣ дар Мовароуннаҳр ҳисоб меёфт. Ҳавзаи адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори шоирони ин водӣ ба таври ки шоиста аст, мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ҷумла, рӯзгор ва мероси адабии яке аз шоирони шаҳири доираи адабии Ҳисор Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ниёз ба тадқиқи ҷудогона дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи рӯзгору осори Мирзо Олимҷони Ҳасрат ва муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX метавонад дар шинохти воқеии адабиёти тоҷик дар ин водӣ хидмати арзанда кунад.

Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони маъруфи адабиёти охири садаи XVIII ва ибтидои садаи XIX- и водии Ҳисор маҳсуб меёбад, ки аз худ мероси адабии арзандае боқӣ гузоштааст. Муаллифони сарчашмаҳои адабие, ки аз Ҳасрат ёд кардаанд, ӯро ба сифати шоири тавонои ширинсухан сутудаанд. Ҳасрати Ҳисорӣ дар замоне по ба арсаи фаъолияти эҷодӣ ниҳодааст, ки ба сабаби авзоъи нобасомони сиёсию иҷтимоӣ дар ҷомеа қадри сухану суханвар намонда буд. Авзои нобасомони даврони Ҳасрат дар ашъори ин шоири дардошно тасвири бадеии худро ёфтааст. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ зиндагии зоҳидонае дошта ва дар ашъораш аслан ҳамон суннатҳои адабиёти классикиро идома додааст. Дар замони зиндагии шоир дар Мовароуннаҳру Хуросон сабки ҳиндӣ, алалхусус ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил нуфузи зиёд дошт ва бино ба қавли муҳаққиқон, мелоки санҷиши ҳунар шеъри Бедил буд. Ҳасрати Ҳисорӣ низ аз ин миён истисно набуд ва чанд шеъре дар пайравии Бедил сурудааст.

Барои ҳалли комили мавзӯъ саъй намудем, то заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Ҳасрат, проблемаҳо ва мавзӯъҳои асосии адабиёт дар он шаҳру навоҳие, ки шоир зиндагӣ намудааст, иртиботаш бо ҳокимону амирон ва робитаҳояшро бо шоирони ҳамасраш муайян намоем, то ба ин васила ба шарҳи илмии рӯзгори шоир ноил гардем. Барои таъйини мақоми шоир дар таърихи адабиёти тоҷик давраҳои ташаккули шахсияти Ҳасрат ба ҳайси шоири орифи исёнгар, таркиби жанрӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ, сабку услуби эҷод, шеваи хоси суханварӣ, таъсирпазириаш аз шуарои пешин ва ҳамсуханиаш бо муосирин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова бар ин, мундариҷаи ғоявии ашъори Ҳасрат, сабку шеваи сухан ва ҷаҳонбинии ӯ бо шоирони ҳамасраш муқоиса шудааст. Ин ҳама имкон додааст, ки муҳити адабии водии Ҳисор дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX муайян шавад ва мақоми Ҳасрат дар таърихи адабиёти тоҷикӣ таъйин гардад, ки интихоби мавзӯъ ва аҳамияти илмии он низ аз ҳамин ҷост.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Доир ба водии Ҳисор ва суханварону намояндагони илму адаби он дар як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ сухан рафтааст. Аз ҷумла, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ», Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис», Мирзо Муҳаммади Ҳайдар дар тазкираи «Таърихи Рашидӣ», Мавлавӣ Ҳусайни Сабо дар «Рӯзи равшан», Малеҳои Самарқандӣ дар «Музаккир-ул-асҳоб», Мирзо Абдулазими Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл», Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» ва устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ғайра дар бораи доираи адабиии Ҳисор ва баъзе намояндагони адабиёт ва илму ҳунари он маълумот додаанд. Аз сарчашмаҳои тоинқилобӣ танҳо Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва Мирсиддиқ Ҳашмат дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ маълумот овардаанд [48, 55]. Устод Садриддин Айнӣ дар китоби “Намунаи адабиёти тоҷик” дар бораи Ҳасрат маълумоти кӯтоҳе бо зикри намунаи ашъор оварда, дар шеъру шоирӣ ҳунару истеъдоди баланд доштани ӯро қайд кардаанд [27, 218]. Шоир ва донишманди тоҷик Абдусалом Деҳотӣ

Ҳасратро аз ҷумлаи шоирони боистеъдод муаррифӣ намудааст. [8, 302]. Расул Ҳодизода дар баробари шоирони дигари водии Ҳисор аз Ҳасрат ёд намуда, шеъри ӯро дорои мазомини шикваву шикоят ва танқиди ҳокимони замон медонад [84, 27]. Амирбек Ҳабибов баъд аз омӯзиши адабиёти навоҳии кӯҳистон аз баёзу тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳо доир ба 38 нафар шоирони ҳисории охири асри XVIII ва аввали асри XIX маълумот пайдо карда, осори онҳоро дар асарҳояш аз ҷумлаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор», «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор», «Ганҷи парешон», «Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ» ҷамъ оварда, пешкаши аҳли илму адаб кардааст. Аз маъхазҳои номбаршуда, танҳо дар китоби "Мероси адабии шоирони Ҳисор" оид ба рӯзгори Мирзо Ҳасрат мухтасар маълумот дода, ашъори боқимондаи шоир оварда шудааст [37, 13]. Дар китоби "Шоирони Мовароуннаҳр"-и Алии Муҳаммади Хуросонӣ низ доир ба рӯзгору ашъори Ҳасрат маълумоти мухтасар оварда шудааст [55, 468]. Муаллифи китоби «Доираи адабии Ҳисор» Шодибек Собирӣ низ муаррифгари адибони ҳисорӣ мебошад. Дар ин китоб муаллиф оид ба 64 нафар адибони Ҳисор, аз ибтидои асри X то аввали асри XX маълумоти мухтасар додааст, ки яке аз онҳо Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорист. Ш. Собирӣ дар мавриди ашъори шоир менависад: «Бо амри мир Сӯфибий мероси адабии эшон аз тарафи сарбозон оташ зада шуда, мероси боқимондаи пинҳоннамудаи шоир аз насл ба насл даст ба даст гузашта, нест шудааст» [99, 64]. Имомиддин Раҳимӣ дар навиштаи худ аз Ҳасрати Ҳисорӣ ёд карда, ӯро "донандаи шеъру ғазал, наққош ва қории Қуръони Карим"медонад [100, 3]. Дар "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ маълумоти мухтасар дарҷ шудааст [135, 374].

Новобаста ба ҳамаи инҳо, то кунун доир ба муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ тадқиқоти ҷомеъ ва яклухти адабиётшиносӣ навишта нашудааст. Дар аксари мақолоти зикршуда доир ба Ҳасрати Ҳисорӣ маълумоти

умумӣ-муаррифӣ дода, аз ӯ ба сифати намояндаи ин давра ёд шудааст ва намунаи ашъораш зикр гардидааст.

Маълумоти сарчашмаҳои илмию адабӣ ва нусхаҳои мутааддиди ашъори шоир, ки дастраси мо гардид, имкон фароҳам овард, то муҳити адабии водии Ҳисорро дар ин давра ба дурустӣ бишносем ва мақоми адабии Ҳасратро дар адабиёти тоҷикӣ таъйин намоем.

Дар рисолаи мазкур, ки фарогири муқаддима ва се боб аст, бори нахуст таҳқиқоти илмии дорои маълумотҳои нисбатан мукаммалу дақиқ ва муфассали адабиётшиносӣ доир ба муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX ва перомуни аҳволу осор ва рӯзгори адиби шаҳири доираи адабии Ҳисор – Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, сабку услуб ва мавзӯю мундариҷаи ашъори ғиноию мақоми ӯ дар адабиёти асрҳои XVIII-XIX анҷом додем.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқ.** Барои ҳалли мавзӯи тадқиқ масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Дар асоси иттилои сарчашмаҳои мавҷуда ва асарҳои тадқиқотӣ таҳқиқ ва муайян намудани ташаккулу таҳаввули адабиёти форсу тоҷик дар доираи адабии Ҳисор ва рӯзгору осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ;
- муайян намудани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX;
- муайян кардани рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ;
- баррасии мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осори шоирони ҳамасри Ҳасрати Ҳисорӣ дар муқоиса ва вазъи доираи адабии Ҳисор дар ин аҳд;
- муқоисаи ахбори маъхазҳои адабӣ ва таърихӣ, баррасии натоиҷи тадқиқоти донишмандони муосир оид ба шарҳи ҳоли Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва эҷодиёти ӯ;
- муаррифии нусхаҳои дастнависи ашъори Ҳасрат, ки дар китобхонаҳои кишварҳои мухталиф, аз ҷумла, китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Русия маҳфуз мондааст ва нишон додани арзиши илмии онҳо.

- таҳлилу баррасии мавзӯъ ва муҳтавои ашъори Ҳасрат:

- нишон додани ҳунари шоирии Ҳасрат дар ҳар як жанри шеърӣ, аз ҷумлаи ғазал ва мухаммас;

- баррасии сохтор ва созмони дохилии намуди шеърии «титол»-и Ҳасрат;

- баррасии андешаҳои ирфонии шоир;

- баррасии ҷаҳонбинӣ ва таъсирпазирии Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони пешин, аз қабили Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Хаёлии Бухорой, Калими Кошонӣ ва дигарон;

- таъйини мақоми Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ дар таърихи адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисола.** Натиҷаҳои тадқиқотро метавон дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои ихтисос аз таърихи адабиёти тоҷик барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин, дастовардҳои илмии рисола дар навиштани таърихи водии Ҳисор ва нақши ин водии шоирхез дар тамаддуни мардуми тоҷик метавонад муфид бошад.

Илова бар ин, бори аввал маҷмӯаи нисбатан мукаммали ашъори шоири шаҳир ва мубориз Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисориро нашр намудаем, ки дар шинохт ва муаррифии шоир хизмат менамояд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои таҳқиқи рисола асарҳое, ки доир ба муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX нигошта шудаанд, ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, баёз, ҷунг, тазкира ва дигар маҷмӯаҳое, ки ашъори шоирони ин даврони водии Ҳисор, алалхусус ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ дарҷ шудааст, сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва асару мақолоти илмӣ, ки доир ба муҳити адабии водии Ҳисор баҳс намудаанд, мебошанд. Инчунин, ҳангоми баррасии таъсирпазирии Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони пешин, ашъори шоироне чун Хаёлии Бухорой, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезӣ ва шоирони дигар мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Зимни таҳқиқ аз нусхаҳои гуногуни дастнависи баёз ва ҷунгҳое, ки ашъори Ҳасрат дар онҳо омадааст, ҳамчунин аз осори шуарои пешин монанди устод Рӯдакию Фирдавсӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Саъдию Мавлавӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Ҳофизу Камол, Ҷомию Навоӣ, Соибу Бедил, Муиззӣ, Содиқи Кашрудӣ, Хаёлию Ҳилолӣ, Калими Кошонӣ кутубу расоили таърихию адабӣ, фалсафию ирфонӣ, тазкираву ҷунгҳо, баёзу маҷмӯаҳои шеърӣ, луғату фарҳангҳо, ки дар китобнома оварда шудаанд, ба ҳайси маъхаз истифода бурдаем.

**Навгониҳои рисола.** Дар рисолаи мазкур бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва сабку нигориши сухани ӯ, инчунин саҳми шоир дар густариши ғазалсароӣ ва мухаммассароӣ ва авзои адабии қарнҳои XVIII-XIX-и водии Ҳисор мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст. Ҳамчунин муҳити адабии водии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX, доираҳои адабӣ, мавзӯъ ва муҳтавои адабиёти ин давра ва намояндагони барҷастаи он ва алалхусус мероси адабии Ҳасрат аз нигоҳи сохтор, шеваи сухан ва мавзӯву муҳтаво ҳаматарафа таҳқиқ шуданд.

**Методологияи таҳқиқ.** Ҳангоми ҳалли проблемаҳои фавқ аз усулу равишҳои таҳқиқи таърихӣ-қиёсӣ, назари объективӣ ба маводи адабӣ, истифодаи поэтикаи суннатӣ, меъёрҳои матншиносӣ, методи таҳлили системӣ ва равишҳои оморию татбиқӣ истифода карда, ҳамчунин аз таҷрибаи донишмандони варзидаи Тоҷикистону Русия, Эрону Ҳинд ва мамолики Аврупо чун Забеҳуллоҳи Сафо, Е. Э. Бертелс, Усмон Каримов, Расул Ҳодизода, Абдусалом Деҳотӣ, Аҳрор Мухторов, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Худоӣ Шарифов, Ғолиб Ғоибов, Амирбек Ҳабибов, Аҳмадҷон Мардонов, Нӯъмон Неъматов, А. Аёрис, В. С. Соловев, Шарифмурод Исрофилниё ва дигарон истифода намудем.

**Масъалаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- Таъйини ҷойгоҳи водии Ҳисор, алалхусус адабиёти асрҳои XVIII-XIX ин водӣ дар такомул ва таҳаввули адабиёти тоҷик;

- баррасии таҳқиқоти донишмандони муосир бо диди интиқодӣ ва барқарор кардани шарҳи ҳоли илмии Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ;

- муқоисаву муқобалаи дастнависҳои ашъори Ҳасрат ва барқарор сохтани нусхаи асили осори шоир аз нигоҳи матншиносии муосир;

-бо диди интиқодӣ омӯхтани ашъори матбӯи Ҳасрат ва баррасии матни илмию интиқодии осори ӯ;

- баррасии ашъори шоир аз нигоҳи мавзӯю муҳтаво;

- таҳлилу баррасии ашъори Ҳасрат аз лиҳози корбурди анвоъи адабӣ ва хасоиси суварию маъноии онҳо;

- баррасии таъсирпазирии Ҳасрат аз шоирони пешин, амсоли Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Хаёлии Бухороӣ, Калими Кошонӣ ва дигарон;

- таъйини ҳунари шоирии Ҳасрат дар ашъори татаббуӣ ва нишон додани суннатгароӣ ва навпардозиҳои шоир дар ин гуна ашъор;

- баррасии ҳамсухании Ҳасрат бо шоирони муосир, чун Парии Ҳисорӣ ва муассирии дигарон аз ашъори ӯ;

- таъйини мақоми Ҳасрати Ҳисорӣ дар таърихи адабиёти тоҷики асрҳои XVIII-XIX.

**Баррасии натиҷаи таҳқиқот.** Рисола дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (31-уми майи соли 2018, суратҷаласаи №11) ва маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2-юми январи соли 2019, суратҷаласаи №6) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст. Ҷанбаҳои асосии тадқиқот ва муҳтавои он дар як китоб (Маҷмӯаи ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, -Душанбе: Сифат, 2013, 156 с.) ва дар 12 (дувоздаҳ) мақолаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии дар Комисияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтшуда чоп шудаанд. Инчунин қисматҳои дигари таҳқиқот дар конфронси байналмилалии факултаи романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи

Садриддин Айнӣ (19-20 майи соли 2017), конфронси байналмилалии илмӣ-назариявии факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии славянии Тоҷикистон (26-27 майи соли 2017), конфронси илмии апрелии кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (20-21 апрели соли 2017), конфронси илмии апрелии кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (19 апрели соли 2019) дарҷ гардидаанд.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 152 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I
# МУҲИТИ СИЁСИЮ АДАБИИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX

## 1.1.Вазъияти сиёсӣ, ичтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ

Водии Ҳисор яке аз минтақаҳои фарҳангпарварест, ки аҳли илму адаб дар тӯли таърих ба ин мулк рӯй меоварданд. Ҳисори Шодмон ҳамчун яке аз марказҳои муҳими иқтисодӣ – сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ дар таърихи кишварҳову марзҳои Осиёи Миёна мақоми худро дошт.

Дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX таърихи адабии водии Ҳисор яке аз даврони пурмаҳсул ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра шоирону нависандагони зиёде ба майдони адабиёт омада буданд. Беҳтарин намояндагони адабиёти ин давра Парии Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ, Комил, Мавзун, Мирзо Мункӣ мебошанд. Дар қатори ин адибон яке аз симоҳои намоёни адабиёти нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX- и водии Ҳисор Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад, ки бо ашъори пурарзишаш миёни ин водӣ ном баровrouting буд.

Мирзо Муллоаҳмадов дар мақолаи «Ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе аз вижагиҳои он» доир ба доираи адабии Ҳисор чунин менависад: «Яке аз муҳимтарин ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр, ки дар рушди раванди адабиёти тоҷик таъсир гузоштааст, доираи адабии Ҳисор мебошад» [122, 75].

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва кашфиётҳои бостоншиносон Ҳисор таърихи хеле бою қадима дошта, бо заминҳои зарфишон ва мардуми ҳунармандаш шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст.

Номи Ҳисор дар чандин сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ, аз ҷумла «Футуҳ-ал-булдон»-и Балазурӣ (асри VIII), «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ (асри IX-X), «Ҳудуд-ул-олам»-и муаллифаш номаълум (асри X) зикр ёфтааст, ки аз қадимӣ будани ин водӣ дарак медиҳад.

Аз маълумотҳои сарчашмаҳои номбурда пайдост, ки дар водии Ҳисор ду шоҳигарӣ мавҷуд буд. Аке Аҳорун ё Ҳорун – дар қисми ғарбӣ, дигаре Шумон – дар қисмати шарқии он воқеъ буданд. Аз ҳудуди Шумон роҳи муҳими тиҷоратии "Ҷодаи абрешим" мегузашт, зеро водии Ҳисор дар чорроҳи бузург қарор дошт. Рафтуомад дар ин роҳ аз давраи қадими маҷудияти "Роҳи Абрешим" то ба ҳол идома дорад. Сабаби ободии бозорҳои Ҳисор аз он буд, ки "Шоҳроҳи бузурги Абрешим" ӯро бо шаҳрҳои дуру наздик ба марзҳои Арабистон, Ҳиндустон, Афғонистони имрӯза, Эрон, Арманистон, шаҳрҳои сарзамини Рум ва ғайра мепайваст ва муносибатҳои хариду фурӯши молу маснуот дар авҷ буд. Тоҷирони ҳисорӣ хеле барвақт ба тиҷорат машғул буданд. Онҳо ба Балх, Бадахшон, Нишопур, Олтой, водии Фарғона, Бухоро, Марв, Эрон ва дигар кишварҳо мол мебурданд, аз қабили чорво, зироатҳои гуногун, абрешими ҳисорӣ, меваи хушк, умуман он чизҳоеро, ки дар Ҳисор истеҳсол мегардиданд. Инчунин аз мамолики дуру наздик, аз ҷумлаи Аморати Бухоро, Русия, Чину Ҳиндустон, Эрону Афғонистон, Қашғар, Арабистон ва дигар манотиқ тоҷирон молҳои худро дохили бозори Ҳисор менамуданд.

Шаҳри Ҳисор инчунин дорои қорихона (мактаби омӯзиши Қуръон) буд, ки дар он толибилмон китоби «Қуръон»-ро меомӯхтанд. Дар мадрасаҳои Ҳисор натанҳо аҳолии ин водӣ, инчунин аз ҳар гӯшаву канори Бухорои Шарқӣ толибилмон дарс мехонданд.

Бостоншаҳри Ҳисор то соли 1868, ки ба аморати Бухоро зӯран ҳамроҳ карда шуда буд, нишемангоҳи бекҳои Ҳисор ба шумор мерафт ва баъд зери ҳукмронии сулолаи манғития низ пойтахти амир дар Бухорои Шарқӣ боқӣ монд. Ҳисор низ мисли Хуҷанду Қӯқанд ва Хоразму Хатлон яке аз вилоятҳои саркаш ва пурқудрат ба ҳисоб мерафт.

Соли 1703 Муҳаммад Раҳимбий атолиқи юз, собиқ ҳокими Ӯротеппаву Самарқанд бо дастуру фармони хони Бухоро Амир Убайдуллохон (1702-1711) ба муқобили ҳисориён вориди ин мулк шуд. Муҳаммад Раҳимбий бо лашкари Бухоро барои аз худ намудани яке аз

қалъаҳои вилояти Ҳисор бо ҳокими он ҷанг эълон мекунад. Пас аз фурсате қӯшуни Бухоро бо фармони Муҳаммад Раҳимбий ба қалъаи Ҳисор ҳуҷум намуд. Мардуми Ҳисор ба бухориён бо сангу калтак ҳамла намуданд. Дар натиҷа бухориён бо талафоти зиёд роҳи гурезро пеш гирифтанд. Дар ин муҳориба исёнгарони ҳисорӣ, ки танҳо бо сангу калтак мусаллаҳ буданд ва шумораашон, ки хеле зиёд буд, лашкари бухориёнро шикаст доданд. Бекигарии Ҳисор тӯли 50 сол пас аз рондани бухориён ҳамчун мулки мустақил арзи вуҷуд дошт.

Муҳаммадаминбий яке аз намояндагони сулолаи нави муғулӣ – манғития (1747-1754, бори дувум соли 1758), ки марди хеле ҷасур буд, ҳокими Ҳисор таъйин мешавад. Барои он ки Муҳаммадаминбий ба хони Бухоро - Муҳаммадраҳимхон итоат намекунад, хон фармон медиҳад, ки ӯро ба қатл расонанд. Муҳаммадаминро дар сари бозори Ҳисор ба қатл мерасонанд. Сипас Раҳимхон амаки худ – Дониёл (1759-1785) атолиқро ҳокими Ҳисор таъин мекунад.

Дар охири асри XVIII Аллабердӣ (Оллоҳбердии тозии Қатағанӣ) (1785-1802) Ҳисорро тобеи худ намуд. Аллабердӣ охирин ҳокими Ҳисор дар асри XVIII ва аввалин ҳоким дар асри XIX буд.

Вақте Амир Ҳайдар ба тахти Бухоро нишаст, мутаваҷҷеҳи Ҳисор гашт. Ӯ ҳокими Ҳисор - Аллабердиро ба қатл расонид. Сайидбий (1802-1830) атолиқи юзро дар Ҳисор ҳоким таъин кард. Ҳукмронии Сайидбий дар Ҳисор дар нисбати дигар ҳокимон тӯл кашид. Сайидбий яке аз эътимоднoктарин ҳокими Амир Ҳайдар ба ҳисоб мерафт.

Баъд аз вафоти Сайидбий писараш Сӯфӣ девонбегӣ (1830-1850) ҳокими Ҳисор гардид. Ҳокими Ҳисор Сайидбий барои рутбаи атолиқиро соҳиб шудан духтарашро ба амири Бухоро - Амир Ҳайдар ба занӣ медиҳад. Сӯфибий девонбегӣ тағои Амири Бухоро Амир Насрулло буд ва ин иртиботи хешутаборӣ буд, ки падару писар Сайидбий ва Сӯфибий тақрибан ним аср дар Ҳисор ҳукм ронда, бекҳои комилҳуқуқ ба шумор мерафтанд.

Ҳукумати Ҳисорро баъд аз Сӯфибий соли 1850 Абдулкаримбий парвоначӣ ном шахс, ки шахси хеле далеру лашкаркаши бомаҳорат буд, сарварӣ мекард. Абдулкарим (1850-1868) писари Сайидбий атолиқ ва бародари Сӯфибийи ҳоким буд. Мувофиқи маъхазҳои таърихӣ, Абдулкарим парвоначӣ шахси заковатманд буда, дар ободонии Ҳисор саҳми назарраси худро гузоштааст.

Ҳисор дар солҳои охири ҳукмронии Амир Насрулло худро мустақил меҳисобид. Баъд аз Амир Насрулло писари ӯ Амир Музаффар (1860-1885) ҳокими Бухоро таъин шуд. Амир Музаффар соли 1870 ба ҷониби Ҳисор ва Деҳнав лашкар кашид. Дар ин вақт беки Ҳисор Абдулкарим ҳудуди вилояти худро хеле васеъ карда буд ва як қатор вилоятҳо зери ҳукумати Ҳисор қарор доштанд, аз ҷумлаи Шеробод, Бойсун, Тирмиз, Қӯрғонтеппа, Қубодиён ва як қисми Кӯлоб. Дар натиҷа Амир Музаффар қушуни ҳисориҳоро шикаст дода, ба муҳосира гирифт. Баъд ба шаҳр шабехун зада, қалъаро соҳиб гардид. Таърихнигор Зафар Дӯстов ин воқеаро чунин қайд кардааст: «Дар қалъаи Деҳнав, ки тобеи Ҳисор буд, задухӯрди сахти ҳисориёну бухориён ба вуқӯъ пайваст, ки он 15 рӯз давом ёфта, ҳамин тавр Ҳисор истиқлолияташро то соли 1921 аз даст дода, пурра тобеи амирони манғитияи Аморати Бухоро шуд» [67, 65].

Абдулкарим додхоҳ баъди шикастхӯрӣ бо аҳли оила ва наздиконаш аз ҷониби Амири Бухоро ба қатл мерасад. Амирбек Ҳабибов ин ҳодисаро чунин меорад: «Беки Ҳисор Абдулкаримхон дар ин мубориза шикаст хӯрда, ба паноҳи иттифоқчии худ амири Кӯлоб мегурезад. Амири Кӯлоб барои дуруст кардани муносибати худ бо Амир Музаффар Абдулкаримхонро бо 20 нафар тарафдоронаш ба дасти амири Бухоро медиҳад ва амир онҳоро ба қатл мерасонад» [37, 6].

Ҳангоме ки мардуми Ҳисор худро мустақил медонистанд ва ба аморати Бухоро тобеъ шуданро намехостанд, Амири Бухоро барои тарсонидани мардуми ин водӣ Абдулкаримро ба қатл мерасонад. Вақте мардуми Ҳисор ба амир муқобилият нишон медоданд, навкарони амир бадтарин ҷазоҳоро ба онҳо раво медиданд. Дар мақолаи «Страницы

истории» (Саҳифаҳои таърих), дар китоби «Гиссарская долина» (Водии Ҳисор) В. Савченко чунин овардааст, ки: «Сайёҳи фаронсавӣ Г. Бунвалот аз номи сокинони водии Ҳисор чунин навишта буд, ки амир барои тарсонидани душманҳояш 100 нафар одамони ин водиро сар бурида, дар Деҳнав аз сарҳои бурида қалъа сохт» [107, 4]. Ин бераҳмии аз ҳад зиёд ва инчунин воқеаи ба сари Абдулкарим омада мардумро ба ҳарос оварда буд, аз ин рӯ Ҳисор ба тобеияти Бухоро даромад.

Бино ба таҳқиқи муҳаққиқон, соли 1868 Яъқуббек қушбегӣ ҳокимияти мулки Ҳисорро соҳиб гардид, ки ба ӯ Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин ва Дарвоз тобеъ буданд.

Мувофиқи маълумотҳои муаррихон, баъд аз қатли беки Ҳисор Абдулкаримбий ҳокимияти сулолаи хонадони юзҳо дар Ҳисори Шодмон поён ёфт. Ин хонадон қариб ду аср ҳукмрони водии Ҳисор ва бекигарии он буданд. Асри XIX се нафар аз ин хонадонро Сайидбий атолиқ юз, писараш Сӯфибий ва Абдулкаримбий, ки зиёда аз 65 сол пайи ҳам ҳукм рондаанд, муаррифӣ намудааст.

Дар Ҳисор ҳокимҳо пайи ҳам иваз мешуданд. Остонақул қушбегӣ аввалин шахсе дар миёни ҳокимони Ҳисор буд, ки баъди амири Бухоро ба ҳукми қатл баровардан ҳақ дошт ва ягона ҳоким дар тамоми қаламрави кӯҳистони шарқии Бухоро ба ҳисоб мерафт, ки ба ордени императори рус сазовор гашта буд. Яъне қушбегии Ҳисор баъд аз Амири Бухоро дар ҷойи дувум меистод.

Баъд аз Остонақул дар Ҳисор бекҳо зуд – зуд иваз мешуданд. Авлиёқул қӯшбегиро охирин беки Ҳисор ном бурдан мумкин аст, зеро ӯ бо охирин Амири Бухоро Амир Олимхон ба Афғонистон гурехт: «Авлиёқул (дар Ҳисор) 6 сол ҳукмронӣ намуд, баъд ҳамроҳи Амир Олимхон ба Афғонистон фирор кард» [66, 8]. Амир Олимхон даҳумин подшоҳ аз сулолаи Манғитиён буд.

Водии Ҳисор аз ҷиҳати иқтисодӣ низ яке аз манотиқҳои пешрафта буд. Ин водӣ бо матои ҳарири ҳисорӣ, ки онро «алочаи абри қаротоғӣ» ном мебурданд, машҳур гашта буд. Дар асри XIX водии Ҳисор худро бо

озуқаю сӯзишворӣ, маъдан, маснуоти саноатию эҳтиёҷи рӯзгор пурра таъмин менамуд. Бо пиллапарварӣ, шоҳию моҳутбофӣ ва гӯсфанду аспҳои хушзоташ машҳур буд ва шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Ӯротеппа, Қӯқанд ва дигар шаҳрҳоро бо аспҳои хушзоташ таъмин менамуд.

Ҳунармандӣ ва косибӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ ва бофандагӣ машғулияти мардуми ин водӣ ба ҳисоб мерафт. Бофандагӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX хеле ривоҷ ёфта буд. Дар Қаротоғ махсусан алочаи он бо номи «алочаи абри Қаротоғ» машҳур буд. Дар мавриди шуҳрат ёфтани Ҳисор бо «алочаи абри Қаротоғ» таърихшинос Аҳрор Мухторов чунин мегӯяд: «Маҳсули кори бофандагони водии Ҳисор махсус алоча ё абри Қаратоғ (ин матоъ бо номи «Абри Ҳисор» низ машҳур аст) ба ҷойҳои дур мерафт ва яке аз манбаи муҳими даромади косибон буд» [76, 225]. «Абри Қаротоғ» либоси маъмулии ашрофзодагони Аморати Бухоро маҳсуб меёфт. Бофандагон матоъҳои гуногун аз қабили «чортеғ», «алочаи чортеғ», «алочаи чиғӣ», «алочаи сиёҳқор», «алочаи алифӣ», «алочаи маҳмадшоҳии зирагӣ», «сусӣ», «алочаи кӯлобии миёнкофта», «алочаи бойсунӣ», «алочаи кабутак», «алочаи пӯсти мор», «кори параха», «кори лолагӣ», «алочаи бекасаб» ва ғайра мебофтанд.

Оҳангарӣ низ яке аз машғулиятҳои аҳолии Ҳисор буд, ки он низ хеле ривоҷ ёфта буд. Ба корду шамшери устоҳои Қаротоғ сайёҳони асри XIX баҳои баланд дода, зикр кардаанд, ки ин қабил маҳсулот на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар дигар давлатҳо, аз ҷумлаи Эрон, Арабистон ва Туркия талабгорону ҳаводорони худро дошт.

Соҳаи дигари ниёзи ҳаррӯзаи мардум дӯхтани пойафзол аз қабили мӯза, маҳсӣ, кафш, хомак, мӯкӣ, чоруқ ва монанди инҳо буд. Мулки Ҳисор бо чорводорӣ машҳур буд ва ягона воситаи нақлиёт уштур, асп ва хар ҳисоб меёфт. Дуредгарӣ низ мисли касбҳои дигари ин мулк дар ривоҷ буд. Ҳисор инчунин дорои тӯпхона ва сиккахона (тангасозӣ) низ буд. Наққошон, устоҳои кандакор, хаттотон ва устоҳои гуногунсоҳа дар

ин мулк фаъолият доштанд. Инчунин, дар Қаратоғ ҳунари қаннодӣ ва ширавор аз қабили парварда, печак, ҳалвоҳои гуногун, аз шарбати ангур (шиннӣ) тайёр мекарданд, ки зеби дастархони мардум буд.

Ҳисор маркази муҳими илму адаб ва илму ирфон буда, олимони роҳи тариқат низ рӯ ба ҷониби ин водии зархез кардаанд. Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ (халифаи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанди Бухорӣ), Хоҷа Аҳрори Валӣ (халифаи Мавлоно Яъқуби Чархӣ), Шайх Ҳусайни Хоразмӣ, наберагони Махдуми Аъзам (Хоҷа Аҳмади Косонии Даҳбедӣ, шоир ва донишманд Мавлоно Қабули Бухорӣ аз ҷумлаи ин нафарон буданд. Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия, шоир, арбоби шариат ва раҳнамои роҳи тариқат барои дидорбинӣ бо Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба Ҳисор сафар намудааст. Ҳазрати Мавлавӣ Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валии Қандаҳорӣ – соҳиби “Маъдан-ул-ҳол” низ Водии Ҳисорро макони зист қарор дода буд, ки марқадаш дар деҳаи Роҳатӣ воқеъ аст.

Дарвоқеъ, Ҳисор мулки пуриқтидор, шуҳратманди Машриқзамин, дорои доираи адабию фарҳангӣ буда, бо аҳли илму адаби худ ва муассисоти фарҳангии худ шуҳрат дошт. Адибони ин водӣ на танҳо барои муаррифии адабиёти як гӯшаи Тоҷикистони имрӯз саҳм гузоштаанд, балки барои бою ғанӣ гаштани адабиёти тоҷику форс, дар маҷмӯъ тамоми форсизабонон хизмат намудаанд.

## 1.2.Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии ин давра

Водии Ҳисор яке аз нуқтаи муҳимми адабӣ буд, ки дар тӯли асрҳо донишмандон, шоирону орифон ва фозилони зиёдеро тарбия намудааст. Дар Ҳисор ҳанӯз аз қадим доираҳои адабӣ арзи вуҷуд доштанд. Асри XV ва XVI аз зумраи асрҳое буданд, ки доираи адабӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Маҳфил адибони зиёдеро ба ҳам оварда буд. Ҷунунии Ҳисорӣ, Ғарибии Ҳисорӣ, Туфайлии Ҳисорӣ, Фатҳии Ҳисорӣ, Зиллоҳи Ҳисорӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи шоирони хушсалиқаи Ҳисор буданд.

Адабиёти ин водӣ барои рушди адабиёти тоҷик таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Дар таҳқиқи доираи адабии Ҳисор Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Аҳрор Мухторов, Амирбек Ҳабибов, Собири Шоҳонӣ, Ғолиб Ғоибов, Зафар Дӯстов, Шодибек Собирӣ ва дигарон хизмати бениҳоят бузург кардаанд.

Ҳисор бо аҳли илму адаби худ ва муассисоти фарҳангии худ шуҳрат дошт. Дар ин водӣ аз ҷумлаи нафароне низ буданд, ки ба касби хаттотӣ майл доштанд. Бо вуҷуди ба ҳунари котибӣ машғул будан, инчунин ҳунари хуби шеърнависӣ низ доштанд. Муҳаммадризо бинни Оллоҳқулии Хонақоҳӣ, Мирмуҳаммадшариф бинни охунд Мулло Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Мулло Менглибои Ҳисорӣ, Мулло Мирзо Ҳамдами Балхӣ ибни Мулло Абдулвоҳид, Мулло Хоҷабадал ибни Хоҷа Исҳоқи Ҳисорӣ, Мулло Сайидабдунабӣ ал-Ҳисорӣ, Шайх Муҳаммадраҳими Давлат – мулаққаб ба Ҳазрати Бузургвори Элокӣ - шоир ва орифи шӯрида, Мулло Абдусалом ибни Мулло Неъматулло ал-Хоразмӣ ал-Хонақоҳӣ, Мирзо Абдуллоҳи Ҳисорӣ, Хоҷа Абдулатифи Ҳисорӣ аз зумраи ин нафарон буданд.

Доираи адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX низ дар авҷи нумӯъ буд. Муҳаммад Бадеъ бинни Муҳаммадшарифи Малеҳои Самарқандӣ (1650) дар асараш «Музаккир ул-асҳоб», ки соли 1729-1730 китобат шудааст, оид ба яке аз аҳли адаби Ҳисор Мулло Сабрии Ҳисорӣ маълумот додааст. Бино ба гуфтаи Малеҳо, дар паҳлӯи Гӯри Мир дар Самарқанд

мадрасае вуҷуд дошт. Мулло Сабрии Ҳисорӣ аз ҷумлаи шуароест, ки дар ин мадраса таҳсил кардааст [90, 165].

Дарбори ҳокимони Ҳисор низ маконе буд, ки шоирону донишмандон ҷамъ меомаданд. Масалан, дар замони ҳокимияти Абдулкаримхон, ки соли 1850 беки Ҳисор тайин шуда буд, шоирони зиёде, монанди Мулло Раҷаби Парӣ, Мулло Эсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон ҷамъ омада, маҳфилҳои адабӣ барпо мекарданд. Амирбек Ҳабибов дар ин масъала менависад: «Дар замони ҳоким Абдулкарим шоирони зиёде дар дарбори ӯ ва берун аз он дар деҳа ва қишлоқҳои Ҳисор ба майдони адабиёт омада, як доираи адабии маҳаллии худро ташкил медиҳанд» [37, 7].

Ин маҳфили адабӣ баъд аз қатли Абдулкаримхон пароканда гардид. Баъдан дар замони мирии Яъқуби Кибор ва Сатторқулибӣ ин маҳфили адабӣ аз нав эҳё мегардад.

Водии Ҳисор аз аҳди қадим диёри шуарову уламову фузало, орифону доноён ва удабо буда, алалхусус асри XIX доираи адабии Ҳисор яке аз давраҳои пурарзиш маҳсуб меёбад. Ин қарн бисёре аз шахсиятҳоро рӯйи кор овард, аз ҷумла Мулло Муҳаммад Шарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, домулло Ҳоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Ҳисорӣ, Музмар, Ҳазини Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқ Ёвқотчии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Мавлавии Ҷунунӣ ва чандин нафарони дигар аз адибони Водии Ҳисор ҳастанд, ки эҷодиёти ҳар яке шоистаи таҳқиқи ҷудогона аст.

Донишманди тоҷик Амирбек Ҳабибов, ки мероси адабии шоирони кӯҳистонро мавриди таҳқиқ қарор додааст, дар бораи доираи адабии Ҳисор маълумот дода, робитаи адабии онро бо маркази адабии Бухоро дар асрҳои XVIII-XIX таъкид намудааст [37, 9]. Амирбек Ҳабибов дар асараш бо номи «Ганҷи парешон» оид ба 63 шоирони кӯҳистон маълумот додааст, ки аз онҳо се нафарашон шоирони ҳисорӣ, аз қабили Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ ва Мирзо Мурассаи Ҳисорӣ мебошанд, ки дар асрҳои XVIII – XIX зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Дар асари дигараш

бо номи «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» оид ба 21 нафар шоирони ҳисорӣ маълумот додааст, ки аз онҳо чор нафарашон шоирони асрҳои XVIII – XIX мебошанд. Асари дигараш, ки бо номи «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ҳамчун муаррифгари шоирони асрҳои XVIII – XIX мебошад, дар он маълумот оид ба 15 нафар шоирони ҳисорӣ оварда шудааст. Шоироне, ки дар асари охирин ном бурда шудаанд, ҳама намояндагони асрҳои XVIII – XIX- и водии Ҳисор маҳсуб меёбанд.

Илова бар ин, дар ин давра шоироне ҳастанд, ки девонҳои онҳо аз байн рафтаву номи баъзеи онҳо дар ягон маъхазу тазкираҳо қайд нагардидаанд. Вақте ки вилоятҳои тоҷикнишин, ба монанди Ҳисор, Ӯротеппа, Кӯлоб, Қаротегину Дарвоз ба аморатҳо, аз ҷумлаи Бухоро, Фарғона ва Хоразм, ки давлатҳои феодалии нисбатан мутамарказ буданд, тобеъ намешуданд, ҳам вазъи сиёсӣ ва ҳам вазъи адабӣ дар ҳолати парокандагӣ буд. Ин боис гардид, ки номи баъзе шоирони кӯҳистон аз мадди назарҳо дур монанд, номи баъзеи онҳо ба сабаби дар ягон сарчашма зикр наёфтан аз миён рафтаанд. Аз сӯйи дигар, аз баъзе шоирони соҳибдевон танҳо як ғазал ё як мухаммас боқӣ мондааст, ки сабабаш дар доираҳои хурд-хурди адабии маҳаллӣ амал кардани онҳо мебошад.

Шоирони Бухорои Шарқӣ ба Бухоро рафтан имконият надоштанд. Онҳо дар деҳаву зодгоҳи худ дар атрофи ҳокимони маҳаллӣ фаъолият намуда, доираҳои адабӣ ташкил мекарданд. Маҳфилҳои адабӣ дар Ҳисор, Кӯлоб, Ӯротеппа, Хуҷанд, Кеш, Қаротегин, Дарвоз ва Бадахшону Зарафшон амал мекарданд. Дур будани ин гуна марказҳои адабӣ боис гардид, ки шоирони зиёд ба тазкираҳои адабӣ ва маҷмӯаҳои шоирон дохил нашудаанд. Сабабҳои дур мондани шоирони кӯҳистон аз марказҳои илмӣ ва шаҳрҳои марказӣ дар камбағалӣ ва қашшоқии онҳо низ буд.

Шоироне, ки дар маҳалҳо зиндагӣ мекарданд, ашъорашон холӣ аз мадҳу санои амирон буд. Мавзӯи ашъори онҳо бештар ба мавзӯъҳои шикоят аз қашшоқӣ, зулми золимони замона, беқадрии аҳли ҳунар,

панду ахлоқ ва ишқ бахшида шудаанд. Амирбек Ҳабибов номи даҳҳо шоиронро, ки дар ин аҳд саҳифаҳои таърихи адабиёти тоҷикро рангин сохтаанд, ном гирифтааст, ки Мирзо Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Фориғ ва Мирзобобои Ҳисорӣ аз он ҷумлаанд: «Танҳо дар охирҳои асри XVIII, асри XIX ва ибтидои асри XX аз сарзамини тоҷикон зиёда аз 400 нафар шоирон дар майдони адабиёт ҳунарнамоӣ кардаанд, ки девони ашъор ва осори дигари адабии аксарияти онҳо дастраси мо шудааст» [39, 6].

Бино ба гуфтаи Амирбек Ҳабибов, дар асрҳои XVI, XVII, XVIII, XIX ва ибтидои асри XX садҳо шоирони боистеъдод аз кӯҳистон баромадаанд, ки бо ашъори худ миёни мардум шуҳрат доштанд.

Чӣ тавре ки маълум гашт, адабиёти тоҷик дар ҳеҷ давра хомӯш набуд ва дар ҳама гӯшаву канори маҳалҳои тоҷикнишин чароғи адабиёти тоҷик фурӯзон буд. Гулбоғи адабиёти Ҳисорро шоирон Ирсӣ, Мирзо Бобо, Ҷазбӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Музмар, Банда, Розӣ, Дабир, Шариф, Хатиб, Ғамгин, Холӣ, Бисмил ва дигарон рангин кардаанд.

Дар асрҳои XVIII-XIX водии Ҳисор аз ҷумлаи муҳимтарин маркази адабии тоҷикон, баъд аз марказҳои Бухорову Самарқанд ба шумор мерафт. Баъзе аз суханварони соҳибноми асрҳои XVIII-XIX-и ин водиро барои тақвияти гуфтаҳои хеш муаррифӣ мекунем, аз ҷумла:

Мулло Муҳаммадраҷаб Парии Ҳисорӣ миёни аҳли адаб, уламову фузалои замони худ мақоми бузургеро соҳиб буд, чунки ӯ шоир дар латофати табъ ва балоғати сухан хеле пурқувват буд. Шоирону адибон Парии Ҳисориро «маликушшуаро»- и қарни XIX- и доираи адабии Ҳисори Шодмон хондаанд.

Осор ва аҳволи зиндагии Парии Ҳисорӣ дар маъхазҳо дар шакли номукаммал дарҷ гардидааст. Сабаб он буд, ки Парии Ҳисорӣ чун даҳҳо шоирони боистеъдоди навоҳии кӯҳистон аз марказҳои маъмурӣ ва адабӣ дур буд.

Тазкиранависон соҳибдевон будани шоирро қайд кардаанд. Эҷодиёти Парии Ҳисорӣ аз ғазал, мухаммас, қитъа ва рубоӣ иборат буда, аз ӯ 60 ғазал, 7 мухаммас, 3 таърих ва 1 достон бо номи

«Зафарнома» боқӣ мондааст: «Девони комили шоир то ба имрӯз дастрас набошад ҳам, ашъораш дар тазкираву баёзҳои бисёре ҷой дода шудаанд» [55, 133].

Ашъори шоир ба шакли пароканда дар маҷмӯаву дастнависҳо, ҷунгҳои қаламӣ ва сарчашмаҳои адабиву таърихӣ мавҷуд аст. Дар ин хусус Саидмурод Эшзода дар сарсухани «Ашъори мунтахаб»-и Парии Ҳисорӣ» менависад: «Боиси таассуф аст, ки аз як шоири бузурги соҳибдевон тақрибан 870 байт то имрӯз ба ёдгор монда, боқимонда ашъори шоир бебозгашт аз миён рафтааст» [25, 4].

Дар замони зиндагии Парӣ Абдулкаримхон ном шахси бофарҳанг ҳокими Ҳисор буда, шахси хеле шеърдӯсту шоирпарвар буд. Аз ин сабаб Абдулкаримхон дар дарбораш маҳфили адабӣ дошт ва Парии Ҳисорӣ сарварии ин маҳфилро ба ӯҳда дошт. Парии Ҳисорӣ достоне бо номи «Зафарнома» дорад, ки ба ин ҳоким бахшидааст:

**Парӣ ҳам дар ин шева дорад саре,**
**Ки орад зи баҳри хирад гавҳаре.**
**Чӣ дафтар? «Зафарнома»-и пур зи фан**
**Ба номи валинеъмати хештан.**
**Нигорад ба имдоди табъи салим**
**Ба парвоначӣ бийи Абдулкарим.**
**Шаҳи покгавҳар, муқаддассифот,**
**Зи бурҷи саодат чу хуршеди зот [25, 123].**

Дар замони ҳукмронии Абдулкаримбӣ зиндагӣ ва эҷод кардани Парии Ҳисориро Мирзо Абдулазими Сомӣ низ собит кардааст. Ин нуктаро муҳаққиқ Субҳон Амирқулов чунин шарҳ додааст: «Тибқи маълумоти Сомӣ, дар маҳфили адабии Ҳисори Шодмон ҳокими ин вилоят Абдулкаримбӣ, ки шахси шеърдӯст буд, аз шоири номии ин диёр Мулло Раҷаб Парии Ҳисорӣ хоҳиш мекунад, ки дар васфи гул ғазале гӯяд ва ӯ воқеан дар радифи «**гули сурх**» як ғазали аҷиб мегӯяд» [56, 23].

Ғазали зерин дар китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор» пурра оварда шудааст, ки чунин аст:

**Дар чаман дод агар файз баҳорон гули сурх,**

**Мижа аз хуни дилам рехт ба домон гули сурх.**

**На ҳамин дидаи мо маҳви тамошои ту буд,**

**Рафтӣ дар боғу шуд аз рӯи ту хандон гули сурх [37, 90].**

Парӣ дар деҳаи Булоқсайидони водии Ҳисор таваллуд шуда, тӯли 60 сол (солҳои 1803-1863) дар дарбори ҳокимони ҳамонвақтаи Ҳисори Шодмон хидмат кардааст. Парии Ҳисорӣ кареҳ-ул-башара, яъне хунукбашара (ба ибораи мардумӣ чӯтур) будааст. Фузалои Бухоро Парирo ба ҳусни гуфтораш мафтун шуда, ба Бухоро металабанд. Парӣ ин байтро дар ҷавоби эшон мефиристад:

**Парӣ чун равғани поки Бухоро**

**Шунидан дораду дидан надорад [27, 163].**

Соли таваллуди Парии Ҳисорӣ миёнаи солҳои 70-80-уми асри XVIII тахмин карда шудааст. Ӯ дар пайравии ғазалҳои Мирзо Бедил ғазал месуруд. Муҳаққиқи таърихшинос Ғолиб Ғоибов то соли 1863 дар қайди ҳаёт будани Парирo зикр кардааст [63, 85].

Ду ғазали шоир ба репертуари «Шашмақом» дохил шудааст ва намунаи як ғазали ӯ чунин аст:

**Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,**

**Дар барам ояд бубинам, то биёяд боварам…**

**Пайкарам аз захми шамшери ту дорад обрӯ,**

**Обрӯ то субҳи маҳшар кам мабод аз пайкарам [50, 220].**

Натанҳо ашъори Парӣ, балки як қисми ашъори хуби шоирони кӯҳистон, ки дорои анъанаҳои адабиёти классикӣ мебошанд, ба мусиқии классикии – «Шашмақом» дохил шудаанд. Дар ин хусус Амирбек Ҳабибов чунин меорад: «Ғазалҳои Парии Ҳисорӣ, Дабирии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Ғиёсии Бадахшонӣ, Баҳриддини Дарвозӣ, Ҳоҷии Кӯлобӣ ва ғайра аз қабили ҳамин гуна ғазалҳоянд, ки ба хазинаи миллии «Шашмақом»-и тоҷик дохил шудаанд» [39, 5].

Оид ба соҳибдевон будани Парӣ Саидмурод Эшзода чунин меорад: «Сайёҳи рус Н. Маев, ки соли 1873 ба Ҳисор омада буд, дар хотироташ менависад, ки ӯ девони шоирро дидааст» [25, 23]. Ашъори парокандаи шоир дар якчанд баёзу маҷмӯаҳои мавҷудбудаи Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Академияи илмҳои СССР дар Ленинград, Институти дастнависҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Гурҷистон, Институти забон ва адабиёти Туркманистон, Китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрин, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Университети давлатии Самарқанд дарёфт гардидааст, ки 61 ғазал (447 байт), 8 мухаммас (120 байт), 3 таърих (15 байт), як маснавӣ (101 байт), ки дар маҷмӯъ 683 байтро ташкил медиҳад, ёфт гардидааст. Маснавии «Зафарнома»-и шоир пурра дастрас гардидааст.

Соҳибдевон будани Парии Ҳисорӣ аниқ аст, зеро шоир ишора бар соҳибдевонии худ низ кардааст:

**Намуд аз шавқ иншо баски васфи ҳусни гулрӯе,**

**Ба девони Парӣ з-он ин ғазал гул бар сар афтода [37, 102].**

Аз Ҳисори Шодмон будани Мулло Раҷабро‍ чандин тазкиранависон зикр кардаанд, аз ҷумла Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб», Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ дар манзумаи «Миръот-ул-хаёл», Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик». Масалан, Возеҳ дар асараш чунин овардааст: «Парӣ-тахаллуси Мулло Раҷаби Ҳисорист» [48, 76].

Байти зер аз Ҳисор будани Париро исбот мекунад:

**Нашъа нопайдост по дар шиша ҷо дорад Парӣ,**

**Аз расоиҳо чӣ пурсӣ дар Ҳисорам кардаанд» [37, 77].**

Шоири дигари ин давра, ки аз ҳамасрони Мирзо Ҳасрати Ҳисорист, Мирзо Мурассаъи Ҳисорӣ мебошад. Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар нусхаи қаламии рақами 1256 (варақи 27-29) як мухаммаси шоир арзи вуҷуд дорад, ки мухаммас ҳамчун ширу шакар ба забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст. Амирбек Ҳабибов ин нусхаро

баррасӣ карда, чунин зикр намудааст: «Мирзо Мурассаъ табъи шоирии хеле хуб дошта, шеърро ҳамчун Парии Ҳисорӣ фаҳмо, хушоҳанг ва бо калимоти соддаву равшан менавиштааст» [25, 292].

Сабаби Мирзо тахаллус гирифтани шоирро Амирбек Ҳабибов дар мирзои хаттот будани ӯ медонад. Аз Мирзо Мурассаъ танҳо як мухаммас боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ганҷи парешон»-и Амирбек Ҳабибов оварда шудааст. Амирбек Ҳабибов танҳо қисми тоҷикиашро овардааст ва сабаби наовардани қисми забони ӯзбекиашро чунин шарҳ додааст: «Мухаммаси мазкурро барои надонистани забони ӯзбекӣ танҳо қисми забони тоҷикиашро гирифтем»:

**Эй ба хубӣ шуҳраву якто ба мулку баҳру бар,**

**Зулф дилкаш, ноз беҳад, чашм чун бодоми тар,**

**Рамзогаҳ, шӯхи маҳшарҷилваи бедодгар,**

**Аз ниқоби он ҷабин ҷонсӯз гардад ҷилвагар [39, 293].**

Шоири дигари ин аҳд Фориғи Ҳисорӣ аст, ки аз зумраи намояндагони доираи адабии Ҳисор буда, ҳамасру ҳамзамони шоир Мирзо Ҳасрат мебошад. Аз сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ин шоир маълумоти назаррасе ба даст наомадааст. Исми пурраи шоир маълум нест. Аз шоир девоне боқӣ мондааст, ки бо дасти худи шоир китобат шудааст. Девони шоир дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 892 маҳфуз буда, аз 120 варақ иборат мебошад. Ҳар варақ дорои 29 – байт аст, ки ашъори пурраи шоир 2200 байтро ташкил мекунад. Девон аз ғазалиёт, мухаммасот, таърихҳои эҷодкардаи шоир иборат буда, ягон рубоӣ дар он дида намешавад.

Фориғ девони ашъорашро дар замони ҳукмронии Сатторқулибой ҳокими Ҳисор соли 1271- и ҳиҷрӣ/1855 - и мелодӣ мураттаб намудааст, ки дар шеъраш инро зикр кардааст:

**Саъйҳо кардам ба фикри шеър дар айёми умр,**

**Рехт бороні маонӣ аз дили ман чун саҳоб.**

**Хусрави Сатторқулибӣ додхоҳи оҷизон**

**Буд аз нури ҳидоят ҷабҳаи ӯ офтоб.**

**Сояи тарбияти худ аз сари ман барнадошт,**

**То ки бастам иқдҳои назм чун дурри хушоб.**

Дар мисраи охирини ин шеър калимаи «Фориғ» омадааст, ки ин тахаллуси шоир аст. Калимаи «Фориғ» ба ҳисоби абҷад рақами 1281 мешавад, ки ин моддаи таърих буда, аз он адади ҳарфи (ё), ки ба ҳисоби абҷад 10 аст, тарҳ кунем, адади 1271/1855 ҳосил мешавад, ки мурод аз соли китобат шудани девони шоир аст:

**Гар шавад берун ҳуруфи ё (ی) аз рӯи адад,**

**Ҳосил аз лафзи тахаллус ҳаст таърихи китоб.**

**Баски дар роҳи тараддудҳои имояш гудохт,**

**Нест Фориғро ба зарфи ҳастии худ ҳеҷ об [39, 274].**

Ватани шоир, яъне зодгоҳаш аз шеърҳои худи шоир маълум аст. Шоир дар шеъри дар боло зикршуда, дар замони ҳукмронии Сатторқулибӣ умр ба сар бурданашро зикр кардааст. Сатторқулибӣ дар Ҳисор ҳукм меронд. Пас маълум мешавад, ки Фориғ сокини Ҳисор буд.

Шоир дар Ҳисор таҳсили ибтидоиро гирифта, дар мадрасаи шаҳри Марғинон (Марғелон) таҳсилашро давом додааст. Баъд аз таҳсили мадраса Фориғ ба зодгоҳаш Ҳисор бармегардад. Аз ғазалҳои шоир аён аст, ки Фориғ умрашро ба сахтӣ гузаронидааст. Замони зиндагии Фориғ охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX буд ва ин асрҳо замоне буд, ки на як Фориғ, балки тамоми шоирон ва шахсони аҳли фазлу дониш, ки дар ин давра зистаанд, дар талхӣ ва нокомӣ, оворагардӣ умр ба сар бурдаанд. Ин шеъри Фориғ бар он далел шуда метавонад, ки шоир дар бенавоӣ ва бечорагӣ умр ба сар бурдааст:

**Ба хок афтодаву хору заифу зор ман бошам,**

**Ҳақиру бенавову хаставу афгор ман бошам.**

**Мусибатдидаву мотамкашида, хунидилхӯрда,**

**Наҳифу кулфатандуду ба меҳнат ёр ман бошам [39, 276].**

Таърихи вафоти шоир дар Ҳисор сурат гирифтааст. Фориғро яке аз пешқадамтарин шоири асри XIX шумурдан хато нест. Ин нуктаро

Амирбек Ҳабибов чунин баён кардааст: «Фориғ яке аз намояндагони барҷастаи доираи адабии нимаи аввали асри XIX - и Ҳисор буда, ғоя ва мазмуни ашъораш аз шоири пешқадами замони худ будани ӯро шаҳодат медиҳад» [39, 278].

Шоири дигари нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX- и Ҳисор Комили Ҳисорӣ мебошад. Комил соли 1831 дар ноҳияи ҳозираи Файзобод, ки он вақт ба вилояти Ҳисор тобеъ буд, ба дунё омадааст. Дар Захираи дастнависҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон баёзе таҳти рақами 786 маҳфуз мебошад, ки дорои 200 варақ буда, аз соли 1331/1915 то соли 1339/1923 бо дасти писари Комил китобат шудааст. Баёз аз ашъори шоирони асри XIX аз қабили Возеҳ, Икром, Фитрат, Сират, Ҳайрат, Дониш, Айнӣ, Фазлӣ, Оҷиз ва бисёр шоирони дигар иборат буда, бештари онро ашъори Муҳаммад Комили Ҳисорӣ дар бар мегирад. Дар баёз 56 ғазал, 7 мухаммас, 3 қасида, 2 наът ва як рубоии Мулло Комил бо тарҷумаи ҳоли мухтасари он зикр ёфтааст. Ин нусхаро девони номукаммали шоир ҳисобидан мумкин аст.

Девони пурраи ашъори шоир дар Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон зери рақами 5329 маҳфуз аст. Амирбек Ҳабибов бар он ақида аст, ки девонро худи шоир тартиб додааст: «аз он ҷое, ки баъзе мисраъ ва байтҳо дубора ислоҳ карда шудааст, нусхаи дастхати худи шоир менамояд» [39, 283].

Шоир Мӯсои Бадахшонӣ (тахаллус Мухлис) дӯст ва шарикдарси шоир Комили Ҳисорӣ буд. Тазкиранависон Мир Сиддиқи Ҳашмат, Неъматуллоҳи Муҳтарам, Афзали Пирмастӣ, Абдуллохоҷаи Абдӣ, Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ доир ба шоир Комили Ҳисорӣ маълумот додаанд. Аз сабаби он ки шоир дар дарбори ҳокими Кармина Абдулаҳадхон ҳамчун мӯҳркан адои вазифа намудааст, аз ашхоси бонуфузи дарбори ӯба шумор мерафт. Шоир умри худро дар хизмати ин амир гузаронидааст. Комили Ҳисорӣ соли 1334 - ҳиҷрӣ /1915 аз олам чашм пӯшидааст.

Ашъори Комилро Амирбек Ҳабибов суст ва беобуранг ба қалам додааст ва сабаби инро муаллиф дар он мебинад, ки қисми зиёди ашъори шоир фармоишӣ ва мадҳу ситоиш мебошад: «Аксари ашъори шоир Комил мазмуни мадҳия доранд, ки ба мадҳи Абдулаҳад гуфта шудаанд» [39, 289]. Садри Зиё оид ба шоир чунин мегӯяд: «Комил тахаллуси волои қозӣ Комили ҳисорист, ки шоири моҳири махсуси Абдулаҳадхон аст. Қабл аз ҷулуси салтанат (пеш аз ба тахт нишастани ин амир) – дар аснои ҳукумати вилояти Кармина ба хидматаш расида, тарбия дида ва марҳаматҳо ёфта, баъд аз ҷулуси амири мазкур ба қатори қозиён мунсалик гашта (даромада), дар бораи зердастон доди бемурувватиро дода» [26, 60]. Ин ғазали Комили Ҳисорӣ дар асари таърихии Аҳрор Мухторов «Ҳисор» оварда шудааст:

**Ҷигаррешам, кабобам, дилфигорам, ахгари ишқам,**

**Сиришкам, нолаам, доғам, сипанди миҷмари ишқам.**

**Асирам, бенаво афтодаам дар кӯи ғам, ё Раб,**

**Гирифторам, адоям, ошиқам, сардафтари ишқам [76, 60].**

Шоир Тошхоҷа Ирсӣ аз вилояти Ҳисор буда, дар Бухоро таҳсили илм намудааст. Дар бораи рӯзгор ва осори шоир Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Садриддин Айнӣ, Амирбек Ҳабибов, Расул Ҳодизода ва Абдусалом Деҳотӣ маълумот додаанд. Масалан, Возеҳ дар асараш «Туҳфат-ул-аҳбоб» аз Ҳисор будани шоирро таъкид кардааст [48, 114].

Ашъори шоир дар баёзу ҷунгҳо, тазкираву маҷмӯаҳои давр дарҷ гардидааст. Соҳибдевон будани шоир маълум нест. Аз шоир 10 ғазал (87 байт), 4 мухаммас (68 байт), як қитъа (2 байт) ва байти пароканда, ки ҳамагӣ 161 байтро дар бар мегирад, боқӣ мондааст. Номи шоир Тошхоҷа буда, Ирсӣ тахаллуси ӯст. Ирсӣ шоири нимаи дувуми асри XVIII - и Ҳисори Шодмон буда, аз ҳамасрони Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ ва Фориғи Ҳисорӣ мебошад.

Ирсӣ зиндагиашро қашшоқона гузаронидааст. Ҷараёни зиндагии шоир маълум нест, чунки аз ӯ ашъори хеле кам боқӣ мондааст. Ирсиро дар аксар баёзу маҷмӯаҳо Бобо Ирсӣ ном бурдаанд. Мавзӯи ашъори

шоир Ирсӣ бештар ба ҳаёти қашшоқонаи мардуми камбағал бахшида шудааст, ки ин масъала дар ашъори зиёди шоирони асри XVIII ва XIX-и Ҳисор, аз ҷумлаи Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ ва дигарон дида мешавад. Ин ақидаро Амирбек Ҳабибов чунин менигорад: «Шоирони Ҳисор аз ҷумла Парӣ, Мирзо Ҳасрат, Фориғ ва хусусан Бобо Ирсӣ ҳаёти вазнини мардум, зиндагии шахсии худро бештар тасвир намуда, ба масъалаҳои ҳаётии замонашон зиёдтар аҳаммият додаанд» [37, 122]. Ин абёти ғазали Ирсӣ тақвиятгари ин андеша аст:

**Намедонам чӣ созам дар ҷаҳон бо доғи нобудӣ?**

**Илоҳӣ гум шавад дар ҳар ду олам номи нобудӣ!**

**Дарахти нестӣ ҷуз меваи ғам бар намеорад,**

**Касе бисёр беҳиммат шавад аз дасти нобудӣ [37, 127].**

Шоири дигари ин аҳд Қории Ҳисорӣ дар деҳаи Нилкони Ҳисор соли 1800 ба дунё омада, дар Бухоро таълим гирифтааст. Баъд аз хатми мадраса дар яке аз мадрасаҳои Бухоро мударрис шуда, ба хаттотӣ низ машғул будааст. Соли 1845 ба мамлакатҳои хориҷ ба мақсади саёҳат рахти сафар мебандад. Баъди бозгашт дар мадрасаи Қӯқанд мударрис шудааст. Дар маҳфилҳои адабии хаттотон ширкат намуда, бо яке аз шоирони Қӯқанд Муҳйии Қӯқандӣ дӯстӣ пайдо менамояд. Сипас, Қории Ҳисорӣ аз Қӯқанд ба Конибодом омада, он ҷо дар мадрасаи Хоҷа Рӯшноӣ мударрисӣ мекунад. Шоир соли 1884 аз олам чашм мепӯшад.

Қории Ҳисорӣ дар санъати хаттотӣ шуҳрат доштааст, ки Нӯъмон Неъматов дар ин бора чунин менависад: «Шоир одами сайёҳ буд ва ба бисёр мамлакатҳо сафар кардааст, аз устодони хаттоти ин маҳалҳо таълим гирифтааст» [80, 73]. Турдӣ Алии Қӯқандӣ, хаттот ва мусиқинавоз Абдуғафур Махдуми Булбули Хуҷандӣ аз шогирдони мактаби хаттотии Қории Ҳисорианд.

Абдуғафур Махдум Булбули шоир, ки яке аз шогирдони содиқи Абдуллатиф буд, қитъаҳои устодашро ҷамъ овардааст. Шоир соҳиби як писар будааст. Ин банди шеърӣ аз Қорист:

**Дарди мани дилхаста ба дармон кӣ расонад?**

**Кори мани бечора ба сомон кӣ расонад?**

**В-аз мӯр саломе ба Сулаймон кӣ расонад?**

**В-аз мурғ паёме ба гулистон кӣ расонад? [118, 18].**

Шоири дигари охири асри XIX ва ибтидои асри XX Мулло Саид Акрамхоҷаи Ҳисорӣ мебошад, ки ғайр аз шоирӣ шуғли табибӣ низ доштааст. Шоир бо тахаллуси Ғарибӣ шеър мегуфтааст. Ҳаким Ғарибӣ дар табибӣ хеле машҳур будааст. Шоир барои тӯйи мулло Мир Бадриддини қозикалон ном шахсе мадҳияе сурудааст, ки ин аст:

**Ба шом қоим будам дар намозам,**

**Биёмад савти хушовози созам.**

**Зи хушнудӣ надонистам, чи рафтам,**

**Дар он дорулқазо худро бидидам.**

**Аҷоибу ғароибу тамошоҳо бикардам [26, 57].**

Аз шуарои дигари ин аҳд Фавқии Ҳисорист, ки номаш Мискин буда, Фавқӣ тахаллуси адабии ӯст. Шоир дар шеърҳояш бо чандин тахаллус худро ном бурдааст, аз ҷумлаи Фавқӣ, Мискини Ҳисорӣ ва гоҳо Ҳисорӣ. Шоир ба Самарқанду Миёнкол (Каттақӯрғон) мусофират кардааст.

Ин ҷо зикр кардан лозим меояд, ки дар доираи адабии Ҳисори Шодмон номи ду шоир Мискин ва Мискини Ҳисорӣ (Сайқалӣ) омадааст. Аз Фавқии Ҳисорӣ танҳо як достон бо номи «Раъно ва Сухангул» боқӣ мондааст. Достон мазмуни ишқӣ дошта, аз 33 варақ иборат мебошад ва 1122 байтро дар бар мегирад. Дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон достони «Раъно ва Сухангул»-и Мискини Ҳисорӣ таҳти рақами 1889/II мавҷуд аст, ки бо забони ӯзбекӣ навишта шудааст. Муҳаққиқи адабиёти доираи адабии Ҳисор А. Ҳабибов қайд кардааст, ки азбаски достон бо забони туркӣ навишта шудааст, бинобар он достонро пурра нахондааст: «Камина котиби ин сатрҳо барои надонистани забони туркӣ ба мутолиаи пурраи нусхаи мазкур муваффақ нашуд» [38, 27]. Достон бо ин байт сар мешавад:

**Ки бисмиллоҳ билан бошлан тузумлӣ,**

**Ки раҳмони раҳим асрор узумлӣ [32, 16].**

Баъзе сарчашмаҳо зодгоҳи ӯро деҳаи Мавлонҷар медонанд. Ин байт аз достони мазкур аст:

**Ҳозо роқими ҳақири ночор,**

**Мискини Ҳисории дилафгор [9, 50].**

Мирзо Бобо ибни Домулло Сафармуҳаммади Ҳисорӣ аз шуарои дигари ин давраи Ҳисор аст. Бобо ном ва тахаллусаш Бақо буда, бо сабаби мирзогӣ карданаш ӯро бо лақаби Мирзо ном мебурданд. Шоир тахминан солҳои 1831 дар Ҳисор таваллуд ёфтааст. Падараш Домулло Сафармуҳаммад марди бохатту савод буда, зиндагиашон қашшоқона мегузаштааст.

Аз Мирзо Бобо «Ёддошт» боқӣ мондааст, ки ин асар тарҷумаи ҳоли худи Мирзо Бобо мебошад. Ин нусхаи дастхат зери рақами 1428 дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст. «Ёддошт»-и Мирзо Бобо 22 соли умри шоирро дар бар гирифтааст. Мирзо Бобо ҷараёни зиндагии худро аз соли 1268/1851 то соли 1290/1873 дар «Ёддошт»-и худ нақл намудааст ва аз ин таърих фақат 22 соли умри шоир равшан аст. Аз рӯйи ақидаи Амирбек Ҳабибов, шоир «Ёддошт»-ашро дар охири умраш эҷод намудааст: «Аз рӯйи байти зерини дар муноҷот овардаи Мирзо Бобо чунин менамояд, ки ӯ ба пирӣ расида ва ин «Ёддошт»-ро низ дар замони мӯйсафед буданаш навиштааст:

**Ба ин рӯйи сиёҳу мӯсафедӣ,**

**Надорам тӯша ҷуз бори умеде [37, 136].**

Ин ҷо порае аз қасидаи Мирзо Боборо меорем, ки ба яке аз девонбегиҳои Ҳисор бахшида шудааст:

**Бувад пиёлаи умрат пур аз шароби шавқ,**

**Маю сурохии ваҳдат насиби коми ту бод.**

**Калиди нутқи фақирон кароматӣ ту бувад,**

**Сафои хотирам аз илтифоти оми ту бод [99, 77].**

Шоир дар шеърҳояш Бақо тахаллус кардааст ва дар охири ин қисса тахаллуси шоир зикр гардидааст:

**Зи кайфияти ӯ Бақои ҳақир,**

**Умед аст гардад яли шергир [37, 171].**

Ҷазбӣ аз шоирони дигари ин давраи Ҳисор аст, ки мутаассифона, аҳволи зиндагиаш норавшан аст. Аз ин ҷо, ки ба чандин ғазалҳои Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва Парии Ҳисорӣ пайравӣ кардааст, тахмин кардан мумкин аст, ки аз намояндагони нимаи аввали асри XIX- и водии Ҳисор аст. Ҷазбӣ аз шоирони соҳибноми ин давра мебошад, зеро ду ғазали ӯ ба «Шашмақом» дохил шудааст. Дар бораи ҳисорӣ будани шоир А. Ҳабибов чунин мегӯяд: «Ватан ва ҷойи ғурбати Ҷазбӣ низ маълум нашуд. Аммо аз сабки шеъри ӯ чунин тахмин меравад, ки вай аз водии Ҳисор буда, дар Хӯқанду Фарғона ба ғурбат афтодааст» [125, 108].

Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳои асри XIX ва ибтидои асри XX хеле зиёд аст. Девони нопурраи шоир аз 74 варақ иборат буда, 1600 байтро дар бар мегирад. Девон дар захираи дастхатҳои собиқ китобхонаи ба номи Фирдавсӣ (ҳозира Китобхонаи миллӣ) маҳфуз аст. Соли китобат шудани нусхаи зикршуда ба соли 1297/1879 рост меояд. Дар Захираи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фотонусхаи ин девон таҳти рақами 225 қарор дорад.

Ҷазбӣ дар яке аз мадрасаҳои шаҳрҳои Мовароуннаҳр таҳсили илм кардааст. Шоир умри зиёд дида, ба пирӣ расидааст. Ҷазбӣ аслан бо ду забон шеър гуфтааст, тоҷикӣ ва туркӣ. Ашъори шоирро ғазал ва мухаммасот дар бар мегирад, ки бештар аз мазмуни шеърҳои шоир пай бурда мешавад, ки мавзӯи шеърҳои ӯ ба табиат, ишқ ва панду насиҳат бахшида шудааст. Инак ду байти ғазали шоирро ба таври намуна меорем, ки ин ғазал дар «Шашмақом» дохил шудааст:

**Шамси Ховар хонамат ё моҳи тобон хонамат?**

**Марҳами дил хонамат ё роҳати ҷон хонамат?**

**Кас надидаст одаме бо ин назокат дар ҷаҳон,**

**Ё гули боғи Ирам ё сарви бӯстон хонамат? [125, 111].**

Ҷазбӣ ин ғазалро дар пайравии ғазали маъруфи Носири Бухороӣ гуфтааст, ки матлаъаш ин аст:

**Шамъи Эрон гӯямат ё моҳи Турон хонамат,**

**Қиблаи дил донамат ё Каъбаи ҷон хонамат [23, 374].**

Музмар низ аз шоирони охири асри XIX- и Ҳисори Шодмон мебошад, ки баъд аз камолот ба Хӯқанд сафар намуда, ба дарбори Умархон роҳ ёфтааст. Девони Музмар аз байн рафтааст, аммо ашъори парокандаи ӯ дар баёзу ҷунг ва тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дарҷ гардидааст. Чун дигар шуарои зуллисонайни (дузабона) замони худ Музмар ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба туркӣ шеър гуфтааст. Ин худ гувоҳи он аст, ки шоир бо муҳити адабии Бухоро иртибот доштааст. Шоир аз ватан дилмонда шуда, ба Хӯқанд сафар мекунад. Фазлии Намангонӣ дар тазкирааш дар бораи Музмар чунин овардааст:

**Бувад Музмар аз хоки мулки Ҳисор,**

**Рамида дили ӯ зи ёру диёр.**

**Зи хосияти табъи ҳасратривоҷ.**

**Чу андешаи нашъа нозукмизоҷ [37, 202].**

Дар «Маҷмӯаи шоирон»-и Фазлии Намангонӣ як қасида (48 байт), 11 ғазал (81 байт) ба забони туркӣ сабт гардидааст, ки ҳамагӣ 180 байтро дар бар мегирад. Абёти зер намунае аз ашъори ӯст:

**Раъноии ҳар ранг гуле дар чаманасташ,**

**Касро ҳавасе ҳаст агар дар ватанасташ.**

**Бо сайри чаман ҳеҷ надорад сару коре**

**Он шӯх, ки хат сабзарави ёсуманасташ [99, 98].**

Банда тахаллуси адабии шоир ва олими охири асри XIX ва ибтидои асри XX Домулло Имомиддини Ҳисорӣ мебошад, ки дар ҷавонӣ ба Бухоро барои таҳсили илм рафта, аз олими маъруфи замон Қозӣ Абдушукури Бухорӣ таълим гирифтааст. Шоир дар мадҳи устодаш маснавие гуфтааст, ки барои мисол чанд мисраи онро меорем:

**Эй нури чароғи одамият**

**В-эй биниши боғи мардумият…**

**Фарзона туӣ ба хушхисолӣ,**

**Фарзона ба ҳусну хушхаёлӣ [37, 213].**

Тазкиранависон Неъматуллоҳи Муҳтарам, Абдуллохоҷаи Абдӣ, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва Афзали Пирмастӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Банда маълумот додаанд. Ҳамаи ин тазкиранависон аз табъи баланд доштану донишманди бомаҳорат будани ӯ ва бохабар будани ӯро дар илмҳои мантиқ, фалсафа, ҳикмат, риёзиёт, таърих ва улуми шаръӣ ишора кардаанд. Чунончи, Абдӣ мегӯяд: «Бисёр ширинкалом ва латифсанҷ буда, чанд гоҳ дар кунҷи истиқомат муқим ва дар маркази тадрис мустақим буда…» [115, 209].

Аммо олим ва шоири нимаи дуюми қарни XIX Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар «Тазкират-ул-ҳумақо» ном асараш истеъдоди Бандаро инкор намудааст. Банда, ки шогирди падари Садри Зиё, Қозӣ Абдушукур буд, чунин ақида пайдо мешавад, ки шояд миёни Банда ва Зиё ягон хусумате ҷой дошт ва аз ин сабаб Зиё шоирро танқид кардааст. Аз ин рӯ маълумоти Садри Зиё шубҳанок аст. Амирбек Ҳабибов оид ба Банда чунин мегӯяд: «…Банда (Имомиддин) яке аз олимони замони худ буда, дар соҳаҳои гуногуни илми замонаш дасти тавоно доштааст. Вале дар шеър агар табъи расо надошта ва худро шоир намедониста бошад ҳам, муосиронаш аксар ӯро дар тазкираҳои шоирон зикр кардаанд» [37, 211]. Ин абёти ғазал аз табъи равони шоир аст:

**Бирав зоҳид, ду олам пур зи айши бемадор аз ман,**
**Май аз ман, шиша аз ман, маҳфил аз ман, васли ёр аз ман.**
**Зи ҷӯши ашк гардам баҳрҳо дар дашту ҳомуне,**
**Канори Даҷла аз ман, гиря аз ман, ихтиёр аз ман [37, 212].**

Аз шуарои дигари ин давраи Ҳисор Домулло Ҳоҷимурод мебошад, ки бо тахаллуси Розӣ шеър мегуфтааст. Розӣ аз Ҳисор ба Самарқанд рафта, дар назди Шайх Валихон ном олим илм меомӯзад ва он ҷо зиндагӣ мекунад. Тазкиранависон Неъматуллоҳи Муҳтарам, Афзали Пирмастӣ ва Абдуллохоҷаи Абдӣ дар тазкираҳояшон доир ба шоир маълумот додаанд.

Амирбек Ҳабибов қайд кардааст, ки маълумоти ҳар се тазкиранавис як буда, танҳо Абдӣ намунаи ашъори шоирро зиёдтар овардааст. Шоир

соли 1318/1900 аз дунё чашм мепӯшад. Ин маълумот дар ҳар се тазкира оварда шудааст. Ин абёти ғазал аз эҷодиёти шоир Розӣ мебошад:

**Эй ошиқон, насиҳати моро амал кунед,**

**Ҳар ҷо паривашест, раведу тақал кунед.**

**Нӯшед ҷоми бода ба базми парившон,**

**Симинбарону сарвқадон дар бағал кунед…**

**Хезед гулрухон ҳама дар анҷуман шуданд,**

**Дар васфашон қасидаву гоҳе ғазал кунед [37, 216].**

Дабир аз шоирони охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX мебошад. Оид ба рӯзгори шоир маълумотҳо дастрас нагардидаанд, аммо аз тахаллусаш пайдост, ки пешаи дабирӣ дошта, дар дарбори бекҳои Ҳисор аз ин ҳунар ризқу рӯзӣ меёфтааст. Ба адвори мусиқии классикии тоҷик «Шашмақом» дохил шудани ашъори шоир аз шоири намоёни замон будани ӯ дарак медиҳад. Дар он давра якчанд шоир бо тахаллуси Дабир (Дабирӣ) шеър гуфтаанд, аммо Мирзо Бобои Ҳисорӣ дар асараш «Ёддоштҳо» шеъри мазкурро аз ҳамин шоир, яъне, Дабирии Ҳисорӣ қайд кардааст. Инчунин дар нотаи Шашмақом низ ин шеър аз Дабирии Ҳисорӣ омадааст:

**Маҳ гард барангехта аз орази моҳат,**

**Бар торуми ахзар,**

**Хуршеди иёрӣ ба ҳаво рӯфта роҳат,**

**Аз зарра фурӯтар.**

**Ҳайрони ҷамолат шуда ойина ба сад раҳ,**

**Чун мардуми дида,**

**Ҳангоми назора ҳама тан маҳви нигоҳат,**

**Ҳайратзада яксар [37, 219].**

Мулло Муҳаммадшариф шоири дигари ҳисорист, ки дар асри XIX зиндагӣ ва эҷод кардааст. Шоир бо тахаллуси Шариф шеър мегуфтааст. Маълумоти дигаре оид ба аҳволи шоир дастрас нашудааст. Ин абёти ғазал намунае аз ашъори Мулло Шарифи Ҳисорист:

**Эй зи мо бегонаи пайваста бо ағёр ёр,**

**Тири ҳаҷрат карда моро дар дили афкор кор.**

**Ҳар шаб, эй дил, бар хилофи бахти хоболуди ман,**

**Аз паи поси хаёлаш дидаат бедор дор [37, 222].**

Ин намуди шеъриро зуқофиятайн мегӯянд, ки ба ҳамин монанд ғазал дар ашъори шоири маъруф Носири Бухороӣ ба назар мерасад. Ва байтеро аз Носири Бухороӣ ба ҳайси намуна меорем:

**Гар шавад бо ман зи лутф он маҳрухи айёр ёр,**

**Нахли умеди ман орад дар ҷаҳон ин бор бор [23, 419].**

Дар доираи адабии Ҳисор дар асри XVIII-XIX ду шоир бо номи Мулло Муҳаммадшариф зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Ин нуктаро ғазалҳои худи шоирон далел буда метавонанд. Зеро яке бо тахаллуси «Шариф» ва дигаре бо тахаллуси «Ғамгин» шеър мегуфтааст:

**Хорие, к-аз ишқ бошад иззаташ донад Шариф,**

**Бигзарад бар хок бигзораш ба ин ғамхор хор [37, 222].**

Хатиби Ҳисорӣ яке аз шоирони асри XIX- и Ҳисори Шодмон буда, бо тахаллуси «Хатиб» шеър мегуфтааст. Ба худ чунин тахаллус интихоб намудани шоир шояд аз он сабаб мебошад, ки вазифаи хатибӣ доштааст. Ин мухаммас аз табъи равони ӯст, ки дар Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баёзи дастнависи рақами 310 зикр гардидааст. Мухаммаси мазкур бар ғазали Зебуннисо навишта шудааст:

**Санг бар он сина, доғи холу рухсоре нашуд,**

**Хок бар он дида, маҳви чашми хумморе нашуд,**

**Теғ бар он сар, ки дар савдои дилдоре нашуд,**

**«Дур бод аз тан саре, к-ороиши доре нашуд,**

**Бишканад дасте, ки хам дар гардани ёре нашуд».**

Банди охири мухаммас чунин аст:

**Эй Хатибо, кори ин дунё ҷафо, бигзар зи баҳр,**

**Софтабъонро ба комаш рехт ҳар дам ҷоми заҳр,**

**Гавҳари дониш надорад қадр, аз ӯ ҳаргиз маҳар,**

**«Ҳар матоъеро харидор аст дар бозори даҳр,**

**Пир шуд Зебуннисо ӯро харидоре нашуд» [37, 224].**

Шоири дигари ҳисорӣ Муҳаммадшарифи Ғамгин аст, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ ва эҷод кардааст. Шоир соли 1898 дар деҳаи Ёнахши ноҳияи Обигарм таваллуд шудааст. Ӯ бо тахаллуси Ғамгин шеър мегуфтааст. Тазкиранигор Муҳтарам дар тазкирааш шоирро бо тахаллуси Ғамгин ёд кардааст. Муҳаққиқ Амирбек Ҳабибов дар асараш «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ин ақидаро чунин зикр кардааст: «Аз шоирони асри XIX- и Ҳисор Мулло Муҳаммадшариф дар тазкираи Муҳтарам зикр меёбад, ки тахаллуси ӯро Ғамгин қайд кардааст» [37, 221].

Ғамгин дар Ҳисори Шодмон зиндагӣ кардааст. Он ҷо оила бунёд намуда, соҳиби фарзандон мегардад. Барои таҳсили илм ба Бухоро рафта, баъди илмомӯзӣ ба Ҳисор бармегардад ва то охири умр он ҷо мемонад. Мазори шоир Муҳаммадшариф дар Ҳисори Шодмон дар деҳае, ки худи домулло Шариф он ҷо умр ба сар бурдааст, дар теппаи баланде ҷо гирифтааст, ки мардум аз ҳар манотиқ ба зиёрати ӯ меоянд. Ҳоло ин деҳа ба ҳурмати Домулло «Мавлошариф» ном гирифтааст. Аҳолии Ҳисор то ба ҳол ӯро Домулло Шариф ва Домулло Муҳаммадшариф ном мебаранд. Юсуф Қодиров ва Нуралӣ Мирзоалиев дар асари худ бо номи «Ҳисори бостон» чунин овардаанд: «Мазори Муҳаммадшариф тахминан 5 км. поёнтар аз маркази ҷамоати деҳоти Ҳисор дар теппаи баланде воқеъ аст. Ӯ яке аз орифони роҳи тариқат аст, ки бо тахаллуси «Ғамгин» шеър низ иншо менамудааст» [69, 45]. Домулло Шариф шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст. Ғамгин дар ҷавонӣ ба шеърнависӣ машғул буда, шеърҳои хуб ҳам навиштааст. Аммо барои давом додани ин роҳ устодаш иҷозат намедиҳад. Ин маълумот аз яке аз авлодони шоир (шавҳари набераи Мулло Муҳаммадшариф Мулло Шамсулло, ки дар деҳаи Гулхании шаҳри Ҳисор зиндагӣ мекунад) дастрас гардид, ки шоир ҳангоме ки ғазал мегӯяд, устодаш аз ин роҳ даст кашидани ӯро хоҳиш мекунад ва Ғамгин аз шеърнависӣ даст мекашад. Сабаби кам будани шеърҳои ӯ дар ҳамин аст. Шоир ва ориф Ғамгин 17

ноябри соли 1990 аз дунё чашм мепӯшад. Султонмуроди Одина дар бораи Домулло Муҳаммадшарифи Ғамгин чунин гуфтаанд: «Аз ҷавонӣ ба эҷодкорӣ шавқ пайдо намуда, шеърҳои хубе ҳам менавишт. Баъдан ба пуррагӣ роҳи тариқату тақворо пазируфта, ҳамчун донандаи илми илоҳиёт, муфассиру муҳаддис ва шахсияти маъруфи ислом дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ном бароварда сазовори эҳтироми умум гашт» [90, 285]. Ин ғазал аз шоир Ғамгин аст:

**Ба ғам оғушта гаштам, сӯхтам аз интизор имшаб.**
**Қадам дар роҳи бераҳмӣ ниҳод он гулъизор имшаб.**
**Ба аввал бо тараҳҳум кард ин дилхастаро шайдо,**
**Ба охир кард ҷорӣ сели ашкам шашқатор имшаб [37, 225].**

Шодибек Собирӣ дар китоби «Доираи адабии Ҳисор» (аз асри X то асри XX) маълумоти аҷиберо овардааст, ки гӯё Муҳаммадшарифи Ҳисорӣ, ки бо тахаллуси Ғамгин ёд шуд, Муҳаммадшарифи Ҳисорӣ, ки бо номи бобои Мулло Шариф машҳур аст, набуда, балки шоири дигар аст. Ӯ зикр кардааст, ки то вақти ба дунё омадани бобои Домулло Шариф, Шарифи Ҳисорӣ ном шоир арзи вуҷуд дошт. Ӯ кори тадқиқотчиёнро иштибоҳ донистааст, ки фаъолияти шоиронро амиқ наомӯхтаанд: «Баъзе аз нафароне, ки бо ном «тадқиқотчиёни муосир» ин шоирро ба бобои Муллошарифи Ҳисорӣ нисбат додаанд, иштибоҳест. Шеърҳои шоир аллакай дар солҳои 1850 дар матбааи ҳамон давра чоп шуда буд, ҳол он ки Бобои Мулло Муҳаммадшариф (таърихи умрашон солҳои 1896-1990), он замон тавлид нашуда буданд» [99, 79].

Нуктаи дигареро ин ҷо бояд зикр намуд, ки Шодибек Собирӣ низ дар ин масъала иштибоҳ намуда, дар асари худ Мулло Муҳаммад Шарифи Ҳисорӣ ном шоирро, ки бо тахаллуси «Шариф» шеър эҷод намудааст, ба Бобои Домулло Шариф нисбат додааст. Аммо дар дигар асарҳо, аз ҷумла асари Султонмуроди Одина омадааст, ки Шарифи Ҳисорӣ, ки бо тахаллуси «Шариф» шеър мегуфт, Бобои Домулло Шариф набуда, балки шоир Мулло Муҳаммад Шарифи Ҳисорист ва шоире, ки

бо тахаллуси «Ғамгин» ёд шудааст, Бобои Домулло Шариф (Бобои Муллошариф) аст.

Муҳаммадсаид Аҳмадов ном ҳофиз ва донандаи шеър, ки дар шаҳри Ҳисор зиндагӣ мекунад, ба ин масъала равшанӣ андохта, зикр намуд, ки шахсан бо Домулло Шариф пеш аз маргашон оид ба ин мавзӯъ суҳбат доштанд. Он кас қайд намуданд, ки ба аёдати Бобои Домулло Шариф рафтанд ва ғазалеро аз Домулло қироат карданд. Он вақт Домулло қариб аз навад гузашта буданд. Домулло аз ин ҳайрон шуда мегӯянд, ки ин ғазал аз ӯст ва қайд мекунад, ки Неъматуллоҳи Муҳтарам чӣ тавр ин ғазалҳоро пайдо кардаанд. Зеро ӯ мегӯяд, ки вақте якчанд ғазал менависад, устодаш аз ин хабар меёбад ва аз ӯ хоҳиш менамояд, то ба ин баҳр по нагузорад, зеро ғарқ мешавад. Вазифаи ӯ дуо хондан, шогирд тарбият кардан аст. Домулло Шариф پораи коғазеро, ки дар он ғазалҳояшро навишта будааст, ба оби равон мешӯяд. Дар ин сӯҳбат фарзанди Домулло Шариф Қорӣ Суннатулло, ки ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд, шоҳид буданд. Фарзанди дигари Домулло Муҳаммадшариф бо номи Махсуми Фатҳулло, ки муфтии Тоҷикистон буд, соли 1994 аз ҷониби як гурӯҳ силоҳбадастони тиҳимағзи зархаридони хориҷӣ ба қатл расонида шуд. Ягона фарзанди Домулло Шариф Қорӣ Сайфулло мебошад, ки ҳоло дар Арабистон зиндагӣ мекунад.

Як чизи дигарро ин ҷо бояд зикр намуд, ки устоди Домулло Шариф шоир Банда буд, ки дар боло зикри ӯ оварда шуд. Банда бо вуҷуди олими роҳи тариқат буданаш, шеър низ менавишт. Пас барои чӣ барои шеърнависии Ғамгин монеъ шудааст? Шояд дигар омилҳо низ садди роҳи ӯ гардида бошанд, ки то ҳол бароямон номаълуманд.

Мулло Азимқули Ҳисорӣ мутахаллис ба Холӣ яке аз шоирони асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Шоир дар Ҳисор таваллуд ёфта, барои таҳсили илм ба Бухоро меравад. Таҳсилро ба охир нарасонида, соли 1314/1896 аз дунё мегузарад. Тазкиранигор Неъматуллоҳи Муҳтарам дар тазкирааш чунин овардааст, ки: «Холӣ, тахаллуси соҳиби табъи олӣ ва булбули боғи хушмақолӣ, фарҳатафзои хушгуфторӣ Мулло

Азимқули Ҳисорист» [115, 226]. Дар Захираи шӯъбаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дастхати охири асри XVIII ва аввали асри XIX таҳти рақами 3296 III, 3296 VIII ашъори шоир дар ҳаҷми 12 саҳифа, аз саҳифаи 200 то 211 оварда шудааст, ки аз 8 ғазал ва 1 байти ҷудогона иборат мебошад. Яъне ашъори дар ин дастхат дарҷгардидаи шоир аз 124 мисраъ иборат буда, 62 байтро дар бар мегирад. Ин абёти ғазал намунае аз ашъори ӯст:

**Асири наргису чашми ҳаводорат нагаштам ман,**

**Шаҳиди новаки мижгони хунхорат нагаштам ман.**

**Кулоҳ каҷ менихӣ бар гӯшаи абрӯи пурчинат,**

**Чу бисмил куштаи теғи ситамкорат нагаштам ман [37, 227].**

Бисмили Ҳисорӣ аз шоирони гумноми ин аҳди Ҳисор аст. Доир ба рӯзгори шоир дар ягон тазкира чизе гуфта нашудааст, аммо дар баёзҳо якчанд шеъри шоир зикр шудааст, ки дар сарлавҳаҳо «Бисмили Ҳисорӣ» қайд шудааст. Аз шеърҳое, ки бар ғазали Парии Ҳисорӣ ва Ғиёсии Бадахшӣ тазмин шудааст, тахмин меравад, ки Бисмил аз шоирони асри XIX- и Ҳисори Шодмон мебошад. Абёти ғазали зерин, ки хеле шуҳрат дорад, аз эҷодиёти ӯст:

**Шаб ҳама шаб сиришки ман меравад аз фироқи ӯ,**

**Даҷла ба Даҷла, ям ба ям, чашма ба чашма, ҷӯ ба ҷӯ,**

**Оҳ ба ҷустуҷӯи ту, шуҳра шудам ба соилӣ,**

**Хона ба хона, дар ба дар, кӯча ба кӯча, кӯ ба кӯ [37, 228].**

Мавлоно Ёвқотчӣ мутахаллис ба Ушшоқ аз шоири нимаи аввали асри XIX- и Ҳисор буда, ба Хӯқанд гуреза шуда, муддате он ҷо зистааст. Ашъори парокандааш дар сарчашмаҳо дарҷ гардидааст. Ин абёти ғазал аз шоир Ушшоқ аст:

**Асири тиру камони марг буданд,**

**Дар ин водӣ ҳама донову нодон.**

**Ки шуд аз фозилони даҳр Ушшоқ,**

**Гирифтори аҷал ногашта урён [99, 112].**

Шоир Холиси Ҳисорӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ ва эҷод намудааст. Холис ба хаттотӣ низ машғул буда, мударрисӣ низ мекардааст. Шеърҳои ӯ аз баёзе, ки ҳоло дар осорхонаи ба номи Ғафур Ғуломи шаҳри Хӯқанд маҳфуз аст, ба даст омадааст. Шеърҳои шоир мазмуни иҷтимоӣ доранд ва мазмуни ишқӣ дар шеърҳои шоир кам дида мешавад. Намунае аз ашъори Холиси Ҳисорӣ:

**Шоҳе, ки чунин кавкабу фар мехоҳад,**
**Тоҷи фарасу зину камар мехоҳад,**
**Ҳам лашкару иқболу зафар мехоҳад,**
**Ин нукта аён аст, ки зар мехоҳад.**

**Эй бас вазиро, оқилу доно бошад,**
**Кораш ба масал сулҳу мудоро бошад,**
**Мухлиси шаҳу ёри раоё бошад,**
**Ин аз пайи он аст, ки зар мехоҳад [76, 255].**

Абдулкарими Қурбон маъруф ба Карим-Девона соли 1878 дар деҳаи Ҷӯраки ноҳияи Ғозималик ба дунё омадааст. Шоир дар замони ҷаҳолати амирони манғит зиндагӣ кардааст. Шоир ба худ тахаллуси «Девона»-ро гирифтааст, ки ин бесабаб набуд. Аз сабаби он ки дар замони зиндагии шоир шахсони босаводу бофарҳанг ва боақлу заковатманд, ки пуштибони мардуми бечораву ҷабрдида буданд, доим зери таъқиби зимомдорони давр қарор доштанд. Шоир зери ниқоби девонагӣ ҳамчун як шахси мубориз шеърҳои танқидӣ гуфта, мансабдоронро дар шеърҳояш рӯйирост танқид ва мазаммат мекард.

Ашъори парокандаи шоир, ки танҳо дар ёди мардум буду аз забон ба забон мегузашт, адиби шинохтаи тоҷик Ҳабибулло Назаров солҳои 50-уми қарни XX бо заҳматҳои зиёд аз гуфтаву шунидаҳои сокинони ноҳияҳои Вахшу собиқи Панҷ, Ленину Ғозималик, Коммунистиву Ҳисор ҷамъоварӣ намуда, маҷмӯаи ашъори шоирро бо номи «Сатрҳои оташин» мураттаб намуд, ки ин маҷмӯа 509 байти шоирро дар бар мегирад [1958, 100]. Инчунин, Ҳ. Назаров қиссаеро аз рӯзгори талхи шоири халқӣ

Карим-Девона бо номи «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона» соли 1978 пешкаши аҳли илму адаб намуд.

Карим-Девона соли 1877 ё 1878 таваллуд шуда, соли 1918 вафот кардааст. Шеъри мазкур намунае аз ашъори Карим-Девона мебошад:

**Дар фалак печида ҳар дам оҳу афғони ман аст,**

**Шӯраҳои он замин аз ашки резони ман аст.**

**Ин ҳама зулматсарои ту шавад охир хароб,**

**Ваҳшати сели бало, аз оби чашмони ман аст [21, 15].**

Мулло Мавзун Исои Бадахшӣ дар Бадахшон мутаваллид шуда, барои таҳсил ба Бухоро рафтааст. Баъд аз таҳсил ба вилояти Кармина, ки он замон Абдулаҳад ҳокимии Карминаро бар дӯш дошт, рафта чанд муддат он ҷо зиндагӣ мекунад. Сипас Ҳисори Шодмонро манзили зисти доимии худ қарор додааст. Дар хусуси қисми зиёди умри худро дар Ҳисори Шодмон гузаронидани шоир Амирбек Ҳабибов дар китоби «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» чунин меорад: «Исми шоир Мавзун Мулло Исо буда, ҷойи таваллуди он Бадахшон аст, як қисми умри худро дар Бухоро, Кармина ва қисми зиёди онро дар Ҳисори Шодмон гузаронидааст» [38, 30].

Дар бораи Ҳисори Шодмонро истиқоматгоҳи доимии худ қарор додан, худи шоир дар банди зерини шеърӣ чунин мегӯяд:

**Ватан созам Ҳисори Шодмонро,**

**Дигар ин Хонақо - ҷаннатнишонро.**

**Бувад то умр ин ҷо бигзаронам,**

**Надонам ҳеҷ кори он ҷаҳонам [38, 99].**

Аз банди аввали шеър маълум аст, ки Мавзун деҳаи Хонақоҳи Ҳисорро, ки ҳоло ҳам ин деҳа чунин ном дорад, манзилгоҳи худ қарор додааст. Собири Шоҳонӣ низ дар деҳаи Хонақоҳи Ҳисор зистани Мавзунро қайд кардааст: «Шоир Мавзун ин деҳаро макони иқомат пазируфта, чун достони машҳураш «Маснавии Мавзун ё худ Таҳмоси Хуҷандӣ»-ро иншо мекард, ҳокими Ҳисор Абдулкаримхон баъзан хабараш мегирифт ва нафақааш медод» [30, 13].

Аз шоир чанд ғазал, мухаммас ва як маснавии комил бо номи «Маснавии Мавзун ё Таҳмоси Хуҷандӣ» боқӣ мондааст, ки аз он доир ба ҳаёти шоир маълумот гирифтан мумкин аст. Дар маснавӣ шоир дар замони ҳокими Ҳисор Абдулкаримхон зиндагонӣ карданашро зикр кардааст:

**Ба аҳди ин амири соҳибэҳсон,**

**Ки ҳаст номи хушаш Абдулкаримхон.**

**Дар ин айём неку шаҳриёр аст,**

**Фаридунҳашмату олитабор аст [38, 43].**

Аз маълумоти «Маснавии Мавзун» бармеояд, ки шоир то соли 1277/1860 дар қайди ҳаёт будааст.

Нусхаи дастхати маснавии шоир зери рақами 4305 дар захираи дастнависҳои Тошканд ва нусхаи дигар зери рақами 642 дар Захираи дастнависҳои ба номи Абдулғанӣ Мирзоеви Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст. Андозаи ин нусха (20 х14 см.) аст ва аз 65 варақ иборат буда, дар ҳар варақ 22 сатр ҷой гирифтааст, ки ҳамагӣ аз 1400 байт иборат аст. Котиби ин нусха писари шоири бадахшонӣ Ҷирмии Бадахшонӣ-Мулло Сайид Маъсумӣ мебошад. Дар вараќи охири нусха, вараќи 64-ум таърихи 1335/1916 сабт шудааст, ки ин соли китобат шудани нусха мебошад.

Доир ба рӯзгор ва эҷодиёти шоир якчанд тазкиранависон, аз ҷумлаи Афзали Пирмастӣ, Муҳаммадшарифи Садри Зиё ва Неъматуллоҳи Муҳтарам маълумот додаанд. Шоир дар Ҳисори Шодмон аз олам чашм пӯшидааст, ки ин нуктаро Афзал чунин овардааст: «Дар силки дуогӯёни салавоти хони Душанбегӣ мунтазам буд, то ки андалеби рӯҳаш аз хорзори ҷаҳон ба гулистони ҷинон интиқол намуд».

Мавзун Исои Бадахшонӣ дар доираи адабии Ҳисор фаъолият намуда, яке аз шоирони пешқадами асри XIX- и Ҳисори Шодмон ба шумор меравад. Абёти зер намунае аз ашъори ӯст:

**Ёди айёме, ки сайри навбаҳоре доштем,**

**Сунбулу гул дар чаман ҳам лолазоре доштем.**

**Аз ҳуҷуми саъваву ҷӯши анодил ҳар тараф,**

**Савти Довудию лаҳни мусиқоре доштем [38, 101].**

Ғазали зерини шоир дар радифи ғазали Шамсиддини Шоҳин навишта шудааст, ки бо овардани ду байт аз он иктифо мекунем:

**Ёди он шабҳо, ки аз гетӣ фароғат доштам,**

**Бо бутони тозарӯ то рӯз сӯҳбат доштам.**

**Дар тариқи лоуболӣ ҳам ниҳон, ҳам ошкор,**

**Бо қаландармашрабон тарҳи садоқат доштам [46, 74].**

Шоир Мулло Гулмуҳаммади Хонақоҳӣ зодаи мулки Ҳисори Шодмон буда, дар аҳди Амир Умархон (асри XVIII) ва Амир Насрулло умр ба сар бурдааст. Ӯ солҳои дароз дар туманҳои Бухорои Шариф ҳамчун қозӣ ва ҳоким адои вазифа намудааст. Дар бораи аз Ҳисори Шодмон будани ӯ Собири Шоҳонӣ чунин овардааст: «Ҳашмати Бухорoӣ ӯро бо унвони «Афғон-одили ҳаққонӣ» ва «Эҷодкори хонақоҳӣ» ёд мекунад.  Аз рӯйи ин ишораи Ҳашмат аён мегардад, ки ин шахс аз билоди Ҳисори Шодмон аз деҳаи Хонақоҳ будааст» [30, 222]. Инчунин, дар бораи шоир Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» маълумот дода, ин нуктаро таъкид кардаанд.

Дар Захираи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ нусхаи комили ашъори шоир маҳфуз буда, девони якум таҳти рақами 420, нусхаи дувум таҳти рақами 954, нусхаи севум таҳти рақами 179, нусхаи чаҳорум таҳти рақами 1828, нусхаи панҷум таҳти рақами 214 мебошанд. Ин ду байти зер аз шоир Мулло Гулмуҳаммади Хонақоҳӣ мебошад:

**Ваҳ, зи ишқат, чӣ бало, хаставу афгор шудам,**

**Рафта-рафта зи ғами ишқи ту бемор шудам.**

**Ту чу Лайлӣ ба ҷаҳон шуҳра ба хубӣ гаштӣ,**

**Ман чу Маҷнун ба сари кӯчаву бозор шудам [30, 223].**

Эшони Сайидмаҳмуд ибни Муин маъруф ба Мискини Ҳисорӣ низ шоири охири асри XIX ва аввали асри XX буда, соли 1860 дар деҳаи Шоҳони шаҳри Ҳисор ба дунё омадааст.

Мискин аз уламои шариат буда, илова бар улуми шаръӣ, аз ҳамаи илмҳои замонааш, аз ҷумлаи адабиёт, сарфу наҳв, тафсир ва ҳадис, фиқҳу мантиқ, таърих у ҷуғрофия низ бохабар будааст. Илми тибро низ хуб медонистааст. Эшони Сайидмаҳмуд бо тахаллуси Мискин шеър мегуфтааст. Мискин соли 1944 дар яке аз деҳаҳои Ҳисор Хоҷачилдиёр аз олам чашм мепӯшад: «Эшон дар Хоҷачилдиёр паноҳ ёфтаву соли 1944 оламро падруд гуфтааст» [53, 9]. Шеърҳои шоир бо ду забон, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод гардидаанд. Бояд зикр кард, ки дар Қаратоғ ва деҳоти атрофи он ду нусха ва дар ноҳияи Ёвон як нусхаи ашъори шоир мавҷуд будааст, ки як нусхаи дар Қаротоғи ноҳияи Шаҳринав мавҷудбудааш дастрас гардидааст. Китоб беунвон буда, солҳои 1940 (дар 80- солагии шоир) бо дасти худи шоир китобат шудааст. Собир Зикирзодаи Шоҳонӣ соли 2001 онро зери унвони «Армуғон» нашр намуд. Ашъори шоир ғазалиёт ва мухаммасотро дар бар гирифта, аз 505 байт иборат мебошад. Аз ин 406 байт, ки аз муноҷот ва ғазалиёт иборат аст, ба забони тоҷикӣ ва 99 байт, ки муноҷот ва мухаммасҳои шоирро дар бар мегирад, ба забони ӯзбекӣ эҷод шудаанд. Ин ғазал аз эҷоди шоири хушкалом аст:

**Ба ғурбат мубтало гаштам зи дасти бенавоиҳо,**

**Ба ҳиҷрон мубтало гаштам зи дасти бевафоиҳо.**

**Чу мӯи ман сафед асту надорам ҳамдаме бо худ,**

**Ки умрам даргузашту мехурам заҳри ҷудоиҳо [32, 82].**

Чи тавре ки маълум гашт, асрҳои XVIII ва XIX аз ҷумлаи қарнҳое ба ҳисоб меравaнд, ки муҳити адабӣ нафақат дар марказҳои калони адабии Осиёи Миёна, аз ҷумлаи Бухоро, балки дар марказҳои хурд-хурд аз қабили водиҳо низ дар авҷи нумӯъ будааст. Водии Ҳисор яке аз ин марказҳо ба ҳисоб рафта, як қатор адибони хушсалиқаро ба майдони адабиёт ворид кардааст. Шоирону нависандагони водии Ҳисор аз ҷумлаи адибоне ҳастанд, ки аз худ девон ба ёдгор мондаанд, ки ин барои

пешрафти адабиёти мо мавқеи назаррасеро ишғол мекунад. Мо саъй намудем то як андоза бо баррасии анвори шоирони ҳамасри Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ муҳити адабии ин давраро муайян кунем. Барои маълумоти бештар мо ба ҳамаи сарчашмаҳо, чи тазкираву дастхатҳо ва чи баёзҳои қаламӣ ва чи мақолаву китобҳои тозанашр рӯ овардем, то як андоза маълумоти дурустро пайдо намоем.

# БОБИ II

# ШАРҲИ ҲОЛИ МИРЗО ҲАСРАТ ВА МЕРОСИ АДАБИИ Ӯ

## 2.1.Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат

Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони охирҳои асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX- и водии Ҳисор мебошад. Рӯзгори шоир ба дурустӣ маълум нест. Ҳасратро метавон яке аз симоҳои маъруфи ҳавзаи адабии водии Ҳисор ҳисобид ва дар қатори адибони номии ин замон, яъне, нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX ном бурд.

Чи хеле ки дар боби аввал зикр гардид, доираи адабии Ҳисор бо доираи адабии Бухоро равобити адабӣ дошт. Мирзо Олимҷони Ҳасрат дар қатори дигар шуарои асри XVIII- и Ҳисор, аз зумраи Бобо Ирсӣ, Мирзо Сафар, Комил, Банда, Ғамгин ва дигарон дар Бухоро таҳсил намуда, дар ашъори баландмазмуни худ беҳтарин анъанаҳои адабии адабиёти форсиро идома додааст.

Бино бар ақидаи муаллифони китоби «Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX», Ҳодизода Р., Каримов У., С. Саъдуллоев, «дар морати Бухоро аз солҳои 60-70 асри XVIII то миёнаҳои асри XIX як гурӯҳ шоиру нависандагони гуногунтабақаю гуногунмаслак, ба монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммад Шарифи Ориф, Абдураҳмонхоҷаи Носеҳ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Матлаби Самарқандӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Шавқии Қаттақӯрғонӣ, Ансаби Бухороӣ, Раҳими Ғармӣ, Музтари Косонӣ, ҷамъ зиёда аз 68 нафар шоирону адибон умр ба сар бурдаанд» [83, 236].

Сафари эҷодӣ намудани шоирони беҳтарини ҳавзаи адабии Бухоро Мирзо Содиқи Муншӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Абдулазими Сомӣ ба вилоятҳои кӯҳистон, аз қабили Ҳисор, Дарвоз, Бадахшон ва Кӯлоб аз равобити хуби ин навоҳӣ дарак медиҳад.

Дар бораи рӯзгор ва осори Мирзо Ҳасрат муаллифони баъзе аз сарчашмаҳо ба монанди Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирсиддиқи Ҳашмат ва муҳаққиқон аз ҷумлаи Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода,

Абдусалом Деҳотӣ, Амирбек Ҳабибов маълумот додаанд. Бо шаҳодати Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» номи пурраи ӯ Мирзо Олимҷон буда, Ҳасрат тахаллуси ӯст. Ҳасрат дар шаҳри Бухоро таҳсили илм кардааст. Ӯ дар Бухорои Шариф илмҳои замони худро фаро гирифта буд. Дар илми бадеъ яке аз фарзонагони доираи адаби Бухоро буд. Баъди хатми мадрасаи Бухоро ба зодгоҳаш Ҳисор баргашта, фаъолияти эҷодии худро дар доираи адабии ин водӣ идома дод. Шоир зиндагии пурҳасратро аз сар гузаронидааст. Мирзо Ҳасрат дар айни камолоти зиндагӣ дунёи пурғурбатро падруд гуфтааст. Ҳарчанд аз ҷониби ҳокими тиҳимағзи Ҳисор Сӯфибий ашъори Мирзо Ҳасрат ба коми оташ дода шуда бошад ҳам, бо шарофати тадбиркориҳои худи шоир ва дӯстону хешовандонаш нусхаҳои парокандаи ашъори шоир аз чанголи ҳаводис маҳфуз монданд.

Ҳаёти шоирону адибон, олимону бузургони давраи Ҳасрат ба хорӣ гузаштааст. Кам нафароне буданд, ки рӯзгори худро бо фароғат гузаронида бошанд ва барои эҷоди онҳо воситаҳои мададгор қариб, ки набуданд, то онҳо дар фазои озод эҷод ва фаъолият кунанд. Ҳасрат дар ашъори худ аз ҷабру зулми замона ва шахсоне, ки танҳо дар фикри худу манфиатҳои худанд, гила дорад ва онҳоро доим мавриди тозиёнаи танқид қарор медиҳад.

Бадбахтии Ҳасрат низ маҳз дар саркашӣ кардан аз мадҳкунии ҳокимону сарватмандони тиҳимағзи давр буд. Ҳаёти қашшоқона доштани шоирони Бухорои Шарқиро Амирбек Абибов дар ҷабру зулми ҳокимон медонад. Инчунин, дар баробари ин Амирбек Абибов шухрат доштани шоирони Бухороро миёни мардум зикр кардааст. Ин бесабаб нест, ки абёти шоирон, аз ҷумла шоирони доираи адабии Ҳисор, аз қабили Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ, Дабирии Ҳисорӣ ва дигарон ба дилу дидаи мардум ҷо шуда, аз ҷониби ҳофизон ҳамеша суруда мешаванд.

Соҳибшухрат будани Ҳасрати Ҳисориро Амирбек Абибов чунин қайд кардааст: «Шуҳрати Мирзо Ҳасрат ва Парии Ҳисорӣ барин

шоирон натанҳо дар Бухорои Шарқӣ, балки ба шаҳрҳои марказӣ ҳамчун Бухорою Самарқанд, Хӯқанду Кобул рафта расидааст, ки ин аз мақоми баланди шоирии онҳо шаҳодат дода, омӯзиши аҳволу ашъорашонро тақозо менамояд» [9, 12].

Абдусалом Деҳотӣ дар мавриди вожаи «Мирзо» чунин менависад: «Намедонам, калимаи «Мирзо» аз аввал қисми таркибии номаш будааст ё баъдҳо пас аз хату савод баровардан мирзогӣ карда, ба ин лақаб соҳиб шудааст?» [115, 14]. Волидайнаш номи «Олимҷон»-ро ба ӯ интихоб карданд, ки фарзандашон шахси «доно ва донишманд» ба воя бирасад. Маълумоти тазкираҳо дар мавриди ҳаёти шоир хеле ноқисанд. Мероси боқимондаи шоир низ имкон намедиҳад, ки саранҷоми зиндагӣ ва рӯзгори ӯро ба дурустӣ муайян кунем, зеро осори шоир ба пуррагӣ ҷамъоварӣ нашудааст. Бино ба шаҳодати сарчашмаҳо, ӯ дар аҳди Амир Шоҳмурод ва Амир Ҳайдар умр ба сар бурдааст. Шоир марди хушсуҳбат, некӯ ва олимашраб буда, дар шаҳри Бухоро таҳсили илм кардааст. Дар охири умр бо сабаби беморӣ аз дунё чашм пӯшидааст, ки далел бар ин гуфтаҳо маълумоти додаи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ шуда метавонад: «Дар охири умр ба маразо барас мубтало шуда, вафот намуд» [48, 55].

Соли таваллуд ва зодгоҳи шоир ба таври аниқ маълум нест, вале аз ашъораш бармеояд, ки дар Ҳисор ба дунё омадааст:

**Ҳамдулиллаҳ дар Ҳисори амн дорам бӯстон,**
**Гулшанободе, ки дорам зулми хореро надид [51, 66].**

Вафоти шоир низ ба эҳтимол дар солҳои 20 асри XIX дар Ҳисор воқеъ шудааст. Сабаби «Ҳасрат» тахаллус ихтиёр кардани шоир ҳамоно аз зиндагии пурмашаққат ва норизоияш аз аҳволи замона буда метавонад.

Аз таҳқиқоте, ки дар мавриди рӯзгору осори шоир анҷом гирифтааст, монанди навиштаҳои Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Расул Ҳодизода, Амирбек Ҳабибов масъалаи поёни умри шоир ва вафоти ӯ равшан нашудааст.

Оид ба ҳаёт ва осори шоир таърихшинос Шодибек Собирӣ дар асараш «Ҳаёти пурҳасрат» маълумот додааст. Аз маълумоти додаи Шодибек Собирӣ бармеояд, ки Олимҷон номи шоир буда, Мирзо марбут ба касбаш аст, зеро шоир дар дарбори мири Ҳисор – Сайидбий вазифаи хаттотиро ба ӯҳда дошт. Олимҷон баъд аз ду соли таҳсил дар мадрасаҳои Ҳисор ва хатми Қуръон дар назди падар барои таҳсил ба Бухоро меравад. Сипас, баъд аз хатми мадрасаи Бухоро ба Ҳисор, ба назди падару модараш бармегардад. Падари Олимҷон Хоҷа Низомиддин аз Хоҷагони Ҷӯйборӣ буда (аз авлодони Хоҷа Имом Муҳаммади Ҷӯйборӣ – орифи асри IX- X-и тоҷик), шахси тақводору худотарс буд. Ӯ абераи яке аз шайхони бузурги Ҳисор, Шайх Нуриддини Соҳибнафас буд. Мардум ба хонаводаи Хоҷагон эътиқоди калоне доштанд: «Мақоми Хоҷагони Ҷӯйборӣ дар асрҳои XVI ва аввали асри XVII дар ҳаёти сиёсию иқтисодии Осиёи Миёна, аз он ҷумла водии Ҳисор хеле бузург буд. Намояндагони ин хонадон дар кашмакашҳои сиёсӣ роли калон бозидаанд. Махсусан дар ҳаёти иқтисодӣ таъсири онҳо хеле калон буд» [71, 91].

Падари Олимҷон Хоҷа Низомиддин соҳибдавлат ва шахси муътабари Ҳисор ба ҳисоб мерафт. Олимҷон фарзанди ягонаи хонадон буд. Хонаи онҳо, ки онро кӯшк ном мебурданд, дар назди рӯди Чангоб, ки то ҳол ин дарё миёни мардум бо ин ном машҳур аст, қомат афрохта буд. Бобокалони Хоҷа Низомиддин – Шайх Нуриддини соҳибнафас натанҳо дар манотиқи Ҳисор, инчунин дар қаламрави Бухоро ва Самарқанд низ шайхи шинохта буд. Шайх Нуриддини соҳибнафас шогирдону муридони зиёд дошт ва ӯро ҳамчун балогардони шаҳри Ҳисор ном мебурданд. Қабри Хоҷа назди дарвозаи қисми ғарбии Арки Ҳисор воқеъ буда, то ҳол зиёратгоҳи мардум аст. Беморону ранҷурон марқади Хоҷаро зиёрат мекунанд ва онҳое, ки ба бемории диққи нафас гирифторанд, дар ин ҷо бо инояти Худованд ва шафоати ин бузургвор ба дарди худ даво меёбанд. Мирзо Олимҷон ҳангоми таҳсил дар мадориси

Бухоро бо доираи адабии он ҷо ҳамроҳ шуда, ба ҳайси шоир ва хаттот шуҳрат ёфта буд.

Амири Бухоро Амир Ҳайдар баъд аз падараш Амир Шоҳмурод ба тахт менишинад ва ба Ҳисор лашкар кашида, беки Ҳисор – Аллабердии Юзро қатл мекунад. Амир Ҳайдар Сайидбийи Юзро ҳокими Ҳисор таъйин мекунад. Мирзо Ҳасрат дар дарбори ин ҳоким вазифаи мирзогиро адо мекард.

Ҳангоме ки Олимҷон дар дарбори Сайидбий вазифаи мирзогиро ба ӯҳда дошт, ба духтари ӯ Сайидой хонадор мешавад. Баъди марги Сайидбий ба сари ҳокимияти Ҳисор писараш Сӯфибий меояд. Мири нав Мирзо Олимҷонро бо сабабе ки барои падари ӯ мадҳияе нагуфтааст, аз дарбор дур месозад.

Шоир ду бор оиладор мешавад. Танҳо аз ҳамсари дуюмаш соҳиби фарзанд мешавад. Тавре ки дар асари Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб» оварда шудааст, шоир бо сабаби бемории барас, ки аз ғамбодаҳои рӯзгор буд, аз олам чашм мепӯшад. Вақте ки шоир ба ин беморӣ гирифтор мешавад, зери манаҳи ӯ сафедие пайдо мешавад. Мирзо Олимҷонро хурофотпарастон чунин фатво медиҳанд, то ба деҳаи махавҳо «Сассабулоқ» равад, аммо Олимҷон ҳавлии аҷдодиашро тарк намекунад. Шоир рӯзҳои дарозро дар кӯшк мегузаронид. Танҳо вақте ки ба кӯча мебаромад, дар сараш бурқаъ мегирифт. Оид ба чунин вазъ доштани рӯзгори худ шоир чунин мегӯяд:

**Ҳасрат ба кӣ гӯям аламу дарди диламро,**

**Бо ҳар кӣ нишинам, зи ман ӯро ҳазар ояд [100, 32].**

Мирзо Олимҷони Ҳасрат дар синни 36-солагӣ аз дунё чашм мепӯшад. Шоир ҳаёти хеле сангинро аз сар гузаронидааст. Марқади шоир дар пастхамии қисми ҷанубии теппакӯҳи «Ғозиён»-и ноҳияи Ҳисор воқеъ мебошад. Вақте дар зери манаҳи ӯ сафедӣ пайдо мешавад, хурофотпарастон мардумро аз ӯ дур месозанд, ба маъракаву кӯча баромадани Олимҷонро манъ месозанд. Инчунин, дар вақти дар қайди ҳаёт будани шоир қозии шаҳр фармон мебарорад, то Олимҷон барои худ

заминеро барои оромгоҳаш бихарад, зеро ба ӯ аз оромгоҳи умумӣ манзил нахоҳанд дод.

Ҷаҳолатпарастоне, ки дар дарбор мезистанд, Олимҷонро гирифтори ранҷи бемории ғамбода карданд. Вақте Ҳасрат дар дарбор мезист, ба мардуме, ки ҳокимро иҳота карда буданд, писанд намеомад. Чунки атрофи ҳокимро ҳама мардуми тангбину ҷоҳил ва тиҳимағзон пур карда буданд. Ҳасрат тарафдори мардуми мазлум буда, инсонҳоро ба роҳи рост ҳидоят менамуд. Дар зиндагӣ инсони нек будан, ба мардум дасти мадад дароз кардану нахӯрдани ҳаққи мардум шиори доимии ӯ буд.

То замоне, ки Сайидбий ҳокими Ҳисор буд, чунин мардумозорон ба дарбор роҳ ёфта натавонистанд. Баъд аз ба тахти бекигарӣ соҳиб шудани Сӯфибий вазъият ранги дигар гирифт. Сӯфибий мардумони бефазлу мардумозорро дар атрофи худ ҷамъ намуда, маҳфили ҷоҳилонро барпо карда буд.

Пас аз марги шоир ашъори ӯ аз ҷониби сарбозони мир Сӯфибий сӯзонида мешавад. Бо вуҷуди ин ашъори шоир пурра аз байн нарафт.

Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ яке аз шоирони хушсалиқаи охири қарни XVIII ва аввали қарни XIX- и водии Ҳисор мебошад, ки бо ашъори ҷаззоби худ натанҳо миёни мардуми ин водӣ, балки берун аз он низ маҳбубият пайдо карда буд. Доир ба рӯзгори шоир сарчашмаҳо маълумоти кофӣ надодаанд. Танҳо дар Ҳисор мутаваллид гардидану ба Бухоро барои таҳсили илм рафтанаш ва баъд аз хатми мадраса ба ватан баргаштанаш аниқ аст. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» зикр намудааст, ки Ҳасрат дар асрҳои XVIII-XIX зиндагӣ ва эҷод кардааст. Новобаста ба ҳамаи он асарҳои илмӣ ва адабие, ки дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Ҳасрат гуфта шудааст, таҳқиқоти пурра нашудааст. Ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба таври бояду шояд мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Оид ба ҳаёти шоир ба як сарчашмаи таърихӣ-адабӣ рӯй оварда шуд, ки аз он оид ба аҳволи оилавӣ, сабаби марг ва инчунин мероси боқимондаи Ҳасрат муайян карда шуд. Ин маълумотҳо аз ҷониби

яке аз авлодони шоир номзади илми таърих, дотсент Шодибек Собирӣ ҷамъоварӣ карда шудааст [100, 56].

Сабаби шуҳрат наёфтани Ҳасрат ва дигар шоирони соҳибдевонро Абдусалом Деҳотӣ дар дур будан аз муҳити адабӣ ва марказҳои илмӣ медонад: «Даҳҳо шоирон ва адибони талантнок (боистеъдод – Ҷ.Х.) дар камбағалӣ, хорӣ, дар асорати надимии мирҳои Ҳисор, Кӯлоб, ҳокимони Балҷувон, Дарвоз ва ғайра ҷон додаанд, ё бо «гуноҳи» саркашӣ кардан аз мадҳкунии онҳо (мирон, ҳокимон) маҳв ва беному нишон карда шудаанд» [8, 30].

Чи тавре ки маълум гашт Мирзо Олимҷон, ки бо тахаллуси Ҳасрат дар қарнҳои XVIII – XIX- и водии Ҳисор ҳамчун шоир ном баровarda буд, яке аз шоирони равшанфикри он замон буд, ки барои пешрафту нашъунамои адабиёти тоҷик саҳми босазое гузошт, ки миёни адибони ҳам водии Ҳисор ва ҳам дигар навоҳиҳо кам ба назар мерасад.

Тазкиранависон, инчунин муҳаққиқони муосир соли таваллуди шоирро ба дурустӣ муайян накардаанд, танҳо шоири охири асри XVIII ва аввали асри XIX будани ӯро тахмин кардаанд. Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» ин нуктаро зикр кардааст, ки Мирзо Олимҷон дар аҳди Амир Шоҳмурод ва Амир Ҳайдар зиндагӣ ва эҷод кардааст.

Шодибек Собирӣ ин масъаларо пурра мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки дар ҳақиқат Мирзо Ҳасрат соҳибдевон будааст, зеро вақте ки шоирро ба хок месупоранд, сарбозони ҳокими нави Ҳисор Сӯфибий ба хонаи шоир омада, як зумра китобу дастхатҳои шоирро оташ мезананд, ки ба ин воқеа дӯсти ӯ Солеҳбой, ки дар Мадрасаи Кӯҳна ҳамсабақ буданд ва дар ҳамсоягии онҳо мезист, шоҳид буд. Аз шоир танҳо дастхате боқӣ мемонад, ки рафиқи Олимҷон Мулло Солеҳбой онро пинҳон карда буд ва чизе, ки ба дасти хонанда расидааст, ҳамин дастхат аст.

Ҳасрат тахаллус гирифтани Мирзо Олимҷон бесабаб нест, чунки шоир ҳаёти сангинро аз сар гузаронидааст. Ҳокими Ҳисор Сайидбий падарарӯси Мирзо Ҳасрат ӯро зиёд эҳтиром мекард ва дар корҳои

давлатӣ шоир доим ҳамроҳи ҳоким буд. Аммо таҳқиқотҳои минбаъда чунин нишон дод, ки Мирзо ном гирифтани шоир аз он сабаб буда, ки хатти зебое дошт ва дар санъати хаттотӣ ҳунари хуб дошт. Дар асари Шодибек Собирӣ Ҳасрат танҳо бо номи Олимҷон ёд шудааст. Муаллиф инчунин шаҷараи авлодони Ҳасратро овардааст ва ин бозёфт вараќи нодир ва пурарзишест. Шодибек Собирӣ ин маълумотҳоро аз хешу таборone, ки нисбатан калонсоланд, инчунин мӯйсафедони калонсоли деҳае, ки он ҷо Мирзо Олимҷон зиндагӣ кардааст, ҷамъ оварда, дар бораи ҳаёти шоир асари таърихию бадеии хубе таълиф намудааст, ки барои хонандагон оид ба ҳаёти шоири ҷавонмарг Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ маълумоти хубест.

Дӯсти вафодори Мирзо Олимҷони Ҳасрат – Солеҳбой дар нафасҳои охирин бо ӯ буд. Солеҳбой устои кафшдӯз буда, ҳарду бо Олимҷон дар Мадрасаи Кӯҳнаи шаҳри Ҳисор ҳамсабақ буданд.

Китобҳои нодири Мирзо Олимҷон баъд аз марги Солеҳбой ба Муллораҳим ҷиянаш мерос монд. Ҷангу ҷидолҳо сабаб гардиданд, ки нусхаҳои қаламӣ ва китобҳои нодир сӯхтаву нобуд шудаанд. Сабаби дигари кам будани асарҳои бадеию илмиро Амирбек Абибов дар он мебинад, ки шоиру нависандагон эҷодиёти худро ба авлодонашон мерос мегузоштанд: «Сабаби дигари кам мавҷуд будани асарҳои бадеию адабӣ боз дар он аст, ки аз рӯи анъана шоирон ва олимони гузашта ҳамаи эҷодиёти худро ҳамчун моли шахсӣ ба авлодонашон мерос гузоштаанд. Авлодони онҳо китобҳоро ҳамчун мероси муқаддаси бобоёни худ донista, ба аҳли илму адаб дастрас намекунанд» [9, 221].

Шоир соҳиби як духтар будааст, бо номи Ҳамида. Духтари шоир Ҳамида ба писартағои худ хонадор шуда, соҳиби ҳафт нафар духтар гардидааст. Як зумра нафарони шинохта аз ин авлод ҳастанд, аз ҷумла нависанда Имомиддин Раҳимӣ, номзади илми филология Дилшод Раҳимӣ, тарҷумон Ҳикмат Раҳмат, сароянда Убайдулло Кароматов, шоир ва нависанда Ҳакималӣ Назаралиев.

Ҳасрат шоири ҳақгӯ буда, хушомад ва мадҳиягӯйиро ба худ сазовор надониста, ба воломансабе бо мақсади тамаъ мисрае нагуфтааст. Шоир танҳо барои ишқу муҳаббати инсонӣ, бовафоӣ, зебоиҳои табиати кишвар, мардию одамгарӣ шеър гуфтааст.

Чун соли таваллуд ва марги шоир маълум набуд аз рӯйи як воқеаи таърихӣ ин санаҳо маълум карда шуд. Дар асари «Ҳаёти пурҳасрат»-и Шодибек Собирӣ муаллиф чунин овардааст, ки: «Қурбонбибӣ дар солҳои шӯриши Восеъ дар гузари Чангоб ба Бобокалон ном оҳангар ба шавҳар баромада, рӯзгори мустақилеро бунёд намуд» [100, 46]. Қурбонбибӣ духтари Ҳамида, набераи Мирзо Олимҷон мебошад. Шӯриши Восеъ соли 1887 ба вуқӯъ пайваста буд. Пас Мирзо Олимҷон тӯли ин солҳо аллакай дар қайди ҳаёт набуд. Чӣ тавре ки Амирбек Ҳабибов дар «Мероси адабии шоирони Ҳисор» қайд мекунад, шоирон Парии Ҳисорӣ, Тошхӯҷаи Ирсӣ, Муллоисои Бадахшӣ дар дарбори Абдулкаримхон - ҳокими Ҳисор маҳфили адабӣ доштанд ва миёни ин шоирон Мирзо Олимҷон низ ном бурда шудааст. Солҳои ҳукмронии Абдулкаримхонро Амирбек Ҳабибов солҳои 1804-1866 нишон додааст. Шӯриши Восеъ соли 1887 сурат гирифтааст ва мувофиқи маълумоти Шодибек Собирӣ дар ҳамон сол набераи шоир Қурбонбибӣ хонадор шудааст. Агар Қурбонбибӣ ҳамон замон бистсола бошад, пас модари Қурбонбибӣ, Ҳамида, яъне духтари шоир 55-сола аст. Ҳангоми вафоти Мирзо Ҳасрат духтараш чормоҳа буд. Пас, шӯриши Восеъ, ки соли 1887 ба амал омада буд, то ин замон аз вафоти шоир қариб 55 сол сипарӣ гардидааст. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, баъд аз чанд соли вафоти Мирзо Олимҷон ҳокими Ҳисор Сӯфибий низ вафот мекунад ва ба сари ҳокимият бародари ӯ Абдулкаримхон меояд. Агар шӯриши Восеъ соли 1887 сурат гирифта бошад ва аз вафоти шоир тахминан 55 сол сипарӣ гардида бошад, пас санаи вафоти шоир ба соли 1832 рост меояд. Абдулкаримхон соли 1850 ба сари ҳокимияти Ҳисор меояд. Мирзо Олимҷон ба маҳфили адабии дарбори Абдулкаримхон иртиботе надорад. Мирзо Олимҷон чун 36 сол умр мебинад, пас соли таваллуди ӯ

тахминан ба соли 1796 рост меояд, ки дар он солҳо амири Бухоро дар ҳақиқат Шоҳмурод буд, зеро Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфатулаҳбоб» ин нуктаро зикр кардааст.

Дар асари Султонмуроди Одина «Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон» оид ба сохтмони Қалъа чунин андеша омадааст, ки: «Бино ба маълумоти Ҷумъақули Хумулӣ дар асараш «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (дастхати №2354/IV, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вараҳи 213 а) бо маблағи зани Сайидбий Атолиқ (модари беки ояндаи Ҳисор-Абдулкарим) соли 1834 дар ҷойи вайронаҳои дарвозаи қадимаи қалъа, ки то асри XVII валангор шуда буд, қомат рост кард» [8, 48]. Аз ин маълум мегардад, ки соли 1834 Абдулкарим ҳокими Ҳисор набудааст. Баъзе сарчашмаҳо зикр кардаанд, ки Сайидбий то соли 1830 ҳокими Ҳисор буд. Шояд ин солҳо дар ҳақиқат Сайидбий ҳокими Ҳисор буд ё шояд дар замони сохтани ин дарвоза ҳокими Ҳисор писари Сайидбий, Сӯфибий буд ва дарвозаи Манзар аз ҷониби модари ҳоким Сӯфибий сохта шуда бошад. Ин воқеа боз як далели дигар буда метавонад, ки ин солҳо Мирзо Олимҷон дар қайди ҳаёт набуд ва Абдулкаримхон ном ҳоким ҳанӯз ба сари ҳокимияти Ҳисор наомада буд.

Тазкиранависон қайд кардаанд, ки ин авлод, яъне Сайидбий бо фарзандонаш Сӯфибий ва Абдулкаримхон қариб ним аср, яъне зиёда аз 65 сол ҳукмрони Ҳисор буданд. Агар соли 1802 Сайидбий, соли 1830 баъди марги Сайидбий фарзандаш Сӯфибий ва баъд аз марги Сӯфибий соли 1850 бародараш Абдулкаримхон ба сари ҳокимияти Ҳисор омада бошанд, пас ин далел дуруст аст, ки ин хонадон зиёда аз 65 сол ҳукм рондаанд.

Мирзо Олимҷон соли 1796 таваллуд шуда бошад, пас дар 36-солагӣ аз дунё чашм пӯшидааст, ки ин ба соли 1832 рост меояд, ки дар ин солҳо ҳокими Ҳисор Сӯфибий буд.

Инчунин дар асари «Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон» омадааст, ки баъд аз марги Сайидбий соли 1830 Сатторқулибийи додхоҳ ном шахс ҳокими Ҳисор буд. Султонмуроди Одина менависад: «Бино ба

маълумоти олими англис А. Аёрис дар байни солҳои 1830-1842 боз чор ҳокими ӯзбектабор салтанат доштанд, ки мутаассифона, номашон маълум нашуд» [90, 107]. Агар ин далелҳо дуруст бошанд, пас ҳукмронии ин хонадон ба 54 сол рост меояд. Аммо мувофиқи шаҳодати Шодибек Собирӣ баъди марги Сайидбий писари ӯ Сӯфибий ба сари ҳокимият меояд ва Ҳасрат маҳз тавассути ҳамин ҳоким, яъне Сӯфибий аз дарбор дур карда мешавад. Агар ба асари Ҷумъақули Хумулӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» такя кунем, ин дуруст аст, ки соли 1834 Сӯфибий ҳокими Ҳисор набудааст, зеро муаллифи ин асар модари ҳокими Ҳисор Сӯфибий гуфта қайд мекард, чунки аллакай Сайидбий ҳокими Ҳисор набуд. Барои чӣ муаллиф модари беки ояндаи Ҳисор-Абдулкарим, гуфтааст. Шояд як муддат, чи тавре ки А. Аёрис қайд кардааст, миёни солҳои 1830-1842 Сӯфибий ҳокими Ҳисор набудааст ва баъди чандин ҳокиме, ки пайи ҳам иваз шуданд, соли 1842 Сӯфибий ҳокими Ҳисор таъин шудааст. Мувофиқи ақидаи Шодибек Собирӣ бошад, ҳангоми аз дунё гузаштани Ҳасрат, соли 1832 Сӯфибий ҳокими Ҳисор буд. Ин ҷо ягона роҳи кушоиши гиреҳи ин муаммо дар он аст, ки шояд, пас аз марги ҳокими Ҳисор Сайидбий, соли 1830 ба тахти ҳокимияти Ҳисор як муддат писари Сайидбий Сӯфибий соҳиб мешавад ва муддате нагузашта аз сари ҳокимият дур карда мешавад. Сипас, соли 1842 ҳокимиятро боз аз нав ба даст оварда, то соли 1850 дар Ҳисор ҳукм меронад.

Дар тарҷумаи ҳоли Фориғи Ҳисорӣ Амирбек Ҳабибов дар «Ганҷи парешон» овардааст, ки шоир Фориғ ҳангоми дар Ҳисор ҳоким будани Сатторқулибийи додхоҳ соли 1855 девони ашъорашро мураттаб кардааст, ки ин сана ба ҳокимияти Абдулкаримхон дар Ҳисор рост меояд. Пас, далеле, ки Сайидмуроди Эшзода овардааст, ки солҳои 1830 то 1842 Сатторқулибий ҳукмрони Ҳисор бошад, ҳақиқат надорад. Инчунин, дар поёни феҳристи ҳокимони Ҳисор чунин оварда шудааст, ки: «Табиист, ки дар ин феҳрист на ҳамаи ҳокимони мулки Ҳисор дарҷ ёфтаанд ва доир ба санаҳои ҳукуматдории онҳо шояд саҳве бошад. Ба ҳар ҳол ин масъала тадқиқоти ҷиддӣ металабад, зеро дар як сол ҳоким таъйин шудани чандин кас он қадар эътимоднок нест» [90, 108].

Сатторқулибий танҳо метавонист баъди Абдулкаримхон дар Ҳисор ҳоким таъйин шуда бошад. Ё, ки соли 1855 дар байни ҳукмронии Абдулкаримхон як муддати кӯтоҳ ҳокими Ҳисор таъйин гашта бошад, зеро Ториғ дар ғазалаш номи Сатторқулибийро зикр кардааст:

**Саъйҳо кардам ба фикри шеър дар айёми умр,**

**Рехт борони маонӣ аз дили ман чун саҳоб.**

**Хусрави Сатторқулибӣ додхоҳи очизон**

**Буд аз нури ҳидоят чабҳаи ӯ офтоб.**

**Сояи тарбияти худ аз сари ман барнадошт,**

**То ки бастам иқдҳои назм чун дурри хушоб [39, 273].**

Сатторқулибий пеш аз Саидбий ҳоким буда наметавонад, чунки Амир Ҳайдар ҳангоми ба қатл расонидани ҳокими Ҳисор Аллабердӣ Саидбийро ҳокими Ҳисор тайин мекунад.

Дар мавриди он ки соли 1863 дар ҳақиқат Абдулкаримхон ҳокими Ҳисор буд, шеъри Парии Ҳисорӣ, ки дар «Таърихи сарои Ҳисор» гуфтааст, далел буда метавонад:

**Ба қасди чоҳу давлат то қиёмат,**

**Хидев Абдулкаримбий додхоҳ буд.**

**Гузашт аз авчи торум, гуфт таърих,**

**Имороти рафеъи сангбунёд [90, 48].**

Мисраи охирин моддаи таърих буда, аз рӯйи ҳисоби абчад ба соли 1279 ҳичрӣ, яъне ба соли 1862-1863 мелодӣ рост меояд. Аз рӯйи моддаи таърих, таърихи зикршуда ба солҳои ҳукмронии Абдулкаримхон рост меояд.

Дар баъзе сарчашмаҳо, аз чумла «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ омадааст, ки Мирзо Олимчон дар аҳди Амир Шоҳмурод ва Амир Ҳайдар зиндагӣ ва эчод кардааст. Амир Шоҳмурод дар чаҳоряки нимаи дувуми асри XVIII амири Бухоро буд ва аз соли 1800 то 1825 Амир Ҳайдар амирии Бухороро ба ӯҳда дошт. Амирбек Абибов такя ба ин маълумоти Возеҳ вафоти шоирро ба солҳои 20-уми асри XIX тахмин кардааст, ки ба ҳақиқат наздик аст.

Нуктаи дигарро зикр бояд намуд, ки дар баъзе сарчашмаҳо замони зиндагии Ҳасратро аз давраи ҳокимияти Амир Шоҳмурод то Амир Ҳайдар донистаанд. Дар асари «Шоирони Мовароуннаҳр»-и Алии Муҳаммадии Хуросонӣ низ ин ақида ҳаст, ки: «Ҳасрат дар Ҳисори Шодмон таваллуд ёфтаву дар замони ҳукмронии Амир Шоҳмурод ва Амир Ҳайдар касби камол кардааст» [55, 468]. Аз рӯйи ин далелҳо 36 сол умр дидани шоир дуруст буда, замони таваллуди ӯ ба чаҳоряки нимаи дуввуми қарни XVIII рост меояд. Муҳаққиқон низ Ҳасратро шоири охири қарни XVIII ва нимаи аввали қарни XIX муаррифӣ кардаанд. Оид ба марди ҳунар ва шахси пешқадами ин аҳд будани шоир Имомиддин Раҳимӣ чунин қайд кардааст: «Нобасомонии замона ва разолати саркардагони он оқибат умри ин марди ҳунар – шоир, донандаи шеъру ғазал, наққош, қории Қуръони Каримро дар синни 36-солагӣ дар айни камолот аз олам рабуд» [100, 3].

Чи тавре ки маълум гашт, Мирзо Олимҷон, ки бо тахаллуси Ҳасрат дар қарнҳои XVIII – XIX-и водии Ҳисор ҳамчун шоир ном бароварда буд. Шоир барои пешрафту нашъу намои адабиёти тоҷик саҳми босазое гузошт, ки миёни адибони ҳам водии Ҳисор ва ҳам дигар навоҳӣ кам ба назар мерасад. Дар ҳамаи давру замон шоирони маддоҳ зуд мавқеи худро меёбанд, аммо шоироне, ки ба мадҳу санои амирону ҳокимон машғул набуда, танҳо барои адабиёту фарҳанги миллат хизмат мекарданд, аз ҷониби ҳокимони тангназар ва мардуми нодони сарватманд дастгирӣ намеёфтанд. Ҳатто буданд шоироне, ки бо ин гуноҳ аз назарҳо хеле дур монда, ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтанд. Чунки амирон ва ҳокимони давр ҳамеша аз шоироне, ки онҳоро бо мадҳу санои хушку холӣ дар шеърҳояшон зинда медоштанд, ҳимоят мекарданд. Ҳасрат маҳз бо сабаби мадҳу сано нагуфтани ҳокими Ҳисор аз ҷониби онҳо дастгирӣ намеёбад. Ҳама он бадбахтиҳое, ки ба сари шоир меояд, маҳз аз ҷониби мардуми ҷоҳилу сарватманд буд ва ҳокими Ҳисор Сӯфибий ба тоифаи ин мардум дохил мешавад.

## 2.2.Мероси адабии Мирзо Ҳасрат

Ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ то ба замони мо пурра омада нарасидааст. Аммо соҳибдевон будани шоирро байти зер гувоҳ аст:

**Ба дил дорам зи ҷӯши ҷилваи ҳуснаш гулистоне,**

**Мураттаб кардаам аз барги гул авроқи девоне [51, 63].**

Амирбек Ҳабибов дар маҷмӯаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ашъори шоирони даврони зиндагии Ҳасратро гирд овардааст. Ашъори ҷамъовардашуда аз баёзҳои қаламӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Чӣ хеле ки А. Ҳабибов қайд кардааст, баёзи рақами 10, ки онро Мулло Мирбақои Саҳҳоф соли 1305 ҳиҷрӣ китобат намудааст ва дар Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз мебошад, 31 ғазалу мухаммаси Мирзо Ҳасратро дар бар мегирад. Амирбек Ҳабибов ин баёзро сарчашмаи мукаммалтар ва саҳеҳтари ашъори шоир шумурдааст.

Ҷустуҷӯйҳо чунин натиҷа доданд, ки ин баёз ва баёзҳои дигар ашъори зерини шоирро дар бар гирифтаанд: 93 ғазал (555 байт), 21 мухаммас (302 байт), як мусаддас (21 байт), як маснавӣ (19 байт), 2 рубоӣ (8 байт), порчаи назм аз титол (38 байт) ва 7 байти ҷудогонаи шоирро, ки ҳамагӣ 1146 байтро ташкил медиҳанд. Инчунин, 2 порчаи мансури бо назм омехта, ки онҳоро «Титол» ё «Татол» ном мебаранд, дар ин нусха омадаанд.

Сарчашмаҳои асосии ашъори шоироне, ки Амирбек Ҳабибов дар маҷмӯаи номбурда гирд овардааст, баёз, ҷунг, тазкираҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ мебошанд.

Дар муқаддимаи китоб муаллиф чунин қайд намудааст: «Дар ин маҷмӯа асосан ашъори он шоирони асри XIX ҷамъ оварда шудааст, ки девонашон ҳоло пайдо нест ва ашъорашон дар сарчашмаҳои гуногун пароканда аст. Баъзе шеърҳои Мирзо Ҳасрат, Парӣ ва Бобо Ирсӣ дар нусхаҳои зиёде дарҷ ёфта буданд ва мо ҳамаи он вариантҳоро навишта,

аз рӯйи ҳамаи он як варианти саҳеҳ сохта, тафовут ва таҳрифотро дар поварақҳо ишора кардем» [37, 11].

Ин ҷо муаллиф зикр намудааст, ки ашъори адибоне, ки дар ин маҷмӯа ҷамъоварӣ карда шудааст, аз захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои собиқ СССР, китобхонаи оммавии ба номи Салтыков-Шедрин, Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ, аз Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Расул Ҳодизода низ ин нуктаро дар пешгуфтори маҷмӯаи мазкур чунин арзёбӣ намудааст: «Яке аз натиҷаҳои пурмаҳсултарини ин ҷустуҷӯҳои ӯ ҳамин матни мероси боқимондаи шоирони доираи адабии Ҳисор аст, ки аз чандин нусхаҳои хаттии баёзҳо, тазкираҳо, маҷмӯаҳои гуногун ва ҷунгҳо ба даст омадааст. Амирбек Ҳабибов ашъори шоиронро натанҳо аз нусхаҳои қаламӣ гирд овардааст, балки онро ба воситаи муқобала ва интиқоди матн ба андозаи зиёде тасҳеҳ намуда, ба тартиби муайяне низ дохил намудааст» [37, 4].

Ин ҷо гуфтан зарур аст, ки мероси адабии Ҳасрат дар баёзу тазкираҳо вариантҳои гуногун дорад. Ғазали зерини Ҳасрат, ки аз Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардид, аз панҷ байт иборат аст ва шакли пурраи ғазал ин аст:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**
**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.**
**Ман аз беқадрии хори ҳар девор донистам,**
**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо.**
**Матои ҳусни ӯро бар сари бозори Миср оранд,**
**Зулайхо мешавад шарманда аз Юсуф хариданҳо.**
**Ману маъшуқ агар хоҳӣ ба як маҷлис тамошо кун,**
**Аз ӯ гул-гул шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.**
**Маро охир ба хоки тира яксон кард ин, Ҳасрат,**
**Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо [51, 44].**

Бояд қайд намуд, ки дар маҷмӯаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор», ғазали мазкур ҳашт байтро дар бар мегирад, ки чунин аст:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**
**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.**
**Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,**
**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо.**
**Матои ҳусни ӯ гар бар сари бозори Миср оранд,**
**Зулайхо мешавад шарманда аз Юсуф хариданҳо.**
**Ману маҳбубро хоҳӣ ба як маҷлис тамошо кун,**
**Аз ӯ гул-гул шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.**
**Надорад илтифоте бо рақибон шӯхи ман ҳаргиз,**
**Ки оҳуро бувад расми қадим аз саг рамиданҳо.**
**Ба вазъи худ писандидем дар базми парирӯён,**
**Забон аз мо гирифтанҳову ранг аз рух париданҳо.**
**Садои резиши фаввораe мехонд дар гӯшам,**
**Ки охир сар ба пастӣ мекашад боло давиданҳо.**
**Маро охир ба хоки тира яксон кард ин, Ҳасрат,**
**Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо [37, 23].**

Як нуктаи дигар ин аст, ки ғазали дар боло овардашуда дар маҷмӯаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор»-и Амирбек Ҳабибов дар мисраи севум калимаи **хар**-ро бо **сари** иваз намудаанд, ки дуруст аст.

*Варианти дастхат:*

Ман аз беқадрии хори **хар** девор донистам [51, 44].

*Варианти маҷмӯа:*

Ман аз беқадрии хори **сари** девор донистам [37, 23].

Инчунин дар мисраи панҷум **ӯро** ба **ӯ гар** иваз карда шудааст.

*Варианти дастхат:*

Матои ҳусни **ӯро** бар сари бозори Миср оранд [51, 44].

*Варианти маҷмӯа:*

Матои ҳусни **ӯ гар** бар сари бозори Миср оранд [37, 23].

Дар мисраи ҳафтум калимаи **маъшуқ агар** бо **маҳбубро** иваз карда шудааст.

*Варианти дастхат:*

Ману **маъшуқ агар** хоҳӣ ба як маҷлис тамошо кун [51, 44].

*Варианти маҷмӯа:*

Ману **маҳбубро** хоҳӣ ба як маҷлис тамошо кун [37, 23].

Инчунин, мисраи аввали шеър дар нусхаи дастхати маҳфуз дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Амирбек Ҳабибов онро аз хатти форсӣ ба кирилӣ баргардон кардааст, дар мисраи аввали ғазал дар калимаи **баландӣ** дар повараки маҷмӯа ишора бар калимаи **гаронӣ** омадааст, дар мисраи дувум калимаи **санг** ишора бар калимаи **ҷанг**, дар мисраи чаҳорум калимаи **нишастанҳо** ишора бар **давиданҳо**, дар мисраи ҳафтум калимаи **маҷлис** ишора бар калимаи **суҳбатҳо** омадааст. Яъне аз ин ишораҳо чунин бармеояд, ки дар дигар тазкираҳо ин калимаҳо ба дигар вариантҳо омадаанд ва муаллифи ин маҷмӯа ҳамаи он вариантҳоро омӯхта, гунаи дурусттару мувофиқтарро пешниҳод намудааст.

Мувофиқи ақидаи А. Ҳабибов, ғазалҳои Ҳасрат дар якчанд баёзу тазкираҳо дарҷ гардидаанд, ғазале дар як тазкира бо миқдори ками байтҳо ва дар тазкираи дигар ҳамон ғазал бо иловаи байтҳо омадааст. Ғазалҳо ба чанд навъ сабт гардидаанд ё баъзе калимаҳо бо калимаҳои дигар иваз шудаанд, ки ин ҳам дар доираи вазну қофияи ғазал мебошад.

Ногуфта намонад, ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик»- и устод Садриддин Айнӣ ғазали мазкур дорои панҷ байт аст, ки муаллиф онро аз «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ гирифтааст:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**
**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.**
**Ман аз беқадрии хори ҳар девор донистам,**
**Ки нокас кас намегардад аз ин боло давиданҳо.**
**Матоъи ҳусни ӯро бар сари бозори Миср оранд,**
**Зулайхо мешавад шарманда аз Юсуф хариданҳо.**

**Ману маъшуқ, агар хоҳӣ, ба як маҷлис тамошо кун,**

**Аз ӯ гулгун шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.**

**Маро охир ба хоки тира яксон кард ин Ҳасрат:**

**Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо [27, 156].**

Дар ин ғазал танҳо дар ду калима дигаргуниро мебинем. Дар мисраи чоруми ғазал калимаи **нишастанҳо** ба калимаи **давиданҳо** ва дар мисраи ҳаштуми ғазал калимаи **гул-гул** ба калимаи **гулгун** иваз гардидааст.

*Варианти дастхат:*

Ки нокас кас намегардад аз ин боло **нишастанҳо** [51, 44].

*Варианти «Намунаи адабиёти тоҷик»:*

Ки нокас кас намегардад аз ин боло **давиданҳо** [27, 156].

*Варианти дастхат:*

Аз ӯ **гул-гул** шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо [51, 44].

*Варианти «Намунаи адабиёти тоҷик»:*

Аз ӯ **гулгун** шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо [27, 156].

Ҳар ду вариант ҳам ба ин байт маънӣ медиҳанд, аммо агар қисмати охири байт «**ранг аз ман париданҳо**»-ро ба инобат гирем, варианти «Намунаи адабиёти тоҷик» дурусттар аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи **гулгун** ба маънии **гулранг, сурхранг, чеҳраи гулгун, сурх шудан** омадааст. Яъне сурх шудани чеҳраи маъшуқа ва берангии чеҳраи ошиқ ба ҳам созгоранд. Ғазали зерин дар «Туҳфат-ул-аҳбоб»- и Раҳматуллоҳи Возеҳ низ омадааст ва ба ғазале, ки дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, айнан монанд аст. Ягон калима иваз нагардидааст, миқдори мисраҳо низ мусоидат мекунанд:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**

**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.**

**Ман аз беқадрии хори ҳар девор донистам,**

**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо.**

**Матои ҳусни ӯро бар сари бозори Миср оранд,**

**Зулайхо мешавад шарманда аз Юсуф хариданҳо.**

**Ману маъшуқ агар хоҳӣ ба як маҷлис тамошо кун,**

**Аз ӯ гул-гул шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.**

**Маро охир ба хоки тира яксон кард ин, Ҳасрат,**

**Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо [48, 55].**

Ҳамчунин ин ғазал дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»- и устод Садриддин Айнӣ низ аз панҷ байт иборат аст. Дар саҳифаи 218-уми китоби номбурда мухтасар доир ба рӯзгори шоир маълумот дода шуда, дар поёни матн ғазали номбурдазикр шудааст ва муҳаққиқ меафзояд, ки: «Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёташ маълумоти дигаре ба даст надаромад. Ягона шеъраш, ки дар поён ба тарзи намуна нишон медиҳем, хонандаро аз содагӣ, равонии забон ва барҷастагии маънои навиштаҳои Ҳасрат, каме ҳам бошад, хабардор мекунад» [50, 218].

Маъхази дигар, ки дар он ғазали номбурда омадааст, асари Шодибек Собирӣ «Доираи адабии Ҳисор (аз асри X то XX)» мебошад, ки аз ҳашт банд иборат аст. Дар овардани ин ғазал нависанда ба китоби А. Абибов такя намудааст, зеро ғазал айнан оварда шудааст ва дар ягон ҷойи ғазал дигаргунии калимаҳо ба назар намерасад.

Сарчашмаи дигар ин дастхати шоир мебошад. Дар дастхате, ки аз Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон дастрас гардид, дигаргуниҳо хеле зиёданд. Масалан, такрори ғазалҳо, дигаргунии калимаҳо ё ҷойивазшавии мисраъ ва байтҳо зиёд ба чашм мерасанд.

Инчунин ғазали 1 аз имкони хондан берун аст. Масалан, ғазали рақами 3 ба ғазали рақами 11 монанд аст, танҳо баъзе ибораҳо дигаргунанд.

*Мисраи шашуми ғазали рақами 3:*

Намакдон мешавад гирдоби **<u>баҳри</u>** зулмати шабҳо [51, 44].

*Мисраи шашуми ғазали рақами 11:*

Намакдон мешавад гирдоби **<u>ғам дар</u>** зулмати шабҳо [51, 45].

Дар калимаи зулмат дар ҳарфи «<u>з</u>» нуқта афтидааст, ки шояд бо айби котиб бошад.

Умуман, ин хел ғалатҳо дар девон бисёр аст ва ин шояд бо айби котиб рух додааст. Ин нуктаро Амирбек Ҳабибов низ дар маҷмӯаи номбурда мавриди зикр қарор додааст, ки баъзе иборaҳои ғазалҳо аз қофия берун ҳастанд. Инчунин, баъзе байтҳои ғазалҳо дар чандин ғазал такрор омадааст ва баъзе фарқиятҳои дастхатро аз маҷмӯаи Амирбек Ҳабибов дар поён зикр хоҳем кард.

Ғазали рақами 21, дастхат аз 5 байт иборат аст ва дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» низ ҳамин ғазал омадааст, ки дорои 5 байт аст. Аммо дар китоби Амирбек Ҳабибов, пеш аз байти панҷум як байт илова шудааст:

**Тавон дар сояи озодагони даҳр осудан,**

**Ки дил умре асири қомати он сарви озод аст [37, 30].**

Инчунин, ҳар байти ин ғазал ва байтҳои охири ҳар банди мухаммаси рақами 27 аз китоби Ҳабибов мебошад.

*Ғазали рақами 21, аз дастхат:*

**Шароби ноби минои дили мо санги бедод аст,**

**Нигини Бесутун лабрези нақши номи Фарҳод аст.**

**Агар Тубӣ ба Ризвон нозад аз хуни ҷигар, ман ҳам,**

**Ба дил парвардаам оҳе, ки хиҷлатбахши шамшод аст [51, 48].**

*Мухаммаси рақами 27, аз маҷмӯа:*

Маро чандин насиҳат бо худ аз пири хирад ёд аст,

Уруҷу равнақи ҳарфи ман аз таълими устод аст.

Ба ҳар бетолее аз хушзабониҳо Худо додаст,

**Шароби ноби минои дили мо санги бедод аст,**

**Нигини Бесутун лабрези нақши номи Фарҳод аст.**

Агар он симбар бо ҳусни худ нозад дигар, ман ҳам,

Агар бо хату холи хештан нозад дигар, ман ҳам,

Ба бӯстон боғбон бо сарв, агар нозад дигар, ман ҳам,

**Агар Ризвон ба Тубӣ нозад, аз хуни ҷигар, ман ҳам,**

**Ба дил парвардаам оҳе, ки хиҷлатбахши шамшод аст [37, 54].**

Инчунин, дар мухаммасҳои рақами 28 ва 29 айнан ин байтҳо дида мешаванд.

*Мухаммаси рақами 28, аз маҷмӯа:*

Диҳад бӯи шаҳодат зиндагонӣ фикри барбод аст,
Сари ҳар мӯй бар тан ханҷари хунрези ҷаллод аст.
Зи мастиҳои мо майхонаи гетӣ ба фарёд аст,
**Шароби ноби минои дили мо санги бедод аст,**
**Нигини Бесутун лабрези ному нақши Фарҳод аст.**

Шуда маъвои Маҷнун дашту ҳар ҷо дар ба дар ман ҳам,
Садаф мамлуи зинат нест аз мижгони тар, ман ҳам,
Масеҳо аз нафас гӯяд зи оҳи беасар, ман ҳам,
**Агар Ризвон ба Тубо нозад аз хуни ҷигар, ман ҳам,**
**Ба дил парвардаам оҳе, ки хиҷлатбахши шамшод аст [37, 57].**

*Мухаммаси рақами 29, аз маҷмӯа:*

Дилам дар поси матлаб гӯиё ҳамдарси Фарҳод аст,
Ба рӯям ғайри кулфат боби шодиро кӣ бикшодаст?
Арӯси синаро ғамҳои васли (ёр) домод аст,
**Шароби ноби минои дили мо санги бедод аст,**
**Нигини Бесутун лабрези нақши номи Фарҳод аст.**

Агар гардида моҳу сол Маҷнун дар ба дар, ман ҳам,
Агар афтода Юсуф муддате дур аз падар, ман ҳам,
Агар додаст дар роҳи ту ҷонон сар ба сар, ман ҳам,
**Агар Ризвон ба Тубӣ нозад, аз хуни ҷигар, ман ҳам,**
**Ба дил парвардаам оҳе, ки хиҷлатбахши шамшод аст [37, 58].**

Мухаммаси рақами 81, аз дастхат, ки 6 бандро ташкил мекунад, байтҳои охири ҳар банд дар маҷмӯаи А. Ҳабибов чун ғазали ҷудогона таҳти рақами 9 омадааст:

*Мухаммаси рақами 81, аз девон:*

Эй ман асираки дилаки бевафоякат

В-эй ҷонакам фидояки ҷабру ҷафоякат,

Ҳар ҷо равӣ, равам зи паят аз қафоякат.

**Гирам ғубори поякат, эй ман фидоякат,**

**Молам ба чашм, пас кунам он гаҳ фидоякат.**

Оё бувад, ки пешаки ман хобакат барад,

Болои зону хобакаки нозакат барад,

Хуршед рашк аз маҳи рухсоракат барад,

**Сад шайхро зи савмаа рухсоракат барад,**

**Эй ман фидои ҷабраки беинтиҳоякат [51, 66].**

*Ғазали рақами 9, аз маҷмӯа:*

**Гирам ғубори поякат, эй ман фидоякат,**

**Молам ба чашму пас кунам, он гаҳ фидоякат.**

**Сад шайхро зи савмаа рухсоракат барад,**

**Эй ман, фидои ҷабраки беинтиҳоякат [37, 32].**

Байтҳои охири ҳар банди мухаммаси рақами 20-и девон дар маҷмӯа ғазали ҷудогона тахти рақами 10 шуда омадааст.

*Мухаммаси рақами 20, аз девон:*

Шоме, ки дил ба қулзуми меҳнат шиновар аст,

Субҳи машота байзаи анқои бепар аст,

Оҳам садои шаҳпари боли самандар аст,

**Хотир, ки аз кудурати даврон муқаддар аст,**

**Оинаест ташна ба хуни Сикандар аст.**

Шуд бе рухи ту ғунчаи доғам чаман-чаман,

Бе турраи ту сунбули оҳам шикан-шикан.

Эй аз хаёли доғи ту дилҳо Хутан-Хутан

**В-аз захми новаки ту ҷигарҳо Яман-Яман,**

**Савдои васлу доғи таманнот дар сар аст [51, 47].**

*Ғазали рақами 10, аз маҷмӯа:*

**Хотир, ки аз кудурати даврон муқаддар аст,**

**Оинаест ташна ба хуни Сикандар аст.**

**В-аз захми новаки ту ҷигарҳо Яман-Яман,**

**Савдои васлу доғи таманнот дар сар аст [37, 32].**

Ғазали рақами 39, ки дар девон 6 байтро дар бар мегирад, дар маҷмӯаи А.Ҳабибов ба ин ғазал 1 байт илова шудааст:

**Миёни мову ту сиррест пинҳон – кас намедонад,**

**Ниҳон шуд, дур шуд, мастур шуд, охир муайян шуд [37, 33].**

Мухаммаси рақами 32 - и девон аз 3 банд иборат аст, ки байтҳои охири ҳар банд дар маҷмӯаи А. Ҳабибов ғазали рақами 11-ро ташкил мекунад.

*Мухаммаси рақами 32, аз девон:*

Ба меҳнат ё зи роҳат бенасибонро кӣ мепурсад?

Ба хокафтодагон, бедаступоёнро кӣ мепурсад?

Барои дарди мо кӯи табибонро кӣ мепурсад?

**Ба ғайр аз дард ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?**

**Ба шоми бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?**

Гули боғи умедамро намедонам кӣ мебӯяд?

Ба дил чандин алам дорам, илоҷамро кӣ меҷӯяд?

Зи аҳволи дили зорам ба ёри ман кӣ мегӯяд?

**Ба ҷуз ашк аз ҷабинам гарди мазлумӣ кӣ мешӯяд?**

**Ба ҷуз хуноби Ҳасрат чашми гирёнро кӣ мепурсад? [51, 51].**

*Ғазали рақами 11, аз маҷмӯа:*

**Ба шоми бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?**

**Ба ғайр аз дард ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?**

**Ба ҷуз ашк аз ҷабинам гарди мазлумӣ кӣ мешӯяд?**

**Ба ҷуз хуноби ҳасрат чашми гирёнро кӣ мепурсад? [37, 33].**

Инчунин, байти охири ғазал дар мухаммаси номбурда нест:

**Фитода дар таҳи девори Ҳасрат мо ғарибонем,**

**Ғарибу хоксору хонавайронро кӣ мепурсад? [37, 33].**

Дар ғазали рақами 33 – и девон 1 байт илова шудааст, ки дар маҷмӯаи А. Ҳабибов қайд шудааст:

**Мабош носеҳи ишқам зи доғ бо дили санге,**

**Баҳори ҷунбиши домони гул шарар набарорад [37, 34].**

Дар ғазали рақами 34 – и девон низ як байт кам аст:

**То субҳ нишастам ба умеде сари роҳат,**

**Маъшуқи ман аз хонаи худ ҷилвагар омад [37, 34].**

Ғазали рақами 43 - и девон бо иловаи 2 байт дар маҷмӯаи А. Ҳабибов омадааст:

**Паи эъҷозу истиқболи теғаш аз лаби захмам,**

**Шитобон, шукргӯён низ хун аз чашм роҳӣ шуд.**

**Шудам Ҳасрат, ба сони гирдбоди домани саҳро,**

**Ки чун ҳушам зи бас мустағрақи оҳунигоҳе шуд [37, 35].**

Байтҳои охири ҳар банди мухаммаси рақами 48, ки аз 5 банд иборат аст, дар маҷмӯаи А. Ҳабибов дар ғазали рақами 17 омадааст.

*Мухаммаси рақами 48, аз девон:*

Буте дорам, ки бошад қиблаам меҳроби абрӯяш,

Ки то ҷон дар бадан дорам нагардам аз сари кӯяш,

Дилам шуд қумриосо майл бо он сарви дилҷӯяш,

**Бигаштам ҳамчу сарсар рӯзу шаб андар такопӯяш.**

**Муродам ин, ки биншинам диҳам ҷонро ба зонуяш.**

Шудам вобастаи шӯхи дилороми малаксимо,

Надорам чора ғайр аз сӯхтан бо он лаби раъно,

Ба дардам ғайри васли ту дигар набвад даво асло,

**Чӣ созам васфат, азбаски ҳама хуб аст сар то по,**

**Хусусан он ду чашми пурхумору холи ҳиндуяш [51, 54].**

*Ғазали рақами 17, аз маҷмӯа:*

**Бигаштам ҳамчу сар-сар рӯзу шаб андар такопӯяш,**

**Муродам ин ки биншинам, диҳам ҷонро ба зонуяш.**

**Чӣ созам васфаш азбаски ҳама хуб аст сар то по,**

**Хусусан он ду чашми пурхумору холи ҳиндуяш [37, 41].**

Ду байти ғазали рақами 51, ки барои нусхабардорӣ ба маҷмӯаи А. Ҳабибов такя карда шуд, дар девон байти ҷудогона шуда омадааст:

**Биё, ки канд фироқи ту беху бунёдам,**

**Расида бар фалак аз дасти ҳаҷр фарёдам.**

**Чу абр аз ҳама аъзо сиришк мерезад,**

**Магар зи хуни ҷигар шуд чу гиря эҷодам [51, 58].**

Ғазали рақами 49-и девон 5 байтро ташкил медиҳад ва дар маҷмӯаи А.Ҳабибов пеш аз ин 5 байт 3 байт илова шудааст, ки чунин аст:

**На танҳо тофт меҳри ховари ҳусни ту бар ҷонам,**

**Гиребончокии субҳ аст маҳви чашми гирёнам.**

**Аз он рӯзе, ки дидам чашми махмури сияҳмастат,**

**Зи худ бигзаштае, ошуфтае, Маҷнуни ҳайронам.**

**Макаш домони ноз аз ошиқи бечораи маҳзун,**

**Ҳамеша бар сари кӯи ту бошад иди қурбонам [37, 44].**

Ғазали рақами 56-и девон дар худи дастхат дар ду ҷо омадааст, таҳти рақами 60 бо миқдори 5 байт, ва таҳти рақами 70 бо миқдори 3 байт.

*Ғазали рақами 70, аз дастхат:*

**Танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро шудам,**

**Аз бахти бад ғариб шудам, бенаво шудам.**

**Поси чаман надоштам акнун зи бахти бад,**

**Аз ин чаман ба чидани барге ризо шудам.**

**Ҳасрат, касе ба дарди дили ман даво накард,**

**Ҳарчанд бар ҷароҳати мардум даво шудам [51, 59].**

Ғазали рақами 71-и девон, ки 6 байтро дар бар мегирад, байтҳои 1,2 ва 3 аз ғазали рақами 23 ва байтҳои 5 ва 6 аз ғазали рақами 22-и маҷмӯаи А. Ҳабибов гирифта шудааст. Байти 4 аз куҷо гирифта шудааст, маълум нест. Байти 4 ин аст:

**Ҷо карда ба дил ваҳшати оҳуи нигоҳе,**

**Саргаштагии гӯшаи улфат кию ман кӣ? [51, 62].**

Ба мулоҳизаи мо байти мазкур, ки аз нигоҳи вазн ҳамвазни абёти боло нест, дар ҳошияи варақи дастхат аз ҷониби хаттот навишта шудааст ва байти зикршуда давоми мантиқии ғазали бо ин байт ҳамвазн мебошад, ки аз авроқи ин дастхат афтидааст. Ашъори шоирро, ки навкарони ҳоким Сӯфибий бо амри ӯ ба коми оташ дода буданд, бинобар ин, аз ҷониби дӯстони шоир ашъори парокандаи ӯ баъдтар дар шакли як маҷмӯа ё девон тартиб дода шудааст. Шояд аз ин ҷиҳат байти фавқ ба тасодуф шерозаи ғазали боло шудааст.

Мухаммаси рақами 61-и девон бошад аз 4 банд иборат аст. Дар маҷмӯаи А. Ҳабибов як банди илова аст. Банди чоруми дастхат аз қофия берун аст, ки бо айби котиб рух додааст. Банди иловашуда чунин аст:

**Маро девона хоҳад кард чашму зулфу холи ӯ**

**Чу баъд аз меҳнати ҳиҷрон муяссар шуд ҷамоли ӯ,**

**Надорам ёри дилсӯзе, ки гӯяд пеши ҷонона,**

**Ҳама кас ошно бо ёру ман аз хеш бегона,**

**Худоё, бошад он рӯзе, ки ман ҳам ошно бошам [37, 59].**

Мисраъҳо бо айби котиб пешу қафо навишта шудааст, ки варианти дурустро А. Ҳабибов пешниҳод кардааст.

*Варианти девон:*

**Зи шавқи он парипайкар карорам нест дар хона,**

**Ба кӯяш ҳар шабе то рӯз мегардам чу парвона.**

**Ки ҳар ҷо бошаму ҳар ҷо нишинам дар хаёли ӯ,**

**Мадад кун з-он аҷал, то ҷон диҳам рӯзи висоли ӯ,**

**Намехоҳам, ки дар шоми фироқаш мубтало бошам [51, 58].**

*Варианти Ҳабибов:*

**Зи шавқи он парипайкар қарорам нест дар хона,**

**Ба кӯяш ҳар шабе то рӯз мегардам чу парвона.**

**Надорам ёри дилсӯзе, ки гӯяд пеши ҷонона,**

**Ҳама кас ошно бо ёру ман аз хеш бегона,**

**Худоё, бошад он рӯзе, ки ман ҳам ошно бошам.**

**Маро девона хоҳад кард чашму зулфу холи ӯ,**

**Чу баъд аз меҳнати ҳиҷрон муяссар шуд ҷамоли ӯ,**

**Ки ҳар ҷо бошаму ҳар ҷо нишинам дар хаёли ӯ,**

**Мадад кун з-он аҷал, то ҷон диҳам рӯзи висоли ӯ,**

**Намехоҳам, ки дар шоми фироқаш мубтало бошам [37, 59].**

Мухаммаси рақами 73-и девон аз 6 банд иборат аст. Дар маҷмӯа як банд илова шудааст:

**Девони қазо абҷади нақши қалами туст,**

**Неку бади Ҳасрат зи азал гар рақами туст,**

**Лотафз яке оя зи васфи карами туст,**

**Тақсири Ҳилолӣ ба умеди карами туст,**

**Яъне, ки гунаҳро беҳ аз ин нест баҳона [37, 67].**

Инчунин, аз 72 ғазал дутоаш дар маҷмӯа нестанд, ки яке аз онҳо чунин аст:

**Оламе равшан шуд аз ҳиҷрони он рафтор тор,**

**Вақти ёрӣ омад эй, мижгони гавҳарбор бор.**

**Дӣ ба чандин нози он танноз на ҳар уммед рафт,**

**Раҳми ошиқ монда бар хори ӯ ночор чор.**

**Бе лаби майгун, эй золим, ба базми майкашон,**

**Ҷоми биногашта миҷмар бодаи гулнорӣ нор.**

**Дил зи ғайри ӯ нахоҳӣ хешро дилгир гир,**

**Якҷиҳат шав, фикрату андеша бар дилдор дор.**

**Ёр он бошад, зи по афтӣ ту, гардад дастгир,**

**В-арна дар рӯзи хушӣ пайдо шавад бисёр ёр.**

**Дил ба меҳри дори дунё хуш магардон, эй Ҳусайн**

**Ҷуз фиреби макри малъун кай дорад ин маккор кор [51, 54].**

Инчунин, як мухаммас дар маҷмӯа нест:

**Эй ман асираки дилаки бевафоякат,**

**В-эй ҷонакам фидояки ҷавру ҷафоякат,**

**Ҳар ҷо равӣ, равам зи паят аз қафоякат,**

**Гирам ғубори поякат эй, ман фидоякат,**

**Молам ба чашм, пас кунам, он гаҳ фидоякат.**

**Оё бувад, ки пешаки ман хобакат барад,**
**Болои зону хобакаки нозакат барад,**
**Хуршед рашк аз маҳи рухсоракат барад,**
**Сад шайхро зи савмаа рухсоракат барад,**
**Эй ман, фидои ҷабраки беинтиҳоякат.**

**Эй дилрабои маҳвашаки шӯхшангакам,**
**Як бор агар Худой расонад ба чангакам,**
**Лабҳои шаккарини туро гираму макам,**
**Гирам зи дастакат, бинишонам ба пешакам,**
**В-он гаҳ сари ниёз ниҳам пеши поякат.**

**Эй ман фидояки лабаки гуфтугӯякат,**
**В-эй ман кабобаки лабаку чашму мӯякат,**
**Қурбонаки нигоҳакаки тундхӯякат,**
**Мақсудакам, нигоҳакакам, ҷустуҷӯякат,**
**Ҳаргиз Худо ҷудо накунад аз лиқоякат.**

**Эй ман фидояки дилаки сангакат шавам,**
**Қурбонаки даҳонакаки тангакат шавам,**
**Туғрояки нигоҳакаки мастакат шавам,**
**Мақтулаки нигоҳакаки чашмакат шавам,**
**Ҳар ҷо равам чу соил, гӯям саноякат.**

**Ман гаштаам хадангакаки чашми шӯхакат,**
**Мафтунаки нигоҳакаки фитнаҷӯякат,**
**Мурдам зи ҳасрати лабаку дасту рӯякат,**
**Бо ман ҳамеша ҷабру ҷафоест хӯякат,**
**Ҷонам нисори хӯякаки пурҷафоякат [51, 66].**

Дар нусхаи хаттӣ баъзе байтҳои ҷудогонае ҳастанд, ки дар маҷмӯа нестанд, аз ҷумла абёти зер:

**Зулф аз Кашмиру хол аз Ҳинду чашмон аз Хутан,**

**Эй худонотарс, дар дасти кадомат ҷони ман [51, 59].**

ё ки:

**Ду се рӯзе дар ин ғурбатсарои даҳр меҳмонам,**

**Асири ҷумлаи дилҳои номасруру вайронам [51, 51].**

Дар маҷмӯа аз дохили ғазалҳо байтҳои ҷудогона гирифта шуда, ғазалҳои мукаммал сохта шудааст. Дар баъзе ғазалҳо мисраъҳо дигаргунанд. Инчунин, баъзе калимаву ибораҳо шояд бо айби котибон партофта шудаанд ва ё А. Ҳабибов аз якчанд дастхат ғазалро пурра гардонидааст. Масалан, дар ғазали 27, дар мисраи шашум калимаҳои **ба сар** қайд нагардидаанд:

Бадмастию паймонаи доғи дили решам,

Гуфтам, ки **ба сар** нашъаи саҳбо нашавад, шуд [37, 35].

Инчунин, шоироне ҳастанд, ки бар ғазали Ҳасрат мухаммас бастаанд. Яке аз шоирони Бухоро шоири хушсалиқа Абдурауфи Фитрати Бухорӣ бар ғазали «киву ман кӣ» мухаммас бастааст, ки аз он мухаммас ду бандашро мисол меорем:

Дилбохтаам, тарки муҳаббат киву ман кӣ?

Фикри худу парвои саломат киву ман кӣ?

Савдоии дардам, ғами сиҳҳат киву ман кӣ?

**«Кулфатзадаам, бодаи ишрат киву ман кӣ?**

**Бемори ғамам, бистари роҳат киву ман кӣ?»**

Дар кӯйи муғон рехт фурӯ болу пари ман,

Хок аст дар ин Каъба тани дардасари ман.

Ҳастӣ манамо ҷилва дигар дар назари ман,

**«Эй боли ҳумо, соя маяфкан ба сари ман.**

**Шоҳаншаҳи фақрам, ғами давлат киву ман кӣ?» [27, 307].**

Ғазали мазкури Ҳасрат чунин аст:

**Ранҷури ғамам, бистари роҳат кию ман кӣ?**

**Кулфатзадаам, бодаи ишрат кию ман кӣ?**

**Эй боли ҳумо, бар сари мо соя маяфган.**

**Шоҳаншаҳи фақрам, ғами давлат кию ман кӣ? [37, 49].**

Ҳасрат инчунин бо забони ӯзбекӣ низ шеър гуфтааст. Дар китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор» Амирбек Ҳабибов як мухаммас, як ғазал ва як рубоии Ҳасратро, ки ба забони ӯзбекӣ навишта шудааст, низ овардааст. Ногуфта намонад, ки дар дастхате, ки дар Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, шеърҳои бо забони ӯзбекии шоир нест. А. Ҳабибов онҳоро аз дигар сарчашмаҳо дастрас кардааст.

Дар аввалҳои асрҳои XVII-XIX шоиреро дарёфт кардан душвор набуд, ки бо ду забон, тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър нагуфта бошад. Ҳодисаи дузабонӣ (зуллисонайнӣ), яъне бо ду забон эҷод кардани шеър миёни адибони Осиёи Миёна як навъ анъана буд. Бо ду забон эҷод шудани шеър, яъне анъанаи миллии шеъргӯйии «дузабонӣ» («зуллисонайнӣ») миёни шоирони тоҷик ҳамчун як роҳи худмуҳофизатӣ ва эҳёи фарҳанги маънавии тоҷикон ҳисоб меёфт. Муҳаққиқ Субҳон Амирқулов ин падидаро аз як ҷониб ҳамчун як роҳи худмуҳофизатӣ аз хатари осеб дидани инкишофи адабиёти тоҷик ва ҳуввияти миллии тоҷикон донад, аз ҷониби дигар ташаккул ёфтани адабиёти ӯзбекро дар он медонад: «Ин амр ҳамчун як роҳи худмуҳофизатӣ ва эҳёи фарҳанги маънавии ниёгон пазируфта шуда буд, вале аз тарафи дигар, ин амал хоҳу ноҳоҳ барои ташаккулёбии адабиёти миллии ӯзбек яке аз омилҳои муҳими созандагӣ низ ба шумор мерафт» [56, 7]. Инак рубоии Ҳасратро, ки бо ду забон навишта шудааст, меорем:

**Рафтам ба дари хонаи он лабшакарак,**

**Аз хона бурун омаду гуфто; «Не керак»?**

**Гуфтам: Шакарак, аз лабакат бӯса керак,**

**Гуфто: Бидиҳам тамаъ макун аз дигарак [20, 148].**

Дар ҷараёни адабии нимаи аввали асри XIX «зуллисонайнӣ»-и шуаро танҳо идомаи анъанаи хос дар адабиёти ӯзбек набуда, инчунин барои равобити адабии мутақобили тоҷику ӯзбек зуҳуроти ҳодисаи таърихан нав мебошад.

Ин ҷо зикр кардан бамаврид аст, ки Амирбек Ҳабибов дар овардани бахши узбекии рубоӣ ба хатогӣ роҳ додааст, ё калимаро нодуруст хондааст, чунки дар навиштан ба хати арабӣ калимаи **не** ва **нма** қариб як хел навишта мешаванд ва дар забони узбекӣ калимаи **не** нест. Ин ҷо ба ҷойи ибораи **не керак** шояд **нма керак** аст, ки ин ибора ба забони тоҷикӣ **чӣ даркор** мешавад. Агар ба маънои рубоӣ диққат кунем, варианти **нма керак** дурусттар аст:

Рафтам ба дари хонаи он лабшакарак,
Аз хона бурун омаду гуфто; «**Нма керак**»?

Дар ин самти эҷодӣ Мирзо Олимҷони Ҳасратро хидматгузор ва ба ҳайси як шоир ва донишманд барои адабиёти оламшумул ва ғании тоҷик бояд донист, чунки шоир дар ин равия хизматҳои намоёне ба анҷом расонидааст. Шоир Абдусалом Деҳотӣ шахси донишманд будани Ҳасратро таъкид намуда ва дорои истеъдоду қобилияти баланд будани шоирро чунин ишора кардааст: «Олимҷон яке аз донишмандони назокатҳои забон ва назми тоҷикӣ гардидааст» [8, 302].

Чи хеле ки аз гузаштаи таърихи адабиёти оламшумули мо маълум аст, кам нестанд он нафароне, ки паси пардаи торики таърих мондаанд.

Пажӯҳишҳо дар боби аҳволи шоири шаҳир нишон доданд, ки Ҳасрат шоири ростгӯ ва нотарс будааст. Ӯ бо ҳаҷв мардуми нотавонбинро зери танқид қарор дода, рафтору кирдори амалдорони замонаашро кушода додааст. Бинобар ин, аз ҳоким Сӯфибий сар карда, то хурдтарин ходимони дарбори ӯ Ҳасратро чашми дидан надоштанд.

Агарчи мероси шоир аз ҷониби ҳокими бемаърифат Сӯфибий оташ зада шуд, бо вуҷуди ин тавассути тадбиркориҳои дӯстони шоир, ки ашъори ӯро фароҳам оварда пинҳон медоштанд, аз Мирзо Олимҷон шеъру ғазалҳои пурмазмун боқӣ мондааст.

# БОБИ III
# ТАҲЛИЛИ МАВЗӮОТИ АШЪОРИ МИРЗО ҲАСРАТ

## 3.1.Мавзӯи ишқ дар ашъори Мирзо Ҳасрат

Мавзӯи ишқ аз муҳимтарин ва ҷолибтарин мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёт аст. Дар ашъори шоирони Бухорои Шарқӣ низ ин мавзӯъ хеле доман паҳн кардааст ва Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ яке аз шуарои ин водист, ки қисмати зиёди ашъораш ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Ғазал қисмати асосии ашъори шоирро дар бар мегирад ва қариб ҳамаи ғазалҳои ӯ ба мавзӯи ишқ бахшида шудаанд. Ғазалҳое, ки шоир ба масъалаи ишқ бахшидааст, равон ва латифу дилкаш буда, шоир дарди фироқи ҷонсӯзи маҳбубаро хеле зебо тасвир кардааст. Ишқ эҳсоси шарифест, ки ҷумла рафтору ахлоқи инсонро ба куллӣ дигар мекунад, яъне, инсон ҳама он рафторҳои разиларо дар худ нобуд карда, ахлоқи ҳамидаро соҳиб мешавад. Фитрату фазилати аслии инсонӣ василаест, ки ҳасаду кина, худхоҳиву худпарастӣ ва кибру ғурурро аз миён бурдаву дили инсонро аз тамоми афъоли разила ва тамоми сарвату ҷоҳ озод мекунад ва дар ниҳоди инсон як сӯзу гудози аҷиберо падид меорад, ки он имону виҷдон ва муҳаббату самимият таъбир мешавад.

Дар ғазалҳои ошиқонаи Ҳасрат ҳусну ҷамоли маъшуқа, нозу адо ва аз ҷумла ҷабру ҷафои ӯ хеле хуб ҷилва ёфтааст. Ҳасрат дар ғазалҳои ишқиаш аз ҷабру ҷафо ва аз бераҳмии маъшуқа пайваста менолад. Дар ғазали зерин шоир маъшуқаро «баҳористони ҷанг» номидааст, ки намунае аз он ғазал ин аст:

**Ғазабомез сӯйи ман баҳористони ҷанг омад,**
**Ба қасди хуни ман имрӯз он мижгонхаданг омад [51, 43].**

Маъшуқа вақте дар ғазаб шуда ва бо ҷанг ба сӯйи ошиқ меояд, дар чашми ошиқ чун баҳористон намудор мешавад.

Дар байти панҷуми ғазал шоир ин ҷо санъати муболиғаро ба кор бурдааст, ки барои аз нангу номуси дунё натарсидан, инсон бояд хеле пурҷасорат бошад:

**Маро аз нангу номуси ду олам нест парвое,**

**Касе ошиқ шуд аввалмартаба беному нанг омад [51, 43].**

Шахс вақте дар ҳақиқати ҳол ошиқ аст, на парвои нанг дораду на парвои ном ва мақсади ягонаи ӯ танҳо расидан ба маъшуқ аст, яъне, дарди ишқ инсонро чун олами рӯъёӣ хаёлӣ месозад. Вақте ошиқ ҳама ҳушу хаёлаш ба маъшуқ банд аст, тамоми мавҷудоти олам дар назди ӯ эътибору арзиш надорад. Дар байти мазкур шоир зикр кардааст, ки аз нанги ду олам парвое надорад, яъне, барои ошиқ ҳам нанги ин дунё ва ҳам нанги он дунё ягон эътиборе надорад, чунки ошиқ барои расидан ба маҳбуби хеш ҳатто тайёр аст аз баҳри дунёву уқбо бигзарад. Шоир дар ин байт нангу номуси ду оламро ба эътибор нагирифта, онро ночиз шуморидааст. Мартабаи ошиқро баланд бардошта, қайд кардааст, ки шахси ошиқ ба нангу номуси дунё коре надорад.

Дар мақтаъи ғазали зер бошад, шоир ба номуродии хеш ишора карда мегӯяд:

**Ҳама чобуксаворон рафта бо ёрон пайвастанд,**

**Ба ҷуз Ҳасрат, ки ин ҷо лошае чун мӯри ланг омад [51, 43].**

Шоир дар ин байт худро ба мӯри ланг монанд кардааст, ки беш аз лошае нест, яъне, вақте ғизол тирхӯрда мешавад, насиби лошахӯрон мегардад. Ҳасрат ин ҷо ошиқони бамуродрасидаро ба чобуксаворон монанд кардааст, ки аз чобуксаворbooии худ ба ёрон пайванд гаштанд, аммо худро мӯри ланг гуфтааст, ки аз рӯйи лангидани пой дар нимароҳ монда, яъне ба висол ва ба мақсуди хеш нарасидааст.

Ҳасрат дар ғазалҳояш зикр мекунад, ки ишқу муҳаббат чизи аз ҳама зебову олитарин эҳсосоти инсон аст. Ишқ ба инсон рӯҳу тавон ва ғайрат мебахшад, ошиқро тавоно месозад. Шоире нест, ки ишқро васф накарда бошад.

Дар байти зерини хеш шоир аз рақибон шикоят кардааст:

**Аз рақибон чун насозам сирри ишқатро ниҳон,**

**Кори ханҷар мекунад дар сина таъни ошно [51, 45].**

Дар ғазал аслан се образи маъмулӣ аст: ошиқ, маъшуқ ва рақиб. Чандин ошиқеро, ки барои ба даст овардани дили як маъшуқ миёни онҳо мухолифат вуҷуд дорад, яъне, ҳар ошиқе, ки барои ғолиб омадан мусобиқат менамояд, онҳоро рақиб мегӯянд.

Ҳасрат дар ин ғазал таънаи рақибонро ба кори ханҷар баробар мекунад, чунки ҳардуро мақсад як аст, шикофтани қалб. Аз рақибон сирри ишқро пӯшонида намешавад.

Шоир дар ғазалҳояш аз ҷабру ҷафои маъшуқа менолад ва номуродии хешро баён мекунад. Ин шикоятҳо аз маъшуқ, дар ашъори ҳамаи шоирон як навъ анъана аст:

**Эй шӯхчашми нозанин майли ҷафо дорӣ, чаро?**

**Ҷавру ситам бар ҳоли ман з-ин сон раво дорӣ, чаро?**

**Бо мо, ки дар роҳи вафо якранги ишқем, эй санам,**

**Бегона кардӣ аз чӣ рӯ, худро ҷудо дорӣ, чаро? [51, 45].**

Шоир аз бевафоиҳои маҳбубааш шикоят карда, ӯро ситамгару бегона мегӯяд, ки кори ӯ ғайр аз ситамгарию ҷабр дигар чизе нест. Ишқ бояд пок бошад ва ошиқу маъшуқ бояд ишқи пок биварзанд. Ҳасрат маъшуқаро аз он ки бо ӯ паймон баставу имрӯз тарки ёрӣ мекунад, мазаммат мекунад. Баъд аз ин хушпаймониҳо чаро имрӯз ӯ бегона гаштааст. Ошиқ дар роҳи ишқ хориҳои зиёд мебинад. Аз дурии ҷамоли ӯ ва аз бераҳмиҳои ӯ ранҷи бисёр мекашад. Аммо барои ошиқ ин дарду ранҷ лаззатбахш аст.

Вақте сухан дар хусуси «ишқ» меравад, аслан ишқи ҳақиқии инсонӣ, ба таъбире ишқи заминӣ ба тасаввур меояд, аммо қисмати азими ашъори шоирони моро васфи ишқи илоҳӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, шоиронро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст. Гурӯҳи якум шоироне, ки ба тавсифи ишқи илоҳӣ машғуланду ба ҷараёни динию тасаввуфӣ майл доранд ва ашъори ирфонӣ мегӯянд. Мақсади ишқ дидани дидори дӯст аст ва дӯст гуфта ҷамоли Ҳақро дар назар доранд. Ба гурӯҳи дувум шоироне дохил мешаванд, ки маъшуқи онҳо заминӣ буда, ишқи реалии инсониро меситоянд. Гурӯҳи севум шоироне ҳастанд, ки дар ашъорашон

ҳам ишқи воқеӣ ва ҳам ишқи илоҳӣ тасвир ёфтааст. Ҳасрат бошад аз зумраи шоиронест, ки дар шеърҳояш аз ҳарду ишқ сухан гуфтааст, яъне ғазалҳои ошиқонааш ҳам ба мавзӯи ишқи воқеӣ ва ҳам ба мавзӯи ишқи илоҳӣ бахшида шудааст. Баъд аз вуруди тасаввуф ва ирфон ба адабиёти форсу тоҷик, яъне, аз нимаи дуюми асри XI сар карда, шоире ёфтан аз имкон берун аст, ки аз ин таълимот берун монда бошад. Ҳарчанд ки баъд аз асри XVI нуфузи андешаҳои ирфонӣ дар адабиёт камтар шуд, аммо комилан аз байн нарафт.

Дар ғазали зерини Ҳасрат андешаҳои ирфонӣ хеле зебо тасвир ёфтааст:

**Эй рухат қиблаи арбоби ниёз,**
**Тоқи абрӯи ту меҳроби намоз.**
**Роҳати ҷони ман он қадзебо,**
**Мояи умри ман он зулфдароз [83, 127].**

Шоир дар байти якум рухи маъшуқро қиблагоҳи аҳли ниёз ва тоқи абрӯйи ёрро меҳроби намоз гуфтааст, ки ба он хеле шабоҳат дорад. Дар байти дувум шоир аз роҳати ҷон сухан мегӯяд. Вақте инсон дар дунё ҳама оини мусулмониро ба ҷо меорад ва аз корҳои ғайр парҳез мекунад, дилаш осудаву дар роҳат аст, зеро медонад, ки Худованд подоши амалҳои неки ӯро медиҳад. Инсон вақте ки ба ишқи илоҳӣ гирифтор мешавад, аз нафс пок мешавад, яъне нафси дунёӣ дар ӯ мемирад. Вақте сухан аз ишқи азалӣ рафт, мақсуд Худованд аст. Дар ғазалҳои ошиқонаи Ҳасрат ҳам аз ишқи заминӣ, яъне инсонӣ ва ҳам аз ишқи осмонӣ, яъне ирфонӣ сухан рафтааст.

Аҳли тасаввуф ё сӯфия ишқро ба ду тақсим кардаанд, яъне ишқи ҳақиқӣ ва ишқи маҷозӣ. Дар ишқи маҷозӣ инсон ба инсон ишқ меварзад, ки онро ишқи табиӣ мегӯянд ва ишқи ҳақиқӣ ишқест миёни инсон ва Парвардигор, ки онро ишқи Илоҳӣ ё ишқи ирфонӣ гуфтаанд. Дар ин ишқ инсон, ки муҳиб ҳисоб меёбад, ба ишқи маҳбуби худ, яъне Худованд дода мешавад. Расидан ба ҷамоли Ҳақ беҳтарин лаззати дунёву охират барои шахси ориф аст. Аз назари урафо ишқи маҷозӣ, яъне ишқи табиӣ

нардбонест ба ишқи ҳақиқӣ. Ин нуктаро Шарифмурод Исрофилниё дар асари илмии худ «Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV» хеле хуб маънидод кардааст: «Ишқи маҷозӣ ё худ ишқи табиӣ нардбонест ба ишқи ҳақиқӣ. Яъне ориф қабл аз он ки ошиқи Худованд гардад, ошиқи бандаи ӯ мешавад ва сунъи Илоҳиро дар чеҳраи зеборӯёни заминӣ мебинад» [100, 186].

Дар ин бобат Субҳон Амирқулов низ ибрози андеша намуда, қайд мекунад, ки: «Дар мақому мафҳумҳои ишқи ирфонӣ тасвир шудани ишқи поки воқеии инсон, алалхусус иштиёқу кайфияти висол хислати эҳёӣ дошта, онро метавон як навъ воситаи худшиносӣ донист, ки дар зимни он инсон шахсияти гумкардаи хешро барқарор мекунад ва аз ҷиҳати маънавӣ ғанитар мегардад» [56, 95].

Ин ҷо байтеро аз ғазали дигари шоир мисол меорем:

**Дар ин ҷо хӯ ба меҳнат кун, ту ёбӣ дастгоҳ он ҷо,**

**Бипаймо водии дашти адаб, бишкан кулоҳ он ҷо.**

**Ҷабини орзӯ фарши мусаллои ҳаё гардон,**

**Таваккал кун ба зоти Ӯ, барӣ охир, паноҳ он ҷо [20, 27].**

Ба андешаи шоир барои он ки инсон дар он дунё мақом ва ҷойгоҳи худро муайян кунад, бояд ки дар ин дунё меҳнат кунад. Такя ба зоти ӯ намудан, яъне ҳар он чӣ ки Ӯ фармудааст ба ҷой овардан ва инчунин аз доираи адаб набаромадан нишонаи боимонӣ аст.

Инсон аз ҳамаи бадиҳои дунё бояд ба Худованд паноҳ барад, зеро ризқу рӯзиофаранда ӯст. Яъне, шоир аз шиори «дил ба ёру даст ба кор» хуб истифода бурдааст.

Инчунин, қисмати зиёде аз мухаммасоти шоир низ мавзӯи ишқро дар бар гирифтаанд, ки банде аз мухаммаси шоирро метавон мисол овард, ки мегӯяд:

**Дӯш он зебописар омад ба қасди ҷони ман,**

**Теғи заҳролуд дар каф аз паи қурбони ман,**

**Чини зулфаш мекунад ғорат дилу имони ман,**

**Гуфтам, эй бераҳм, бингар нолаву афғони ман,**

**Бе ту резад ашки хун аз дидаи гирёни ман [20, 89].**

Дар ин мухаммаси ошиқона шоир маҳбубаашро бераҳм гуфта, аз кирдорҳои бераҳмонаи ӯ шикоят кардааст. Яъне, маҳбуба ба қасди ҷони ошиқ теғбадаст омадааст ва теғи ӯ заҳролуд аст, ки ҳангоми ба ҳадаф расидан беибо ошиқро мекушад. Чини зулфаш дилу имони ошиқро дуздидааст. Ва маъшуқа чунон бераҳм аст, ки нолаву афғон ва гиряҳои зори ошиқро ношунида мегирад. Аз сӯзи дарди маъшуқ аз дидаҳои ёр ба ҷойи ашк хун мерезад.

Ҳасрат ба ҳамин маънӣ ғазале низ дорад, ки он чунин аст:

То ба азми дилбарӣ он найсавор омад бурун,

Сад ҳазорон ҷон ба лаб баҳри нисор омад бурун.

Теғ аз абрӯ ба каф бардошт он кофарниҳод,

Баҳри тороҷи **<u>дин</u>** он гулгунсавор омад бурун [20, 92].

Дар мисраи чоруми ғазал, ки калимаи «**дин**» омадааст, сарчашма дастхати охири асри XVIII ва аввали асри XIX, таҳти рақами 3296 III мебошад. Дар маҷмӯаи «Мероси адабии шоирони Ҳисор»-и Амирбек Ҳабибов бошад, ба ҷойи калимаи «**дин**» «**дил**» омадааст. Аммо вожаи «**дин**» аз вожаи «**дил**» хубтар аст, зеро хеле дилнавоз ва хушоҳанг баромадааст.

Дар ғазали дигар Ҳасрат беҳурматиҳои ёрро тасвир карда, маҳбубаашро ба бевафоӣ таъна намудааст:

**Ёр аз беҳурматӣ, охир, ҷудоӣ карду рафт,**

**Буд умре, во дареғо, бевафоӣ карду рафт.**

**Эй, ки з-ӯ бегона гаштан дар гумони мо набуд,**

**Инчунин якбора тарки ошноӣ карду рафт.**

**Шамъи базми дигарон шуд, доман аз мо баркашид,**

**Кулбаи торики мо берӯшноӣ карду рафт [20, 48].**

Шоир дар ин ғазал бевафоии маҳбубаашро ошкор намудааст, ки яку якбора маъшуқааш ӯро тарк намудаву барои барафрӯхтани шамъи базми дигарон, яъне рақибон рафтааст. Маъшуқро ба шамъ ташбеҳ намудааст, ки кулбаи торики ёр аз рӯшноии чеҳраи ӯ ҳамеша равшан буд. Чун

имрӯз, ки аз маъшуқа бевафоӣ сар заду ёрро тарк кард, кулбаи ӯ берӯшноӣ монд. Ин ҷо шоир рӯшноии маҷозиро дар назар дорад, яъне бо вуҷуди рӯшаноии шамъ хона торик аст ва рӯшании шамъ пеши рӯшании чеҳраи маъшуқ ҳеҷ аст. Дар шеърҳои ошиқонаи Ҳасрат завқи баланди эстетикӣ дида мешавад, ки воқеан ошиқ худ зебопараст аст. Барои тарбияи эстетикии инсонҳо ашъори Мирзо Олимҷони Ҳасрат барин шоирон аз манфиат холӣ нест. Чунончӣ шоир мегӯяд:

**Аз нигоҳат ханда, аз чашмат тағофул мечакад,**

**В-аз бари рӯят гулобу аз рухат гул мечакад.**

**Медамад субҳи таҷаллӣ аз баёзи гарданат**

**В-аз баногӯши ту мавҷи ашки сунбул мечакад [20, 68].**

Дар ин ғазал низ шоир маъшуқаро ба ғофилӣ ва бепарвоӣ маҳкум кардааст. Гӯё маъшуқа аз дарду ранҷи ошиқ бехабар аст, ки бо бепарвоӣ хандон асту худро ба нодонӣ мезанад. Маъшуқа чунон зебо аст, ки аз бари рӯяш гулоб мерезаду, аз рухсорааш гул. Шоир сафедии гардани маъшуқаро ба субҳи саҳарӣ монанд кардааст, яъне аз баёзи гардани ӯ ба мисли субҳи равшану пок, сафедӣ медамад. Зулфони маъшуқаро шоир ба сунбул монанд кардааст, ки ҳамрангӣ ва ҳамбӯйӣ ба сунбул дорад.

Шоир дар шеърҳояш дар вафо худро устувор дониста, аз дарди бевафоии ёр шикоят мекунад:

**Хок гардидаму лекин дили пурғам боқист,**

**Сина сад чок шуду манзили мотам боқист.**

**Наравад бӯи вафо баъди вафот аз хокам,**

**Дер солест, ки овозаи Ҳотам боқист [20, 40].**

Вақте инсон баъд аз марг ба хок табдил меёбад, садои қалби ӯ ҳамчунон боқӣ мемонад. Яъне ғамро шоир ба як чизи муқтадире монанд кардааст, ки ҳатто бо ғами зиёд хӯрдан низ ошиқ намемирад. Пас аз марг низ дили инсон ҳамоно пурғам боқӣ мемонад, чунки дар ҳаёт ӯ ба муроди хеш нарасидааст. Пурғамии дили ёр аз ҷабри маҳбубаи ӯст. Аз ғами зиёд сина сад чок шудаву ҳамоно манзили мотам побарҷост, яъне ғам ба охир нарасидаву ин манзил аз миён нарафта. Ошиқ дар ишқ худро

чунон устувор медонад, ки ҳатто баъд аз марг бӯйи вафо аз хоки ӯ нарафтааст. Бо дили садчоку дидаҳои пурнам дар вафо устувор аст, чунонки Ҳотам бо саховатмандии хеш дар ҷаҳон шуҳратёр шудаву аз ёдҳо нарафтааст, вафодории инсон низ бояд ҳамингуна самимӣ бошад.

Дар ғазали зерин Ҳасрат қайд кардааст, ки дар роҳи ишқ сабру тоқат ва орому қарорашро аз даст додааст:

**Мабар аз ҳад, маҳи ман, ин ҳама раъноиро,**

**То ман аз ҳад набарам шеваи расвоиро.**

**Бе ҷамолат гули бӯстон ба нигоҳам хор аст,**

**Ба чӣ таскин бидиҳам ин дили савдоиро.**

**То матои ғаму дарди ту харидам аз ишқ,**

**Додам аз даст ҳамагӣ нақди шикебоиро [51, 46].**

Шоир дар ғазалҳои ишқиаш маъшуқаро хеле зиёд тавсиф намудааст. Ӯ бар зебогиву раъноии маъшуқа мафтун шуда, бар худ эътимод надорад, ки аз ин ҳама зебоии ёр худро чӣ тавр ба расвоӣ мезанад. Чунки ошиқ агар зебоии маъшуқаро зуд-зуд бубинад, зиёд ба шавқ омада, дилаш ба шӯр меояд ва кореро анҷом медиҳад, ки ақл аз он бехабар мемонад.

Шоир инчунин зикр менамояд, ки бе ҷамоли маҳбуба, ки чун гул зебост, бӯстон дар назараш ба монанди хор аст. Вақте дил савдоӣ мешавад, ӯро касе ё чизе таскин дода наметавонад. Чи гунае ки инсони савдоиро ғайр аз банд кардан, дигар чорае нест.

Байти охирини шеър мазмуни олӣ дошта, шоир қайд кардааст, ки инсон вақте вориди бозор шуд, ҳама нақдинаи худро сарф мекунад, яъне пул дода ҳамаи ниёзмандиҳои худро ба даст меорад. Ошиқ мегӯяд, то ба бозори ишқи ту ворид шудаву матои ғаму дарди ишқи туро харидам, ҳама сабру қарорамро аз даст додам.

**Кунад овораи дашти таҳайюр шохи сунбулро,**

**Агар аз ноз бикшояд маҳи ман тори кокулро.**

**Ба ҳар маҷлис, ки бошад шамъи рухсори ту нурафрӯз,**

**Арақрези хиҷолат мешавад шабнам рухи гулро [20, 32].**

Агар маъшуқа тори кокулонашро бикшояд, сунбул ба дашти ҳайрат овора шавад. Ба ҳар ҷое, ки маҳбуба чеҳра бинамояд, он маҷлис нурафшон мегардад. Вақте рӯйи гул шабнам мегирад, чеҳрааш боз зеботар мешавад.

**Қасам ба зоти шарифи ту, эй ҳамидахисол,**

**Бувад рухи ту маҳу бадру осмони ҷалол.**

**Хамидақомату аз бори ғам дуто гардид,**

**Зи баски ёфт ваъиде зи абруи ту ҳилол.**

**Намой як назаре аз карам сӯи Ҳасрат,**

**Ки ёбад ҳимматаш аз васфи қомати ту камол [20, 130].**

Ҳасрат рухи маъшуқро ба моҳу осмон ташбеҳ додааст. Қомати шоир аз бори ғами маъшуқаи худ дуто гаштааст. Шоир аз маъшуқа талаб дорад, ки ҳиммат намуда, ба сӯйи ӯ назаре афканад, то аз васфи қомати ёр ҳиммати ошиқ низ биафзояд. Яъне, ошиқ камолоти ҳиммати хешро аз хидмати маъшуқа медонад.

Ҳасрати Ҳисорӣ натанҳо бо навиштани ғазалҳои ошиқона миёни мардум маъруфият дошт, инчунин бар ғазалҳои классикон низ мухаммасҳо гуфтааст. Қисмати зиёди ғазалҳои шоир дар мавзӯи ишқ навишта шудааст. Мухаммасоти ӯ низ ҳама мавзӯи ишқро дар бар мегирад.

Маҷмӯаи ашъори Ҳасрат, ки аз ҷониби мо ҷамъоварӣ шудааст, ғазалу қитъа ва байтҳои ҷудогона, инчунин мухаммасоти шоирро дар бар мегирад. Аз 20 адад мухаммасоте, ки дар ин маҷмӯа оварда шудааст, як мухаммас нопурра аст. Танҳо ду банди мухаммас навишта шудааст ва боқии он афтодааст. Мухаммасҳои шоир ҳама дар мавзӯи ишқ эҷод шудаанд.

Мухаммасбандӣ ду навъ аст, яке муқаррарӣ аст, яъне навиштани шеъре, ки ҳар бандаш аз панҷ мисраъ иборат мебошад. Тарзи дигараш он аст, ки шоир ғазали шоиреро интихоб намуда, ба ҳар як байти он се мисраи дигар илова мекунад. Аз ин 20 мухаммаси Ҳасрат танҳо шаштоаш бар ғазали шоирон (2 мухаммас бар ғазалҳои Калими Кошонӣ,

1 мухаммас бар ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ, 1 мухаммас бар ғазали Хаёлии Бухороӣ ва 1 мухаммас бар ғазали Абдулқодири Бедил) баста шудааст ва боқимондаи онҳо мухаммасҳои худи Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мебошанд. Мухаммаси зер аз худи Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аст:

**Шуд бе рухи ту ғунчаи доғам чаман-чаман,**

**Бе турраи ту сунбули оҳам шикан-шикан.**

**Эй аз хаёли доғи ту дилҳо Хутан-Хутан**

**В-аз захми новаки ту ҷигарҳо Яман-Яман,**

**Савдои васлу доғи таманнот дар сар аст [20, 44].**

Аз он ки маъшуқа ба ошиқ рух наменамояд, ба ҷойи лолаҳо аз доғи дурии ӯ чаман-чаман ғунчаҳои ғам шукуфтаанд. Сунбули оҳи ошиқ, ки ба мисли зулфони ҷонона ҳалқа-ҳалқа аст ва турра гуфта низ зулфони ёрро дар назар дорад, ба мисли зулфони ёр шикан-шикан аст. Аз хаёли ҷонона дили ёр доғ гаштаву аз захми пайкони ӯ ҷигархун.

Мухаммасе, ки Ҳасрат ба ғазали Абдулқодири Бедил бастааст, ба мавзӯи ишқ бахшида шудааст:

Эй, ниҳоли қоматат гул баста бар аъзои сарв

В-аз хиромат нусхаи тасвир сар то пои сарв,

Сояи қадди ту гул мерехт бар болои сарв,

**«Баски ёди қоматат бар бод дод аҷзои сарв,**

**Нолаи қумрӣ шуд охир қадкашиданҳои сарв».**

Ҳар кучо ҳаст толиби шавқе ба роҳ афтодааст,

Зери ҳар нақши қадам чандин нигоҳ афтодааст,

Аз замини нола ҳозир бош, оҳ афтодааст,

**«Шуълаи идрок хокистаркулоҳ афтодааст,**

**Нест ғайр аз боли қумрӣ пунбаи минои сарв» [35, 143].**

Байти мақтаи ғазали Бедил чунин аст:

**Баски ёди қоматат барбод дод аҷзои сарв,**

**Нолаи қумрӣ шуд охир қад кашиданҳои сарв.**

**Боғбонон қадри озодӣ надонистанд, ҳайф,**

**Нола боистӣ дар ин гулшан нишондан ҷои сарв [28, 101].**

Бояд зикр кард, ки ҳам ғазали Бедил ва ҳам мухаммаси Ҳасрат дар китобҳои тадқиқотӣ ба шаклҳои мухталиф омадаанд. Масалан, байти зерин, ки дар китоби А. Ҳабибов байти охири банди дуввуми мухаммаси Ҳасрат шуда омадааст, байти шашуми ғазали Бедил мебошад:

**Шуълаи идрок хокистаркулоҳ афтодааст,**

**Нест ғайр аз боли қумрӣ пунбаи минои сарв [82, 16].**

Агарчи шеъри Ҳасрат дар пояи ғазали Бедил нест, аммо суннати мухаммассароиро комилан риоя кардааст.

Бояд як чизи дигарро ин ҷо зикр кард, ки бедилшиноси шинохта Бобобек Азизмуродзода Раҳимӣ дар китоби «Шарҳи шаст ғазали Бедил» чунин овардааст, ки муаллифи китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор» Амирбек Ҳабибов байти охирини мухаммаси Ҳасратро нодуруст овардааст. Дар мисраи аввали ин байт калимаи **«<u>хокистар</u>»** аз **«<u>кулоҳ</u>»** ҷудо навишта шудааст, ки аз ин ягон маънӣ барнамеояд. Вақте ки калимаи **«<u>хокистар</u>»** бо калимаи **«<u>кулоҳ</u>»** якҷоя навишта шаванд, яъне **«<u>хокистаркулоҳ</u>»** пас маъно муайян мегардад. «Ин байт аз ғазалест, ки чанде аз шоирони асрҳои XVIII-XIX ба он мухаммас бастаанд. Яке аз он мухаммасҳо, мухаммаси Мирзо Олимҷони Ҳасрат аст, ки дар китоби «Мероси адабии шоирони Ҳисор» дар саҳифаи 65 ба табъ расидааст. Мураттиби китоб А. Ҳабибов мисраи аввали байтро дар ин шакл овардааст:

**Шуълаи идрок хокистар кулоҳ афтодааст [82, 16].**

Аз ин шакли мисраъ ҳеҷ гуна маъно барнамеояд. Мисраъ вақте маъно медиҳад, ки калимаҳои «хокистар»-у «кулоҳ» якҷоя навишта шаванд» [82, 16].

Яъне, шуълаи ақлҳову идрокҳо ва оташи фаросатҳо дар муқобили оташи ишқ аз хокистар кулаҳ пӯшидааст, яъне, хомӯш шудаву табдил ба хокистар шудааст, оташи фаросатҳо зери хокистар пинҳон шуда,

хокистарро ба худ кулоҳ кардааст ва зарбату таконе аз ботин мебояд, то хӯлаи оташ аз зери хокистар сар бурун орад ва аланга гирад. Дар мисраи аввал шоир қайд кардааст, ки ҳар касе, ки толиби дидор аст ва умед ба дидори Худованд бастааст, аллакай ба роҳ баромадааст, яъне корҳое, ки барои ба даст овардани дили маҳбуб бояд анҷом диҳад, карда истодааст. Ҳама барои ба дидори ӯ мушарраф шудан омодаанд ва чашм дар роҳанд. Барои расидан ба мақсуди хеш бояд ранҷ кашид ва хеле роҳҳоро бояд тай намуд.

Як чизро ин ҷо бояд қайд намуд, ки мухаммаси зерин дар баёзи Захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида намешавад. Мухаммас бар ғазали Бедил баста шудааст ва аз ҳашт банд иборат аст. Аммо танҳо ба шаш байти ғазал мухаммас баста шудааст. Ду байти дигар, яъне байти охири банди панҷум ва байти охири банди ҳафтум, ки шоир ба он мухаммас бастааст, моли Бедил нест. Шояд ин мисраъҳо ба худи Ҳасрат тааллуқ дошта бошанд. Ин ду байти ғазал чунин аст:

**Бар намедорад нуҳуфтан ҷавҳари озодагӣ,**
**Домани барчида пӯшидаст сар то пои сарв [35, 144].**

**Хок бар сар кард ишқу пой дар гил монд ҳусн,**
**Гар баҳор ин ранг дорад, ҳайфи қумрӣ, войи сарв! [35, 145].**

Инчунин, бар се байти зери ғазали Бедил шоир мухаммас набастааст:

**Чидани доман дар ин гулшан гули озодагист,**
**Кист, то фаҳмад забони офиятимои сарв?**
**Матлуби озодагиҳо пур баланд афтодааст,**
**Оламе хам шуд ба фикри бори нопайдои сарв.**
**Бодаро дар домани мино баҳоре дигар аст,**
**Об дорад обрӯ, то меравад дар пои сарв [28, 101].**

Ин ҷо меоем сари мухаммасе, ки шоир Ҳасрати Ҳисорӣ бар ғазали Хаёлии Бухороӣ бастааст. Мухаммас мухаммаси ирфонӣ буда, дар дастхате, ки ба мо дастрас гардид, аз шаш банд иборат аст:

Эй шаш ҷиҳат аз ҳусни ту як оинахона,

Ҳайраткадаи васли ту шуд чашми замона.

Аз шӯри ту оҳам ба фалак бурда забона,

**«Эй тири ғаматро дили ушшоқ нишона,**

**Халқе ба ту машғулу ту ғойиб зи миёна» [51, 21].**

Дар китоби Амирбек Ҳабибов «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ин мухаммас аз ҳафт банд иборат аст. Банди охирини мухаммас дар дастхат нест:

Девони қазо абҷади нақши қалами туст,

Неку бади Ҳасрат зи азал гар рақами туст,

Лотафз яке ояти васфи карами туст,

**«Тақсири Ҳилолӣ ба умеди қарами туст,**

**Яъне, ки гунаҳро беҳ аз ин нест баҳона» [37, 67].**

Баъд аз ҷустуҷӯҳо маълум гашт, ки ғазале, ки Ҳасрат ба он мухаммас бастааст, моли Ҳилолӣ набуда, балки моли Хаёлии Бухороӣ будааст. Ин ғазал аз панҷ байт иборат буда, аз девони Хаёлии Бухороӣ оварда шудааст. Ғазали Хаёлии Бухороӣ чунин аст:

**Эй тири ғаматро дили ушшоқ нишона,**

**Халқе ба ту машғулу ту ғоиб зи миёна.**

**Гаҳ муътакифи дайраму гаҳ сокини масҷид,**

**Яъне, ки туро металабам хона ба хона.**

**Ҳар кас ба забоне сухани ишқи ту ронад,**

**Ошиқ ба суруди ғаму мутриб ба тарона.**

**Афсуни дил афсонаи ишқ аст, дигар на,**

**Боқӣ ба ҷамолат, ки фусун асту фасона.**

**Тақсири Хаёлӣ ба умеди карами туст,**

**Боре чу гунаҳро беҳ аз ин нест баҳона [35, 367].**

Дар байти охири ғазал, ки номи муаллифи ғазал, яъне Хаёлӣ омадааст, дар китоби Амирбек Ҳабибов айнан ҳамин байт дар охири мухаммас омадааст, фақат ба ҷойи номи муаллифи шеър, яъне, Хаёлӣ,

Ҳилолӣ омадааст, ки ин бе шубҳа ғалати хаттот аст. Дар китоби А. Ҳабибов дар байти охир калимаи «**қарам**» омадааст, ки ягон мазмун намедиҳад. Агар калимаи «**қаран**» ҳам бошад, мисраъҳо ба ҳамдигар ягон пайвастагӣ пайдо намекунанд, зеро калимаи «**қаран**» маънои онро дорад, ки касе, ки абрӯҳои пайваста дорад. Агар ин ҷо калимаи «**карам**» бошад маънии шеър дурусттар мешавад.

Дар дастхати Ҳасрат бошад, мухаммаси мазкур аз шаш банд иборат буда, танҳо ба шаш байти ғазали Хаёлӣ мухаммас баста шудааст.

Аз муқоисаи ғазали Хаёлӣ ва мухаммаси Ҳасрат чунин натиҷа ба даст меояд, ки ғазали Хаёлӣ мазмуни ирфонӣ дошта, забони содаву равон дорад ва зуд ба зеҳн менишинад. Дар мухаммаси Ҳасрат бошад, то андозае сабки Хаёлӣ риоя шудааст.

Ин ҷо ба мухаммаси дигари Ҳасрат рӯ меорем. Масалан, мухаммаси зер, ки бар ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ баста шудааст, мазмуни ишқӣ дошта, ишқи реалии инсониро дар бар мегирад:

Субҳе зи шавқи оразат рафтам ба боғ, эй симтан,
Гулғунча аз ҳиҷрони ту пӯшида аз гул пираҳан,
Наргис зи васфи чашми ту бо булбулон дорад сухан,
**«Аз ҳасрати шамъи рухат афтода бар тарфи чаман,**
**Як ҷо сабо, як ҷо хазон, як ҷо гулу як ҷо суман.»**

Ҳар гаҳ, ки лаъли шаккарат баҳри табассум во шавад,
Аз рашки ту гулғунчаро хуни ҷигар пайдо шавад.
Сарви қадат бо оразе қурбони он боло шавад,
**«Бурқаъ зи ораз барфикан, то оламе шайдо шавад,**
**Халқе зи мӯ, баъзе зи рӯ, ҷамъе зи лаб, ман аз зақан» [37, 63].**

Маҳбуба дар мухаммаси зерини Ҳасрат маҳбубаи реалӣ буда, шоир қаду қомат, чашму абрӯ, рафтору кирдор, хӯву хислат ва нозу карашмаҳои маҳбубаашро хеле ошиқона тавсиф намудааст. Ошиқро вақте шавқи дидор меояд, рӯ ба гулистон меорад, то чеҳраи ёрро дар чеҳраи гулҳо дарёбад. Вақте ки наргис мешукуфад, даҳонаш во мешавад

ва бо булбулон васфи чашмони туро мекунад, яъне шукуфтани наргис ба сухангӯйии ӯ монанд аст, чун вақти сухан гуфтан даҳон во мешавад. Аз надидани рӯйи ӯ сабо як ҷову гулу суман як ҷо ба гӯшае афтодааст. Вақте лаби ёр ба табассум моил мешавад, гулғунча аз рашк ранги арғувонӣ мегирад, яъне мешукуфад. Шоир ин ҷо гули шукуфтаро, ки ранги арғувониро мегирад, ба хуни ҷигар монанд кардааст, ки ранги хун низ арғувонӣ аст. Шоир дар байти охирин зебоии ёрро васф намуда, ба ӯ муроҷиат кардааст, ки бурқаъ (ридоъ, ҳиҷоб) аз чеҳра бардорад, яъне чеҳраи худро намоён созад, то ба рӯю мӯю лаби ӯ ҳама шайдо шаванд.

Ғазали номбурда, ки аз Абдураҳмони Ҷомӣ муаррифӣ шуд, танҳо аз як сарчашма дастрас гардид. Ин ғазал танҳо дар як ҷо дарҷ гардидааст, ки ин ҳам китоби «Шашмақом» мебошад. Ғазали номбурда ин аст:

**Аз ҳайрати шамъи рухат афтода бар тарфи чаман,**
**Як ҷо сабо, як ҷо хазон, як ҷо гулу як ҷо суман.**
**Бурқаъ зи ораз барфикан, то оламе шайдо шавад,**
**Халқе зи рӯ, баъзе зи мӯ, ҷамъе зи лаб, ман аз даҳан.**
**Чун дар такаллум мешавӣ аз ҳайраташ гум мекунад,**
**Савсан забон, қумрӣ наво, булбул фиғон, тӯтӣ сухан.**
**Фармонбари ҳукмаш ҳама дар зери фармон омада,**
**Чину Хутан, Мисру Ҳалаб, Руму Раю Шому Яман.**
**Ҳар гаҳ, ки бархезӣ ба по, мегардад аз гирди сарат**
**Субҳ аз фалак, шамъ аз замин, ақл аз сару рӯҳ аз бадан [7, 389].**

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки барои дарёфти ғазали номбурда қариб ба 20 номгӯйи асарҳои Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ рӯ оварда шуд, аз ҷумла ба «Ғазалиёт»-и Ҷомӣ, «Осор»-и Ҷомӣ-и дар ҳашт ҷилд фароҳам овардашуда, «Асарҳои мунтахаб»-и Ҷомӣ дар панҷ ҷилд, инчунин «Саду як ғазал», «Ғазалҳои дилошӯб», «Гулчини панду ҳикматҳо», «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст», «Пандҳои баргузида», «600 ғазали Ҷомӣ» ва ғайра. Аз ин асарҳои номбурда ғазали дар боло зикршуда пайдо нагардид. Ва бинобар ҳамин мо ин ҷо ба ягона маъхаз, яъне асари «Шашмақом» иктифо намудем.

Ин ҷо фарқи баъзе калимаву ибораҳоро низ меорем. Масалан, мухаммаси Ҳасрат ҳам дар баёз ва ҳам дар китоби Амирбек Ҳабибов аз ҳафт банд иборат аст, яъне шоир танҳо ба ҳафт байти ғазал мухаммас бастааст, аммо ғазали зерини Ҷомӣ дар китоби «Шашмақом» ҳамагӣ панҷ байт аст. Банди чорум ва шашуми мухаммаси Ҳасрат, ки байтҳои охираш чунин аст, дар китоби «Шашмақом» нест:

*Байти чорум:*

**Фармонбари ҳукмаш ҳама дар зери фармон омада,**

**Чину Хутан, Мисру Ҳалаб, Руму Раю Шому Яман [51, 20].**

*Банди шашум:*

**Оташ ба ҷони лолаву насрину райҳон мефитад,**

**Сарв аз қаду об аз замин, ранг аз гулу бӯ аз суман [51, 21].**

Дар мисраи аввали ғазал дар дастхати Ҳасрат калимаи «<u>**ҳасрат**</u>» омадааст ва дар китоби «Шашмақом» ва китоби А. Ҳабибов бошад ба ҷойи калимаи «<u>**ҳасрат**</u>» «<u>**ҳайрат**</u>» омадааст. Дар мисраи чоруми ғазал дар дастхат ва китоби А. Ҳабибов аввал калимаи «<u>**мӯ**</u>» ва баъд калимаи «<u>**рӯ**</u>» омадааст, дар китоби «Шашмақом» баръакс, аввал калимаи «<u>**рӯ**</u>» ва баъд калимаи «<u>**мӯ**</u>», дар мисраи чоруми ғазал дар дастхат ва китоби Ҳабибов калимаи «<u>**зақан**</u>», дар китоби «Шашмақом» калимаи «<u>**даҳан**</u>», дар мисраи панҷуми ғазал дар дастхат «**Чун дар такаллум мешавад, аз ҳасраташ кам мекунад**», дар китоби «Шашмақом» «**Чун дар такаллум мешавӣ, аз ҳайраташ гум мекунад**», дар китоби А. Ҳабибов «**Чун дар такаллум мешавад аз ҳайраташ гум мекунад**» омадааст. Мисраи нуҳуми ғазал, ки байти охири банди панҷуми мухаммас аст, дар китоби «Шашмақом» байти чорум ва мисраи ҳафтуми ғазал маҳсуб меёбад, дар дастхат чунин омадааст, «**Ҳар гаҳ, ки биншинӣ зи по, гардад чун гул гирди сар**». Дар китоби «Шашмақом» бошад «**Ҳар гаҳ, ки бархезӣ ба по, мегардад аз гирди сарат**» омадааст. Варианти А. Ҳабибов низ ба варианти дастхат рост меояд, танҳо ба ҷойи калимаи «<u>**гардад**</u>» калимаи «<u>**гарданд**</u>» омадааст. Мисраи чордаҳум ва понздаҳуми ғазал, ки дар дастхат байти охири банди охирин, яъне ҳафтуми мухаммас аст, дар китоби

«Шашмақом» мисраи нуҳум ва даҳуми байти панҷуми ғазал шуда омадааст, дар дастхат ва дар китоби А. Ҳабибов чунин аст:

**«Пурсид Ҷомӣ гуфтамаш: Кардам ба кӯйи ту ватан,**

**Рухсор маҳ, абрӯ камон, зулфат сияҳ, чашме фитан» [20, 30-115, 64].**

Дар китоби «Шашмақом» чунин омадааст:

**«Пурсид Ҷомӣ гуфтамаш дар васфи он ширинлиқо:**

**Рухсор маҳ, абрӯ қӯзаҳ, зулфон сияҳ, чашмон фитан!» [7, 389].**

Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ду мухаммаси дигар бар ғазали Калими Кошонӣ дорад, ки яке ин аст:

Шиква то кай кунӣ, эй маҳи тобон аз ман?
З-он ки чун зулф диле нест парешон аз ман
В-аз гулистони муҳаббат чу ғизолон аз ман,
**«Ба ҳамин мерамад он навгули хандон аз ман,**
**Мекашад хор дар ин бодия домон аз ман».**

Маҳви рӯйи туам, эй маҳ, ба нигоҳи кӣ равам?
Ҳар нафас карда сари зулфи сиёҳи кӣ равам?
Чун туро дошта бошам, сари роҳи кӣ равам?
**«Қумрии рехтаболам ба паноҳи кӣ равам?**
**То ба кай саркашӣ, эй сарви хиромон, аз ман».**

Шӯхчашме, ки нигоҳаш зи дилам бурда қарор,
Як нафас бо мани ғамдида нагардида дучор,
Ҷо накарда ба дили хаста кунад азми фирор,
**«Бо ман омезиши ӯ улфати мавҷ асту канор,**
**Рӯзу шаб бо ману пайваста гурезон аз ман» [18, 19].**

Матлаъи ғазали Калим:

**На ҳамин мерамад он навгули хандон аз ман,**
**Мекашад хор дар ин бодия домон аз ман.**

**Бо ман омезиши ӯ улфати мавҷ асту канор,**

**Рӯзу шаб бо ману пайваста гурезон аз ман [18, 200].**

Дар мухаммаси зер низ бо баъзе калимаву ибораҳои ғазал аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, дар банди аввали мухаммас, мисраи чаҳорум бо ибораи «**Ба ҳамин**» сар мешавад, аммо дар ғазали Калим бошад, «**На ҳамин**» омадааст. Инчунин, баъзе аз байтҳои охири мухаммас дар ғазали зерини Калим дида намешаванд. Мухаммаси Ҳасрат ҳашт бандро дар бар мегирад, аммо ғазали Калим аз шаш байт иборат аст. Байти охири бандҳои шашум ва ҳафтуми мухаммас, моли Калим нест.

*Байти шашум:*

**Гарчӣ мӯрам, вале ҳукми Сулаймон дорам,**

**Ки бахшам, бувад аз мулки Сулаймон орам.**

*Байти ҳафтум:*

**Нисбати мову ту чун ғунчаи боғ асту баҳор,**

**Лаби хандон зи туву дидаи гирён аз ман [20, 95].**

Инчунин, дар мухаммас баъзе дигаргуниҳо дида мешавад. Масалан, байти панҷуми мухаммас чунинаст:

**Ба табассум, ба такаллум, ба хамӯшӣ,** ба нигоҳ,

Метавон бурд ба ҳар шева дил осон аз ман [20, 19].

Дар ғазали Калим ин байт, байти чоруми ғазал аст ва бо чунин дигаргунӣ омадааст:

**-Ба такаллум, ба хамӯшӣ, ба табассум,** ба нигоҳ,

Метавон бурд ба ҳар шева дил осон аз ман [18, 19].

Миёни маҷмӯаи А. Ҳабибов ва дастхат низ дигаргуниҳо вуҷуд доранд, ки ин ҷо онҳоро як-як зикр хоҳем кард.

Дар мисраи аввали банди нахустини мухаммас калимаи «**кай**» омадааст, аммо дар маҷмӯаи А. Ҳабибов ба ҷойи ин калима, вожаи «**чанд**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Шиква то **чанд** кунӣ, эй маҳи тобон, аз ман? [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Шиква то **кай** кунӣ, эй маҳи тобон, аз ман? [20, 95].

Дар мисраи савуми банди чаҳоруми мухаммас ба ҷойи калимаи «**дили**» вожаи «**тани**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Бо **тани** зору дили хаставу бо дидаи тар [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Бо **дили** зору дили хаставу бо дидаи тар [20, 95].

Дар мисраи дуввуми банди шашуми мухаммас бошад, ба ҷойи калимаи «**бишморам**» калимаи «**нашморам**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Хирману мазраъи дунё ба ҷаве **нашморам** [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Хирману мазраъи дунё ба ҷаве **бишморам** [20, 95].

Байти охири банди шашуми мухаммас дар маҷмӯаи А. Ҳабибов чунин аст:

**Ки бахшам**, бувад аз мулки Сулаймон **орам** [37, 62].

Дар дастхати шоир бошад, ҳамин мисраъ бо дигаргунӣ омадааст:

**Ки бибахшам**, бувад он мулки Сулаймон **аз ман** [37, 62].

Варианти «**Ки бахшам**» аз дастхат гирифта шудааст, аммо варианти А. Ҳабибов дурусттар аст, чунки вазни шеър дуруст аст, дар варианти дастхат бошад, вазн вайрон аст. Ин иштибоҳ шояд бо айби котиб рӯй додааст, ки дар шеър як ҳиҷо кам аст, яъне дар ин ҷо ҳиҷои «**би**» афтидааст. Ҳамчунин дар охири шеър калимаи «**орам**» омадааст, аммо дар маҷмӯаи А. Ҳабибов бошад, ба ҷойи ин вожа, калимаи «**аз ман**» омадааст. Маънии шеърро агар дар назар гирем, варианти А. Ҳабибов дуруст аст.

Дар мисраи чаҳоруми банди ҳафтуми мухаммас ба ҷойи калимаи «**мову**» калимаи «**моҳи**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Нисбати **моҳи** ту чун ғунчаи боғ асту баҳор [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Нисбати **__мову__** ту чун ғунчаи боғ асту баҳор [20, 95].

Дар мисраи дуввуми банди ҳаштуми мухаммас ба ҷойи калимаи «**__дилат__**» калимаи «**__дилам__**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Чанд гардад **__дилам__** аз ҳасрати дидор ду ним [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Чанд гардад **__дилат__** аз ҳасрати дидор ду ним [20, 95].

Дар мисраи саввуми банди ҳаштум, яъне банди охирини мухаммас ба ҷойи калимаи «**__бим__**» вожаи «**__мим__**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Панди ман бишнаву чун абри хурӯшон аз **__бим__** [37, 62].

*Варианти маҷмӯа:*

Панди ман бишнаву чун абри хурӯшон аз **__мим__** [20, 95].

Мухаммаси дуввуми Ҳасрат аз шаш банд иборат аст. Ғазали Калим бошад, аз ҳашт байт иборат аст. Мухаммаси номбурда ин аст:

Булбули мастаму дар арсаи бӯстони туам,
Мисри иқболам чу Юсуф шаҳи зиндони туам.
Беҷиҳат нест агар чашм ба эҳсони туам,
**«Дурам аз фитна, ки дар донаи мижгони туам,**
**Хотирам аз ҳама ҷамъ асту парешони туам»**

Ҷони ман сахт саросар хати иззат пайдост,
Ҳар гули захми туро гулшани ишрат пайдост,
Эй, ки ҷонро ҳадафи новаки мижгони ту дошт,
**«Аз барои чу мане улфати тири ту гузошт,**
**Мекашад ин ҳама дилҷӯии пайкони туам» [20, 85].**

Ғазали Калим чунин аст:

**Дурам аз фитна, ки дар сояи мижгони туам,**
**Хотирам аз ҳама ҷамъ аст, парешони туам.**

**Нола ҳарчанд ғубори танам аз ҷо бардошт,**

**Толеи дун нарасонид ба домони туам [18, 172].**

Дар маҷмӯаи А. Ҳабибов дар мисраи дуввуми банди аввали мухаммас ба ҷойи калимаи «**иқболам**» вожаи «**иқбол**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Булбули мастаму дар арсаи бӯстони туам,

Мисри **иқбол** чу Юсуф шаҳи зиндони туам [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Булбули мастаму дар арсаи бӯстони туам,

Мисри **иқболам** чу Юсуф шаҳи зиндони туам [20, 85].

Ҷойи дигар, дар мисраи чоруми мухаммас ба ҷойи калимаи «**донаи**», калимаи «**сояи**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Дурам аз фитна, ки дар **сояи** мижгони туам [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Дурам аз фитна, ки дар **донаи** мижгони туам [20, 85].

Дар байти аввали банди дуввуми мухаммас ба ҷойи калимаи «**пайдост**» калимаи «**пиндошт**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Ҷони ман сахт саросар хати иззат **пиндошт**,

Ҳар гули захми туро гулшани ишрат **пиндошт** [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Ҷони ман сахт саросар хати иззат **пайдост**,

Ҳар гули захми туро гулшани ишрат **пайдост** [20, 85].

Дар мисраи дуввуми банди савуми мухаммас ба ҷойи калимаи «**кафи**» калимаи «**лаби**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Ҳамчу соғар зи **лаби** аҳли ҷунун хоҳам рафт [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Ҳамчу соғар зи **кафи** аҳли ҷунун хоҳам рафт [20, 85].

Дар мисраи дуввуми банди воруми мухаммас ба ҷойи калимаи «**шишаи**» калимаи «**шишаву**» омадааст.

*Варианти Ҳабибов:*

Нозу гарданкашии **шишаву** саҳбо накашам [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Нозу гарданкашии **шишаи** саҳбо накашам [20, 85].

Ба ҳар ҳол аз нигоҳи вазн варианти А. Ҳабибов дуруст аст.

Дар банди охирини мухаммас, дар мисраи саввум ба ҷойи калимаи «**такрим**» калимаи «**мукрим**» омадааст.

*Варианти А. Ҳабибов:*

Ҳасрат аз сӯзи дили хаста зи лутфи **мукрим** [37, 60].

*Варианти маҷмӯа:*

Ҳасрат аз сӯзи дили хаста зи лутфи **такрим** [20, 85].

Дар ғазали Калим низ баъзе дигаргуниҳо ба чашм мерасанд. Масалан, дар байти саввуми ғазали Калим калимаҳои «**бигудозад тоби**» омадааст, аммо дар дастхат калимаҳои «**бигузорад бути**» омадааст.

*Варианти Калим:*

Инчунин гар **бигудозад, тоби** ҳиҷрони туам [18, 172].

*Варианти маҷмӯа:*

Инчунин гар **бигузорад, бути** ҳиҷрони туам [20, 85].

Дар мисраи охирини банди шашуми мухаммас ба ҷойи калимаи «**дигар**» калимаи «**в-агар**» омадааст.

*Варианти Калим:*

**Дигар** имрӯз ба фикри сару сомони туам [18, 172].

*Варианти маҷмӯа:*

**В-гар** имрӯз ба фикри сару сомони туам [20, 85].

Мисрае, ки дар варианти нусхаи девони Калим омадааст, шакли комилан дурусти шеърӣ аст.

Бояд қайд намуд, ки байти охири банди дуввуми мухаммас дар ғазали Калим нест:

**Аз барои чу мане улфати тири ту гузошт,**

**Мекашад ин ҳама дилҷӯии пайкони туам [20, 85].**

Инчунин байти дуюм, панҷум ва ҳафтуми ғазал дар мухаммаси Ҳасрат дида намешавад.

*Байти дуюм:*

**Нола ҳарчанд ғубори танам аз ҷо бардошт,**

**Толеи дун нарасонид ба домони туам [18, 172].**

*Байти панҷум:*

**Гар сари риштаи нисбат ду бувад, тоб якест.**

**Мӯ ба мӯ дар хами чун турраи печони туам [18, 172].**

*Байти ҳафтум:*

**На ба ман сарв саре дораду на гул назаре,**

**Ин самар дод ҳаводории бӯстони туам [18, 172].**

Сабаби афтодани мисраъ ва байтҳои зиёди ашъори Ҳасрат, яъне аз нусхаи ашъори мавҷудаи Ҳасрат дар он аст, ки баъди аз тарафи ҳоким Сӯфибий сӯзонидани дастхатҳои шоир, ашъори ӯ ба таври пароканда (на дар сурати аслии девони шоир, ки дар дасти худи ӯ буд) аз ҷониби дӯстони шоир гирд оварда шудааст.

Хулоса, Ҳасрат аз ашъори шоирони гузашта ба хубӣ огоҳ буда, ба ғазалҳои баъзе аз онҳо мухаммас бастааст. Гарчанде мухаммасҳои Ҳасрат дар пояи ашъори шоирони пешин нест, аммо дар муқоиса бо шоирони ҳамасраш ва дар баёни мавзӯоти доғи рӯз ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ҳасрат аз ашъори шоирони гузашта таъсири зиёд бардоштааст ва суннатҳои адабии онҳоро идома додааст.

Дар ин байти ғазали хеш шоир маъшуқи азалиро васф намудааст:

**Чунон дар дилрабоӣ кардаӣ тасхир оламро,**

**Ки хубони паризод аст побасти сари мӯят [20, 48].**

Мисраи дувум аз нигоҳи вазн хароб аст, зеро «**хубон**» дар шакли ҷамъ аст, аммо хабари он дар шакли танҳо. Дигар вожаи «**побаст**» нодуруст омадааст ва бояд ба ҷойи он варианти дигар дар шакли «**побанди**» меомад, хуб буд ва вазн ҳам дуруст мешуд. Ин ҷо гумон

меравад, ки бо ғалати хаттотону котибон калимаҳо нодуруст навишта шудаанд. Аз назари мо шакли беғалати мисраъ бояд чунин бошад:

Ки хубони **<u>паризоданд</u>** побанди сари мӯят.

Шоир дар ғазали зеринаш маъшуқаро тавсиф намуда, хубони оламро пеши маъшуқи худ побанд дидааст. Яъне дар ҷиҳати тасхир намудани дилҳо маҳбубаашро хеле фаъол нишон додааст. Дар ин ғазал бошад шоир аз ошиқ шудан ҳаросидааст:

**Гуфтам, ки дилам ошиқи шайдо нашавад, шуд,**

**Дар кӯи ту девонаву расво нашавад, шуд.**

**Гуфтам: Ба биёбони таманнои ту Ҳасрат,**

**Кулфатзадаи бе сару бе по нашавад, шуд [20, 49].**

Ҳасрат аз ошиқ шудан як дараҷа ҳаросидааст. Шоир аз он меҳаросид, то ошиқи шайдои касе шавад. Чун инсон бар қалби хеш ҳукмрон нест, он чӣ аз ҷониби дили инсон рух медиҳад, бе хости ӯ анҷом меёбад. Ошиқ намехоҳад то қалби ӯ дар ёди ёр девонаву расво шавад ва дар биёбони орзуҳои ёр кулфатзадаву бесару бепо гардад.

Чун бунёди ирфон аз ишқ маншаъ мегирад, қисмати зиёди шоирони классики мо аз зумраи мардумоне буданд, ки маҳз ба ҳамин мавзӯъ, яъне ирфон зиёдтар таваҷҷуҳ мекарданд. Чунки шоироне, ки ба бузургтарин мавзӯи адабиёт, ишқ таваҷҷуҳи хосса доштанд, ҳарду ишқро омехта баён намуда, ишқи заминиро сарчашмаи ишқи Илоҳӣ медонистанд. Ҳасрат низ аз зумраи қаламкашони нозукхаёле буд, ки дар шеър шеваи шоирони аҳди классикро идома додааст ва дар мавзӯи ишқ зиёд ғазал гуфтаву дар ғазалҳояш ҳарду ишқро омехта баён намудааст.

Шеърҳои ошиқонаи Ҳасрат дилчасп буда, ба дили хонанда зуд роҳ меёбад, зеро шеърҳояш равон аст. Маҳз ҳамин соддагуфторӣ дар шеър муваффақияти шоир аст, зеро ба дили хонанда хуб менишинад. Шоир дар шеър аз ғами замона ба ҳарамсарои ишқ паноҳ мебарад ва раҳоии худро дар висоли ёри ормонӣ мебинад. Чун вақте инсон ошиқ шуд, аз ғами дунё ғофил мешавад ва ғуссаи дунё барои ӯ эътиборе надорад. Хушбахтии шоир низ маҳз дар ҳамин озодгуфторӣ аст. Шоир дар шеър

нисбатан озод аст, ҳар чи дилаш хост, ҳамонро мегӯяд. Хонанда вақте шеърҳои ошиқонаи Ҳасратро мехонад, дар он қаду қомат, чеҳра, абрӯву зақан, хулоса сар то ба пойи маҳбубаро гӯё дар коғаз акс шуда бошад, тамошо менамояд.

Чун шоир аз дарди замона дилгир шуд, аз мардум мегурезад ва ба маъшуқе, ки ӯро дар хаёли худ бо дилу идроку завқи худ сохтааст, такя мекунад. Аз ғами замона, ки хеле сангин аст, ба ишқ паноҳ мебарад ва бо ёри ормонии худ дар гуфтугузор шуда, аз ғами дунё худро берун мекашад.

### 3.2.Панду ахлоқ дар ашъори Ҳасрат

Панду ахлоқ, ишқу муҳаббат, шикояту эътироз алайҳи беадолатиҳои замон аз мавзӯъҳои намоёни ашъори Ҳасрат ба шумор мераванд. Мавзӯи панду ахлоқ низ аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти форсии тоҷикист ва Ҳасрат дар ин масъала ҳамон суннатҳои адабии пешиниёнро идома додааст. Шоир дар шеърҳояш инсонҳоро ба хоксорӣ, некӯкорӣ, хушгуфториву хушкирдорӣ даъват намудааст. Шоир кибру ғурур, такаббур, гурусначашмию тангчашмӣ, нодонӣ, ҳарисию тамаъкорӣ, ҷоҳиливу нотавонбинӣ, дурӯғгӯйӣ, тӯҳмат, хиёнат, тааддӣ ва дигар амалҳои разилона, ки инсонро ба ҳайвон бадал месозад, мазаммат намуда, дар муқобили он хислатҳои некӯи инсонӣ: караму саховат, ҷавонмардӣ, ҳамдилию дастгири бечорагон ва амсоли инҳоро тарғиб намудааст.

Шоир дар яке аз мавзӯъҳои ахлоқ – кибр ибрози ақида намуда, кибру ғуруррро аз хислатҳои бадтарини инсон шуморидааст. Кибр нишони ҷаҳолат буда, одами мутакаббир аз беақлӣ худро аз дигарон боло медонад. Такаббур инсонро ба пастӣ мекашад. Шоир такаббуриро мазаммат намудааст. Ин ғазал ифшогари андешаҳои болост:

**Мардро хилватгузиниҳо тафохур мешавад,**

**Қатра танҳо дар садаф, гар ҷо кунад, дур мешавад.**

**Гоҳ ирфон мешавад ҳар ҷӯши саҳбо ҷаҳлро,**

**Илм ҳам паймонагардони такаббур мешавад [48, 65].**

Ин ҷо хилватгузин ба маънои он омадааст, ки инсон вақте аз дунёи нафс худро берун мекашад ва танҳоиро ихтиёр мекунад, ақлу идрок ва фаросати он дигар мешавад. Аммо шоир ин масъаларо низ қайд кардааст, ки бо вуҷуди хилватнишиниҳо, бо вуҷуди аз дунё дил буриданҳо, инсонҳо на ҳамеша ба он манзалату маърифати гӯшанишинӣ сарфаҳм мераванд. Инсон бо гӯшанишинӣ ба Парвардигор наздик мешавад. Дар ҳоле инсон ки ин дараҷаҳоро нагузаштааст, пас пурра хилватгузиниро дар худ такмил надодааст ва ба манзалати ин ихтиёр сарфаҳм нарафтааст. Маънои мисраи дуюм бар он аст, ки вақте қатра

худ танҳо мемонад, пас ба садаф табдил меёбад ва ба дурри қиммат мубаддал мешавад. Яъне, дар танҳоӣ мубориза бурдани инсон бо нафс инсонро комил месозад. Инсон вақте гӯшанишиниро ихтиёр мекунад, ӯ замони зиёдеро дар ихтиёр дорад, то ҳарду оламро миёни ҳам муқоиса намояд ва аз миёни ин ду олам, якеро, яъне, беҳтаринро интихоб намояд. Ҳамон вақте инсон метавонад ба садафи қиммат табдил ёбад, ки хилватро гузинад, ба покшавии дил кӯшад ва мақсади ин иқдомро дарк намояд. Хилватнишастанҳо ва омӯхтани илмҳои зиёд метавонад баъзан вақт инсонро ба он бурда расонад, ки ӯ аз ин комёбии хеш фахр кунад. Вақте дар инсон ин эҳсосот, яъне фахр пайдо гашт, пас, ӯ худро аз дигарон боло медонад. Пас, ин гуна инсон, ҷоҳил аст, ки нисбат ба худ раҳму шафқат надорад. Бо ин амал ӯ бар рӯҳу равони худ ҷабр мекунад. Дар мисраи дуюм шоир таъкид бар он намудааст, ки инсон танҳо дар хилват ба муҳаббати Худо сазовор мегардад, агар дар он гӯшанишинӣ такаббурӣ ҷой надошта бошад. Такаббурӣ метавонад инсонро аз ҳама он неъматҳое, ки дар хилватнишинӣ аз Худованд умедвор аст, маҳрум созад, зеро кибру ғурурро Худованд сахт мазаммат намудааст. Ин амалро шоир яке аз хислатҳои бадтарини инсон шуморидааст, ки бо ин нодонӣ худро нобуд месозад. Илм, метавонад боиси такаббурии инсон гардад. Баъзе аз тоифаи мардум аз зиёд будани илми худ фахр мекунанд, яъне илмро чун зарфи шаробнӯшиву кибрро чун шароби дохили ин паймона медонанд, ки миёни мардум мегардонанд.

Ҳасрат таъкид бар он мекунад, ки инсон бояд тааммулпеша бошад, беандеша сухан нагӯяд, то боиси шармандагӣ нагардад. Бетааммул сухан гуфтан аз он чизе ки ӯ худ намедонад, танҳо худнамоист. Ва худнамоӣ, нишонаи нодониву беақлист. Маҳз кибр то дараҷае инсонро бурда мерасонад, ки дар инсон андешаи худро аз дигарон зиёд донистан, яъне аз дигарон боло буданро тавлид месозад.

Дар банди дигари ин ғазал инсонҳое, ки беандеша сухан мегӯянд, мазаммат шудаанд:

**Бе таammул гуфтугӯ равнақтирозӣ беш нест,**

**Гармии бозори тасдиқ аз тасаввур мешавад.**

**Медиҳад Ҳасрат рухи оинаи дилро ҷило,**

**Зодаи табъам, ки сӯҳони тафаккур мешавад [48, 65].**

Бе андеша сухан гуфтан низ яке аз хислатҳои нохуби инсон аст. Зебо сухан гуфтану бар он амал накардан нишонаи худнамоист.

Вақте сухан аз боби панду насиҳат рафт, мо аз ин ғазали шоир, ки ғазали хеле ҳам машҳур аст, қатъи назар карда наметавонем. Агарчи дар боби ашъори Ҳасрат мавқеи ин ғазал дар ашъори шоир зикр гардид, аммо паҳлуи дигари ин ғазал, ки мавзӯи панду ахлоқ аст, ҳалли худро наёфт. Мавзӯи ғазал баланд паридани инсон дар ҳавои кибру ғурур аст:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**

**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.**

**Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,**

**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо [20, 25].**

Такаббур ва ғурур инсонро рӯзе ба вартаи нокомӣ хоҳад расонд. Шоир хеле хуб қайд кардааст, ки агарчӣ фаввора хеле баланд мебарояд, аммо фурсате нагузашта сар ба замин мешавад. Яъне, инсоне, ки бо давлату сарваташ ё бо илму шуҳраташ баланд паридан мехоҳад, аз фуруд омадани ногаҳонӣ бояд биандешад. Шоир кӯҳро ба инсон нисбат додааст ва баландии кӯҳро аз он медонад, ки ӯ аввал дар замин худро устувор карда, сипас ба боло қад кашидааст. Яъне, сарбаландии ӯ аз устуворӣ ва мустаҳкамии ӯст. Инсон ҳам ба мисли ҳамин кӯҳ аст, ки вақте дониши фаровон дорад, мустаҳкам аст ва вақте ҳамаи хислатҳои некро дорост, пас, сарбаланд аст. Яъне, инсон аз касе вобаста набошад, дар зиндагӣ танҳо мубориза бурдаву аз пастиҳо ба баландиҳои мақсади ҳаёт расида бошад, пас ҳамеша сарбаланд аст. Албатта дар корҳои хайр ва омӯзиши илму ҳунар ба кас пиру устод ҳам лозим асту воҷиб. Ҳасрат селобро ба инсони ҳарҷодавак монанд кардааст, ки ҳар ҷо давида, оқибат аз дунё бебаҳра мемонад. Яъне, ҳар ҷо сар халонда, оқибат ба сараш санг мехӯрад, чи гунае ки вақте селоб бо шиддати баланд мехоҳад

масофаҳоро тезтар убур кунад, аз шиддати баланди давидан сар бар сангҳо мезанад. Аз ҳад зиёд сар баланд кардан, ба инсон зиёнҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад. Ин байт низ тақвиятгари ин андеша аст:

**Дар тангнои хонаи гардун ҳилолвор,**

**Хоҳӣ сарат ба сақф насояд, хамида рав [20, 100].**

Аз кибр ва ғурури зиёд вақте инсон хеле баланд сар мебардорад, ба сақфи хона бархӯрдани он аз эҳтимол дур нест.

Ҳасрат хулқи бадро хеле мазаммат кардааст, зеро хулқи бад ба ҷомеа зарари зиёд расонида, инсонҳоро барои расидан ба мақсадҳои олӣ монеа мешавад. Инсони бад аз доираи инсонӣ баромада, ба даррандае табдил меёбад, ки нисбат ба дигарон раҳму шафқат надорад. Ба инсони бад бовар намудан, ин нодонист, зеро агар нафаре ба ту бадӣ карда бошад, фардо ин амалро ҳатман такрор хоҳад кард. Мардуми ҷоҳилу худхоҳ ба мисли каждумоне ҳастанд, ки неш задану ба мардум монеа эҷод кардан, дар табиати онҳо ҷо шудааст. Шахси бадхулқ ҳамон нафарест, ки дар гирдоби кибру ғурур ғӯтавар гардида, душмани мардуми бегуноҳ мешавад. Дурӯғгӯйӣ, тӯҳмат, зулм, хиёнат, тааддӣ ва дигар амалҳои разилона хусусиятҳои асосии шахси бадхулқ мебошад. Кӯшиши ӯ доим барои манфиати худ аст, на ба манфиати ҷомеа.

Шахси ба хулқи бад гирифторшуда, дар айни замон душмани худ аст. Ин хислатҳои бад тамоми вуҷуди ӯро заҳролуд карда, то он даме, ки зинда аст, гирифтори ин бало мегардонад. Маълум аст, ки одами бад нафратзадаи мардум мешавад, бо хулқи бади худ ба муҳаббат ва ё эҳтироми касе сазовор намегардад. Инсон бояд аз мардуми бад доим дар канор бошад. Шоир нокасро ба хори сари девор монанд кардааст.

Инчунин, шоир инсонҳоро ба он даъват мекунад, ки ҳеҷ гоҳ аз зиндагӣ дилмондаю озурда нabошанд. Ҳар шоми сиёҳеро субҳи умед дар пеш аст. Дар ин порчаи шеърӣ Ҳасрат инсонҳоро ба фаро расидани рӯзҳои хуб умедвор сохтааст:

**Зи танҳоӣ насоям заъфарони ранги навмедӣ,**

**Паси девори файзободи ғурбат давлатобод аст.**

**Зи сахтиҳо тавон шуд сурхрӯи орзу, Ҳасрат,**

**Уруҷу обрӯи ҷавҳари шамшер фӯлод аст [37, 30].**

Инсон метавонад, танҳо аз пурсабрии хеш ба мақсад бирасад. Вақте дар роҳи ба орзу расидан сабр мекунад, албатта, ба мурод мерасад. Инсон ҳеҷ гоҳ бояд ноумед набошад, чунки ҳар шоми тореро субҳи равшан дар пеш аст. Обрӯву эътибори шамшер низ аз фӯлодин будани он аст. Шоир ин ҷо инсонро ба шамшери фӯлодин монанд кардааст, ки вақте сабр мекунад, пухта мешавад. Ханҷар агарчи дар зери боду борон монад ҳам, газанде намебинад.

Ҳасрат чун намоянда ва мафкурабардори аҳли меҳнат ойини сахову ҷавонмардӣ ва муруввати ин тоифаро сутуда, ахлоқи разили ҳокимон, пастфитративу ҷоҳилӣ, тамаъкорию чоплусии шахсони ҷудогонаро сахт накӯҳиш намудааст. Дар муқобили тамаъу ҳирс ва сифлию ҷоҳталабии аҳли сарвати замон шоир ба аҳли меҳнат, ки зиндагии қашшоқона доштанд, серчашмӣ – ҳиматбаландиро тавсия мекунад. Дар тасвири шоир серчашмӣ, яъне, қаноату ҳимматбаландӣ тангдастонро тавонгар мекунад ва ин «**<u>баҳри гавҳардор</u>**» (истиора аз серчашмӣ, қаноат) мумро анбар мекунад.

Ҳасрат ҳимматбаландиро яке аз хислатҳои неки инсонӣ шуморидааст. Ӯ дар шеърҳояш таъкид бар он мекунад, ки инсон бояд ҳимматбаланд бошаду чашмгурусна набошад, чунки гурусначашмӣ амали зишт буда, афъоли бади иблисӣ, яъне аҳриманӣ аст ва оқибат сабаби хору залил гаштанаш мегардад. Ба ин маънӣ мегӯяд:

Серчашмӣ тангдастонро тавонгар мекунад,

Мумро ин **<u>баҳри гавҳардор</u>** анбар мекунад [51, 49].

Ҳарисӣ ва тамаъкорӣ хислатҳои бадтарини инсонанд, ки касро ба беобрӯйӣ бурда мерасонад. Чашми сарватманд аз дунё серӣ надорад, зеро зиёд ҷамъ овардани бойигарӣ ҳирсро меафзояд ва мисли Қорун касро абадан маҳкуми дӯзах мекунад. Ҳирс чашми инсонро, хоҳу ноҳоҳ ба моли мардум мекашад ва барои онро ба даст овардан инсон ба ҳамаи хислатҳои разилона қодир мешавад.

Шоир гурусначашмонро мазаммат намудааст. Инсонҳоро ба ҳимматбаландӣ ва некӯкорӣ даъват намудааст, зеро инсон маҳз аз ҳиммати баланд ба ҷое мерасад ва соҳиби обрӯву эътибор ва иззату икроми ҳамагон мешавад.

Ҳасрат инчунин инсонҳоро бар он таъкид кардааст, ки бе меҳнат роҳат ба даст намеояд:

**Мисоле гӯямат омисифат, бардор аз он маънӣ,**

**Ҷамоли Каъба натвон дид, тай нокарда манзилҳо [20, 113].**

Барои ба ҷамоли Каъба мушарраф шудан, инсон бояд роҳи зиёдеро тай намоянд. Чандин санҷишҳоро гузарад, зеро ин ҳама пайроҳаҳои мушкилгузар роҳ ба сӯйи Каъбаанд. Вақте инсон ҳама ин пайроҳаҳоро пушти сар кард, пас ӯ ба дидори Каъба сазовор мешавад.

Ин ҷо ақидаи дигар низ вуҷуд дорад. Ҳама он роҳҳое, ки барои солик муқаррар карда шудааст, сипарӣ карда мешавад ва дар охир солик ба мақсуди хеш мерасад. Яъне он чизе ки мехост, ба он мушарраф шуд.

Мавзӯи панду ахлоқ дар ашъори Ҳасрат доманаи васеъ дорад ва нуқтаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки муҳити зиндагӣ ва рӯзгори қашшоқона, аммо сарбаландонаи худро ба ҳайси намуна мавриди тасвир қарор медиҳад. Ҳимматбаландӣ ва накӯкории Ҳасрат мартабаи инсонии ӯро хеле боло мебардорад, симои ӯро чун инсонпарвари бузург дар назари хонанда ҷилвагар месозад.

Ҳасрат мартабаи инсонро ба ахлоқ алоқаманд кардааст. Инсон дар олами мавҷудот беҳтарин мақомро ишғол мекунад ва аз ин лиҳоз, бояд мартабаву мавқеи худро дар ҷамъият нигоҳ дорад. Яъне аз кирдорҳои зишт даст кашида, ахлоқи ҳамидаро ҳамеша пайгир бошад. Таълимоти тарбиявӣ-ахлоқии Ҳасрат қариб, ки ҳамаи соҳаҳои муҳимми ахлоқи замонашро фарогир аст. Шоир ҳирси сарват ва ҷоҳпарастиро сарчашмаи асосии пайдоиши ҷумла хислатҳои бади инсон медонад. Ҳирсу тамаъ инсонро ба пастӣ тела медиҳад. Ҳирси сарват ҳатто инсонҳоро ба ҳалокат меорад, зеро дар замони зиндагии Ҳасрат ҳокимон ва амирҳо

барои ҷоҳу мансаб падар ва бародарони худро ба қатл мерасонданд. Ин ҷо аз Амир Насрулло мисол меорем:

«Баъд аз марги Амир Ҳайдар писари ӯ Амир Ҳусайн ба тахти Бухоро нишаста, баъд аз ду моҳу чанд рӯз вафот мекунад, аниқтараш ӯро бародари ҳамхунаш Насрулло заҳр дода мекушад. Баъд аз марги Амир Ҳусайн, ба тахт писари дигари Амир Ҳайдар, Амир Умар соҳиб мешавад. Писари дигари Амир Ҳайдар, Насрулло бар зидди бародар хеста, Бухороро соҳиб мегардад. Аввал бародараш Амир Умар, сипас бародарони худ Зубайрхон, Ҳамзахон ва Сафдархонро бо зану фарзандҳояшон мекушад, то ба тахти амирӣ касе даъвогар набошад. Ӯ хеле ҷаллод ва бераҳм буд ва соли 1863 дар синни 63-солагӣ ҷон ба Ҷаббор супорид. Ӯ муддати 33 сол ҳукмрони Аморати Бухоро буд» [77, 49].

Ё ин ки мисоли дигар, чанд аср қабл Абдуллатиф бо ҳаммаслакони ҳарису ҷоҳили худ падараш адиб ва олими машҳур – шогирди Ҷамшеди Кошонӣ олим ва ситорашиноси машҳур Мирзо Улуғбекро ба қатл расонд.

Маҳз ҳамин ҳирсу тамаъ инсонро то ба ин дараҷаҳо оварда расонид, ки инсон барои молу шуҳрати дунё ҳатто аз хуни бародарони ҳамхунаш нагашт. Ва нафаре қотили падари худ шуда, абадан мавриди лаънати Худову мардум қарор гирифтааст.

Ҷоҳилӣ, яъне нодонӣ низ яке аз масъалаҳоест, ки шоир бар он диққати махсус додааст. Шоир чунин мепиндорад, ки инсони комил маҳз ҳамон нафаре буда метавонад, ки ӯ дониши баланд ва ахлоқи ҳамида дорад. Ҳама бемаърифатиҳоро сарчашма ҳамоно ҷоҳилӣ, пастфитратӣ ва нодонист. Бадбахтиҳои рӯзгор маҳз аз нодонист, ки Мирзо Олимҷони Ҳасрат ин масъаларо дар порчаи зерини шеърӣ чунин овардааст:

**Гуфт Афлотуни доно вақти мурдан як сухан:**
**Ҳайфи доно мурдану сад ҳайфи нодон зистан.**
**Хуб шуд доно бимурду рӯи нодонро надид,**
**Мурдани доно беҳ аз як дам ба нодон зистан [51, 59].**

Шоир ин ҷо Афлотун – файласуфи Юнони қадимро дар назар дорад. Афлотун шогирди олими машҳури Юнони қадим Суқрот ва устоди олими дигари Юнони қадим, асосгузори назарияи илми ахлоқ Арасту мебошад.

Шоир чунин мепиндорад, ки агар нодон зияду доно бимирад, сад ҳайф, зеро ҷамъият аз дасти нодон нобуд мешавад. Шоир мурдани доноро беҳ шуморидааст, аз он ки бо марди нодон як умр зиндагӣ кунаду ранҷ барад. Бо шахси нодон як умр зистан, аз ин дида сахттарин азоб нест. Доноӣ чароғи раҳнамои инсонҳост, аммо нодонӣ инсонро дар ғафлат нигоҳ медорад.

Нодониро шоир ҷоҳилӣ шуморида, зикр кардааст, ки маҳз нодонист, ки ҷомеаро ба пастӣ мебарад. Ояндаи шахси нодон зулмот аст. Илм аз нигоҳи шоир яке аз воситаҳое мебошад, ки инсонро комил мегардонад. Роҳи маърифати инсонӣ маҳз тавассути илм боз мешавад. Шахси беилм, яъне нодон ҷисми беҷон аст, ки аз ӯ ба мардум фоидае нест. Чун дар замони зиндагии шоир амалдорон ва ҳокими дарбор зиёд ба ҳаромхӯрӣ майл доштанд, бинобар ин хӯрдани ҳаққи мардуми мазлум сифатҳои хоси ҷоҳилон гардида буд. Шоир инчунин дар ашъораш ба бечорагону бенавоён ёрӣ расониданро талқин мекунад. Шоирони асри XVIII-XIX дар ин масъала суннати пешиниёнро идома додаанд. Дар ин хусус Амирбек Ҳабибов мегӯяд: «Ҳамин тавр, қариб ҳамаи шоирони водиҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегину Дарвоз, ки дар охири асри XVIII, асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ кардаанд, дар боби панду насиҳат, ба қадри дониш ва маҳоратmember, фикрҳои муфид баён карда, ин анъанаи адабиёти гузаштаи моро идома додаанд» [9, 186].

Ҳасрат дар боби душман низ ақида ронда, онҳоро ба мор монанд кардааст:

**Аз газандаш нестам эмин, в-агарна мегазад,**

**Душмани номарди худро мор медонем мо [20, 115].**

Барои аз газанди мор эмин будан, аз ӯ дур будан мебояд. Душман ба мисли он морест, ки ногаҳонӣ ҳамла меорад ва аз неши он инсон дар

амон буда наметавонад. Заҳри забони душман ба мисли заҳри мор қотил аст. Забони душман ба мисли ханҷарест, ки дили инсонҳоро мешикофад.

Бо вуҷуди ин ҳама нотавонбинӣ ва дар танҳоиву хорӣ гузаронидани зиндагӣ Ҳасрат дар зиндагӣ шахси ҳимматбаланд буда, баҳри тамаъ бар касе мадҳия нагуфтааст. Инро мероси бозмондаи ӯ исбот мекунад. Шоир инсони чашмсер буда, худро аз тамаъ дур гирифтааст.

Андешаҳои панду ахлоқии Ҳасрат дар партави таълимоти инсонпарварии ӯ сурат гирифтааст. Бино ба андешаи шоир, инсон дар олами мавҷудот беҳтарин мақомро ишғол мекунаду ашрафи махлуқот аст ва аз ин лиҳоз, бояд мартабаву мавқеи худро дар ҷамъият нигоҳ дорад. Салои «**хони дунон**», ки миннат дар пай дорад, инсонро забун месозад. Набояд аз баҳри луқмаи ноне «**нанги миннат**» қабул кард, балки чун осиё санги қаноат бар дӯш гирифт, то рӯзӣ ба даст овард:

Салои **хони дунон** **нанги миннат**ро намеарзад,
Ки бояд баҳри нон бар дӯш бори осиё бандӣ.
Ба ин ҳастӣ дам аз фориғдилӣ чун мезанӣ, Ҳасрат,
Магар вақте к-аз ин кулфатсаро худ чашми во бандӣ [51, 64].

Шоир он нафаронеро, ки барои луқмае ба хонаи касон ташриф меоранд, мазаммат кардааст. Инсон бояд аз барои луқмае бар хони мардум нигаристанро бар худ нанг донад.

Мавзӯи панду ахлоқ дар ашъори ҳар шоир ҳар гуна мавқеъ мегирад, яъне гуногун аст ва вобаста ба воқеаҳои замон ва вазъи сиёсиву иҷтимоии давраҳо тағйир меёбад. Дар ин бобат муҳаққиқ Усмон Каримов чунин мегӯяд: «Мавзӯи панду насиҳат, тарғиби хислатҳои неки инсонӣ ва танқиди афъоли баду ношоиста дар тамоми давраҳои таърихи адабиёти тоҷик қисми муҳими эҷодиёти шоирон буд ва ин мавзӯи ҷовидониро берун аз таърихи афкори ҷамъиятӣ тасаввур кардан мумкин нест» [71, 99].

Шоир дар ғазали зерин таъкид бар он мекунад, ки инсони бад ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ ҷойи инсони некро гирифта наметавонад. Гавҳар гавҳар асту хор, хор. Ҷойи гавҳарро ҳеҷ гоҳ хору хас иваз карда наметавонад:

**Ба баҳри софдил мавҷи нафас наншасту наншинад,**

**Ба ҷои икди гавҳар хору хас наншасту наншинад.**

**Нагардад комрас ҳар булҳавас аз лаззати маънӣ,**

**Сари хони тааммулро магас наншасту наншинад [20, 125].**

Булҳавас он нафарест, ки доим дунболагарди ҳавас аст ва аз лаззате, ки инсони ҳақиқӣ бо соҳиб гардидани чизе ба даст меорад, бебаҳра аст. Барои хушбахт будан мубориза бурдану аз ин неъмат комронӣ намудан танҳо ба инсони боақл, бофазл ва бофарҳанг муяссар мегардад. Чунки инсон танҳо бо ақлу ҳуши неки худ метавонад лаззати ин неъматро, яъне хушбахт буданро дарк намояд.

Ҳасрат худро ҳамчун муаллими ахлоқ донистa, зулму ситамро бо кирдорҳои бад алоқаманд мегардонад. Ҳасрат барои ҳимоя намудани табақаҳои поёнии аҳолӣ ва пешгирии зулми золимони замон қадами устувор гузоштааст. Шоир таъкид кардааст, ки вазифаи инсонии ҳар як фард ин аст, ки ӯ бояд аз кори зишту амалҳои ноҷавонмардона даст кашад ва ба касе зулму ситамро раво набинад. Шоир аз он дилпур аст, ки аҳли зулм ҷон ба саломат намебаранд ва фардо дар рӯзи маҳшар, дар пешгоҳи Парвардигор ҷавоб хоҳанд гуфт.

Шеъру сухани воло пайвандгари қалбҳои бузурги инсонҳои бузург аст. Ҳасрати Ҳисорӣ бо ашъори нобу суханҳои пандомезаш дар дили хонандаи шеъри тоҷикӣ ҳамеша абадӣ хоҳад монд ва ба некӣ ёд хоҳад шуд. Натанҳо Ҳасрат, балки мардуми зиёди бофазлу бофарҳанги тоҷик дар зиндагиашон зери таъқибу фишороварии мардуми ҷаҳолатпараст мондаанд. Аҳли адаб бо вуҷуди ин ҳама таъқибҳо миёни мардум маъруфият пайдо мекунанд ва ба некӣ ёд мешаванд: «Шоирони бузург, ки дар зиндагиашон онҳоро золимон, амирон, хонҳо ронда, таъқиб намуда, кушта ва ба балоҳо гирифтор кардаанд ва баъд аз вафоташон рӯҳониёни реаксионӣ ба хотири тоҷдорон ва эксплоататорҳо дар ҳаққи онҳо дурӯғҳо бофта, мероси адабӣ ва илмии онҳоро ғалат тафсир

кардаанд, дар байни халқ ҳамеша бо муҳаббат ва эҳтироми зиёд ёдоварӣ карда мешаванд» [53, 18].

Мирзо Олимҷон барои ба халқ сухани озоди худро расонидан, аз баҳри ҳама чиз гузаштааст, масалан, аз баҳри мансаб, оила ва зиндагии осуда. Барои сухани озод доштан фахр низ мекунад, зеро хушбахтии шоир маҳз дар озодии ӯст. Ҳамон вақте шоир худро хушбахт меҳисобад, ки сухани ӯ озоду чун тир нишонрас бошад. Ҳасрат дар даврае мезист, ки сохти ҷамъияти феодалӣ ба дараҷаи инқироз расидаву фисқу фасод, бераҳмиву бешафқатӣ, макру фиребу хиёнату ҷаҳолат ва ҳамаи амалҳои зишти табақаи ҳукмрон ба дараҷаи баланд расида буд.

Дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX шоирон дар шеърҳояшон як навъ панду ҳикматро ба андозае тағйир доданд. Шоирони зиёд ба ҷойи панду насиҳат ба шикоятҳои ҷонгудозона гуфтан шурӯъ карданд. Дар ин давра низ насиҳат мавқеи хоссаи худро дошт, зеро тарғиби хислатҳои неки инсонӣ ва танқиди феълу атвори одамони бад дар ашъори шоирон аз байн нарафта буд.

Ҳасрат дар даврае мезист, ки фисқу фасод, бераҳмиву бешафқатӣ, макру фиребу хиёнату ҷаҳолат, беимонӣ, пастию фурӯмоягӣ ҷомеаро фаро гирифта буд ва болонишинҳо ҳеҷ раҳму шафқате ба аҳли меҳнат ва ҳунар надоштанд. Аз ин рӯ, панду насиҳати шоир оҳанги сахту нафратомез дорад, дар он баъзан калимаву ибораҳои дурушту нешдор истифода шудаанд, ки ба фошгӯйии ҷасуронаи шоир шаҳодат медиҳад. Андешаҳои ахлоқии шоир дар партави андешаҳои инсонпарварӣ ва сӯфиёнаи ӯ баён шудаанд, ки барои ҳимоя табақаи мардуми оддӣ ва пешгирии зулми золимони замон нигаронида шудааст.

Шоир ахлоқу аҳволи ин табақаро дидаву бо онҳо муросо карда наметавонист ва бо хислатҳои наҷибтарини инсонӣ миёни аҳли ин ҷамъият ташвиқот мебурд. Бинобар ин, панду насиҳати шоир оҳанги сахту нафратомез дорад, чунки дар он калимаву ибораҳои дурушту нешдор истифода шудаанд ва бо фошгӯии ҷасурона шоир миёни дигар шуаро нисбатан фаъол буд. Ҳасрат барои ҳимоя намудани табақаи

мардуми оддӣ ва пешгирии зулми золимони замон қадами устувор гузоштааст.

### 3.3.Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон

Мирзо Олимҷон тахаллуси «Ҳасрат»-ро беҳуда ба худ нагирифтааст. Шоир зиндагиашро дар танҳоӣ, дур аз ёру дӯстон гузаронидааст, ки аз шеърҳои ӯ ин мазмун ба хубӣ дарк карда мешавад. Ҳасрат дар шеърҳояш аз зиндагии талхи худ ишора мекунад:

**Ҳасрат аз ҷабри фалак дар меҳнатободи ҷаҳон**

**Соғаре бар каф хироми гулъузореро надид [51, 53].**

Ҳасрат аз ҷабри фалак, аз толеъу аз дарду алам зиёд шикоят мекунад. Дар ашъори ҳамаи шоирон низ шикоят аз толеи баду беадолатиҳои замон ба чашм мерасад. Шояд шоирон аз тарсу бими ҳокимони замон ва амалдорони беинсоф дар образи фалак, толеъу тақдир пардапӯшона ва рамзомез шеър мегуфтанд. Мирзо Олимҷон дар ашъораш мардуми чоплусу дурӯя ва фиребгарро ошкоро танқид мекунад, ки ин аз шоири пешқадам ва некбин будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Шикояту эътироз аз фалаку толеъ танҳо масъалаи адабиёти асрҳои XVIII-XIX набуда, балки анъанавӣ мебошад ва дар ашъори ҳамаи шоирони ҳар давру замон ба чашм мерасад.

Инчунин, шикоят аз беқадрии илму дониш низ яке аз мавзӯоти ашъори шоирони Бухорои Шарқӣ маҳсуб меёбад. Барои омӯхтани илм шоирон ба ҳар гӯшаву канори дунё, алалхусус ба Бухоро мерафтанд.

Мирзо Олимҷон дар дарбори Сайидбий то вафот ёфтани ӯ қадру манзалат дошт, зеро Сайидбий худ шахси босавод буд ва мардуми бофарҳангу босаводро зиёд дӯст медошту эҳтиром мекард. Ҳасрат аз дасти ҳокими нави Ҳисор, фарзанди Сайидбий ва бародари завҷааш Сӯфибий зиёд озорҳо дид ва дар ин хусус мегӯяд:

**Ҳосили мо нест ҷуз беҳосилӣ дар рӯзгор,**

**Аз шароби вожгунӣ ҷоми мо пур мешавад [37, 39].**

Рӯзгори пурмашаққат, муҳити пурфасоди дарбор, ахлоқи разили амиру амалдорони фитнаангез шоирро ба танг оварда буданд, ки дигар ӯ

дар дарбор истодан нахост. Ҳасрат шахси пешқадам буд ва аз ин рӯ ба рафтори ношоистаи ҷоҳилон ва рӯйдодҳои он замон бетараф буда наметавонист. Ӯ бо шеърҳояш бар зидди ҷаҳолатпарастон мубориза мебурд. Шоир тарафдори беҳбудӣ ва осоиши мардуми накӯкор аст. Дар ҳолатҳое, ки шоир аз дарбор дур шуд ва бо сабаби бемориаш ҳама аз ӯ ҳазар мекарданд, ӯ худро ночизу нотавон эҳсос мекард ва аз вартаи навмедӣ гулӯгир мешуд. Бинобар ин, канораҷӯйӣ ва гӯшагириро шоир сарнавишти худ интихоб намуда буд.

Шикоят аз замон, аз як ҷониб мавзӯи анъанавӣ бошад, аз ҷониби дигар, он дар асри XIX ва ибтидои асри XX бархоста аз зиндагии вазнин ва зулму беадолатиҳои золимон буд. Дар ашъори шоирони кӯҳистон масъалаи зулми золимон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ашъори шоирони пешқадами ин давр ҷиҳатҳои тарбиявӣ дорад, зеро ҳамин қисмат, яъне шикваю шикоят алайҳи бедодгариҳои замон яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти шоирони пешқадам ба шумор меравад. Дар ин хусус Усмон Каримов дар асари худ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX» чунин мегӯяд: «Дар эҷодиёти шоирони ин давр бештар инъикоси нооромии замон, дилсахтию бемуруватии ҳукуматдорон, гардиши каҷи фалаки «вожгун», афъоли зишти золимон, авзои умумии давраи тираи феодалӣ, беқадрии аҳли фазлу камол ва ба ин васила танқиду мазаммати табақаи ҳукмрон, соҳибони давлату мансаб, парасторони симу зар ва амсоли инҳо мавқеи муҳиме дорад» [68, 85].

Дар ғазале Ҳасрат аз гӯшанишинӣ сахт менолад. Душманони шоир дар шаҳр овоза мекунанд, ки Мирзо Олимҷони Ҳасрат, ки ба касалии барас мубтало шудааст, бояд мардум аз ӯ худро дур гиранд, чунки ин касалӣ гузаранда аст. Инчунин, хурофотпарастони ҷоҳил чунин ақида пешниҳод карда буданд, ки агар касе рӯйи маризи барасро бинад, бояд ки вузӯъ намояд ва чил кӯза об бар сар кунад, сипас он кас тоза мешавад. Мардуми нотавонбин ҳатто ба хидматгорҳои Мирзо Ҳасрат таъкид мекунанд, ки хизмат ба хонаи Ҳасрат гуноҳ аст. Ҳасрат аз мардум дур

мешавад, зеро дар маҷлису суҳбатҳо мардум аз ӯ ҳазар мекарданд. Ин ғазал ишора бар ин масъала аст:

**Аз бахти бад ғариб шудам, бенаво шудам,**

**Танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро шудам.**

**Аз хоки остони ту, эй бахти номурод,**

**То эътибори худ талабидам, чиҳо шудам.**

Чӣ хеле ки аз ғазали шоир маълум мегардад, шоир хеле ҳасратзадааст. Ӯ аз бахти баду бераҳмиву бетарафиҳои одамон сахт андӯҳгин аст:

**Ҳасрат, касе ба захми дили ман назар накард,**

**Ҳарчанд бар ҷароҳати мардум даво шудам [51, 56].**

Дар кунҷи танҳоӣ нишастану узлат ихтиёр кардан аз дасти бешафқатиҳои мардуми ҷоҳил буд, ки шоирро аз дунё дилмонда карда буд. Вақте шоир дар дарбор мезист, обурӯю эътибор дошт, зеро ҳамеша тарафдори мардуми оддӣ буд. Ҳангоме ки аз дарбор дур карда шуд, мардум некиҳои ӯро ба гӯшаи фаромӯшӣ бурданд:

**Ба меҳнат, ё зи роҳат бенасибонро кӣ мепурсад?**

**Ба хокафтодагон, бедаступоёнро кӣ мепурсад?**

**Барои дарди мо кӯйи табибонро кӣ мепурсад?**

**Ба ғайр аз дард ҳоли дардмандонро кӣ мепурсад?**

**Ба шоми бекасӣ ҷуз ғам ғарибонро кӣ мепурсад?**

**Гули боғи умедамро намедонам кӣ мебӯяд?**

**Ба дил чандин алам дорам, илоҷамро кӣ меҷӯяд?**

**Зи аҳволи дили зорам ба ёри ман кӣ мегӯяд?**

**Ба ҷуз ашк аз ҷабинам гарди мазлумӣ кӣ мешӯяд?**

**Ба ҷуз хуноби Ҳасрат чашми гирёнро кӣ мепурсад? [51, 51].**

Ҳасрат дар шеърҳояш шикоят аз зулму ситами золимон мекунад. Шоир барои ҳокиме мадҳияе нагуфтааст, гарчанде мадҳиягӯӣ метавонист ӯро наҷот бидиҳад. Ғамбодаҳои зиндагӣ оқибат шоирро гирифтори маразии ғамбода – барас кард. Шояд сабаб ҳам дар он буд, ки

шоир ба беморӣ гирифтор шуда, оқибат аз ҳама дур мешавад ва гӯшаи узлат ихтиёр мекунад:

**Намедонам чӣ кардам бо фалак, ғам зердастам кард,**

**Ба рӯи гулшани рухсор шабнам ошкорам кард,**

**Саҳоби тирабахтон назри ашки шашқаторам кард,**

**Биёбон то биёбон лолаосо доғдорам кард,**

**Ҷигар хун гашт, дил шуд об Ҳасрат, дида тар кардам [20, 83].**

Шоир аз ҷабри фалак ҷигархун шудаву аз гиряву нолаҳои шашқатор гулӯгир шуда буд. Зиндагии ӯ сар то ба по ҳама кулфату ғам буд. Аз як тараф, бемории ӯ, аз тарафи дигар ҷоҳилии дарбориён ва дур шудани мардум аз шоир. Инсон наметавонад ба ин ҳама беадолативу бераҳмӣ тоб оварад, ин ҳама кулфату ғам инсонро ба ҳалокат мерасонад. Шояд сабаб ин буд, ки шоир хеле ҷавон аз олам гузашт. Маҳз ин омилҳо буданд, ки лобалои ашъори Ҳасратро шиккаву шикоят ва ғаму андӯҳ ташкил медиҳад:

**Аз он рӯзе шудам пайдо, надидам рӯйи осоиш,**

**Машомам пай набурд аз ҳеҷ ҷое бӯйи осоиш,**

**Ба кӯйи мо қадам нанҳод гуфтугӯйи осоиш,**

**Ба чашмам во нашуд аз укдае гесӯйи осоиш,**

**Дили маҳзуни худро бӯсагоҳи нештар кардам [51, 57].**

Ҳасрати Ҳисорӣ истеъдоди баланди шеъргӯйӣ дошт ва аз замонаву аз ҳокимони он замона ба чуз илтифоту меҳрубонии ҳоким Сайидбий шафқату меҳрубоние надид. Барои ҳамин шоирро шеърҳои шикоятиаш хеле ҳасратангез баромадааст. Банди дигари ин мухаммас гувоҳӣ аз он медиҳад, ки шоир дар зиндагӣ ғами бисёр дидааст:

**Зи шодобӣ хабар то ёфтам, ғам зердастам кард,**

**Зи саҳбои кудурат он қадар то дод, мастам кард,**

**Ба базми боданӯшони ситам кулфатпарастам кард,**

**Зи мулки нестӣ худ мондаму тақдир ҳастам кард,**

**Чу ман дар нола аз дасти фалак ҳар ҷо назар кардам [51, 57].**

Ҳасрат аз дасти мардуми ҷаҳолатпарасти нотавонбин сахт андӯҳгин буда, худро хеле бадбахт мешуморид. Шабу рӯз аз хӯрдани ғаму ғусса хеле лоғар гашта буд. Аз умри рафтааш афсӯс мехӯрд ва аз ғаму ғусса қалби пурэҳсосаш ба дард меомад. Инчунин, қозии тиҳимағзи шаҳр ҳукм баровард, то ҷасади Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ба қабристони умумӣ роҳ дода нашавад ва Мирзо Ҳасрат бояд барои оромгоҳи худ порчаи замини алоҳидаеро харидорӣ намояд.

Ҳасрат ба муқобили душманони маънавии худ, ки фитнаву фасоди замонаро сабаб буданд, инчунин ба муқобили тартиботи замона, ки аз он мардум сахт бадбахт буданд, исён намудааст. Ғазали зерин баёнгари ин маънист:

**Зи дида ҳосили мо ҷуз ба хун тапидан нест,**
**Ба мулки ҳастии мо расми орамидан нест.**
**Зи сайри гулшани мо, боғбон, машав монеъ,**
**Ки расми толеи мо дидан асту чидан нест [20, 47].**

Шоир аз зиндагӣ сахт дилмонда аст. Ӯ ба ҳамаи бадбахтиҳояш толеи бадашро гунаҳкор медонад. Дар ғазали зерин шоир Рӯдакивор аз надоштани дандон шикоят кардааст:

**Газидани лаби Ҳасрат набуд белаззат,**
**Вале чӣ суд, ки дандони лаб газидан нест [20, 47].**

Чӣ тавре ба мо маълум аст, шоир умри дароз надидааст, яъне то ба пирӣ нарасидааст, ки ҷумла дандонҳои ӯ рехта бошанд. Ин байт киноя аз талх гузаронидани зиндагӣ бошад.

Дар хусуси беадолатиҳои замон Субҳон Амирқулов чунин ибрози ақида намудааст: «Консепсияи мазкур дар шароити таърихии давраи гузариш ва тағйир ёфтани шуури иҷтимоӣ, дар заминаи пурзӯр шудани зулму ситам, истисмори бераҳмонаи халқи заҳматкаш, фасоди маънавии табақаи ҳукмрон пойдор гардидани беадолатию нобаробарии иҷтимоӣ ва таҳқир дидани одамони фозилу доно ва мардони роҳи адолат ва ростӣ ва ғайра майлу маслаки амиқи иҷтимоию сиёсӣ касб намудааст» [56, 32]. Шоир дар хусуси беадолатиҳои замона чунин мегӯяд:

**Ғубори дашти хунам, нахли боғи кулфати айём,**

**Ки бошад зоҳир аз ҳоли ниҳону ошкори ман.**

**Надорам сояе, не баргу боре, не гули мақсуд,**

**Ҷуз ин беҳосилӣ дигар нарӯяд аз баҳори ман.**

**Биё, то кай бинолӣ аз ғами бемеҳрии гардун,**

**Бувад умре, ки шуд оинаи ҳасрат дучори ман [20, 92].**

Чун Мирзо Олимҷони Ҳасрат шахси ҳассос ва пешқадам буд, разолати ҳокимони замони худро сахт танқид намудааст ва ин ҳама беадолатиҳоро аз бедонишии ҳокимону подшоҳон ва амалдорон медонад. Шоир дар ин ғазал ишора бар он кардааст, ки номуродии ӯ аз ҳолати ӯ пайдост. Ӯ худро маҳсули ниҳоли боғи кулфат донистааст.

Дар мисраи севум шоир худро ба ниҳоли бесояву бебаргу бор монанд кардааст, ки ин шеъри шоир баъди марги фарзандаш эҷод шудааст.

Маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намунаи боризи он мебошад. Шоир золимию хунхорӣ, хасисию бемуруватӣ ва дигар хислатҳои разилонаи аҳли ҷоҳу сарватро фош ва зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Қиёми шоир ба муқобили тӯдаи одамсурати ҳайвонсирати ҳукмрон, пеш аз ҳама, ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи он сурат гирифта буд.

Мирзо Ҳасрат амалдоронро устодона ҳаҷв намудааст. Шоир, ки шахси донову хеле ҳам мушоҳидакор буд, рафтору кирдори муфтхӯрон, ахлоқи бади онҳо, макру фиреби он тӯдаро омӯхтаву аз он ба танг меомад ва бо як услуби аҷиби ҳаҷвӣ, ки онро «титол» ё «татол» меномид, мазаммату масхара менамуд. Бо ин услуби хоси худ шоир ҳамаи он нафароне, ки ба ҷамъият аз онҳо ягон манфиат намерасид ва талоши онҳо танҳо барои нафси бади худ аст, аз ҷумлаи муллоҳои он замона, шоирони маддоҳи тамаъкор, ки дар дарборҳои подшоҳону амирони ноинсоф беҳудагӯйӣ менамуданд ва қозиёни муфтхӯр мавриди танқиди ӯ

қарор гирифтаанд. Воқеан, ин мулоҳизаҳои шоир беасос набуданд, балки ҳақиқат доштанд, зеро ҳокимону подшоҳони замони ӯ золим, муллоҳо фиребгар, қозиҳо ришвахӯр буданду ясавулони подшоҳ ғайр аз калтакзании мардуми камбағали бечора кори дигаре надоштанд. Калимаи «титол» маънои «беҳудагӯйӣ ва пургӯйӣ»-ро дорад ва чи тавре ки А. Ҳабибов қайд намудааст, дар адабиёти форсии тоҷикӣ бо ин услуб каси дигаре шеър эҷод накардааст. Ин намуди ҳаҷвро ихтирои Ҳасрат шумурдан мумкин аст, ки шояд онро шоир аз эҷодиёти халқ гирифта бошад. Амирбек Ҳабибов дар ин хусус чунин мегӯяд: «Титол (ё ки татол) як навъи шеъри ҳаҷвиест, ки дар аввалҳои асри XIX пайдо шуда, дар эҷодиёти шоири Ҳисор Мирзо Ҳасрат дида мешавад. Пеш аз Мирзо вуҷуд доштани ин навъи шеърӣ ба мо маълум нест ва феълан намунаи дигари ин гуна ашъор ҳам ба мо дучор нагаштааст» [9, 214]. А. Ҳабибов таъкид кардааст, ки титол лақаби шоири масхарабоз ва ҳазлгӯйе будааст. Титол маънои ҳазлу мазоҳ, ширинкорӣ, ҳаҷви рӯпӯшонаро дошта, дар асри XIX як навъи ҳаҷвро ифода кардааст, ки ин ҳам танҳо дар ашъори Ҳасрат дида мешавад. Ҳасрат ба воситаи ин услуби аҷиб ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ба мавзӯи рӯз рӯ овардааст. Ошкоро мазаммат намудани шоир амалдорони замони худро дарак аз он медиҳад, ки Ҳасрат аз шоирони пешқадами замони худ буд.

Дар ашъори ҳаҷвии шоир, ки бо номи «титол» ном бурда шуд, ҳокимон, шайхон, муллоён, қозиёни судхӯр ва дигар гурӯҳи мардуми нобакоре, ки бе меҳнат аз ҳисоби халқи заҳматкаш рӯз мегузарониданд, танқид ва масхара карда мешуданд.

Ҳасрат кору бори ин гуна шахсонро масхараомез бошад ҳам, дуруст тасвир намуда, ҳатто ба қаҳрамонҳояш лақабу номҳои шинам интихоб мекард. Таъбири «титол» мазмуни сахт танқиду ҳаҷв намудани гурӯҳҳои муфтхӯр, шахсони доро, инчунин подшоҳони замонро дар бар мегирад. Ҳасрат дар «титол»-ҳояш бо тарзи суханронии ғайримаъмулӣ ва истифодаи калимаҳои ғайримуқаррарӣ ҷумлаву ибораҳо сохта, маънои калимаҳоро баръакси маънои луғавии онҳо ба кор мебарад.

Аз мазмуни шеърҳои масхараомези «титол»-ҳои Ҳасрат бармеояд, ки шоир нисбат ба мансабдорон ва подшоҳи он замон, нисбат ба муллоҳои тиҳимағз нафрати зиёд дорад. Шоир оташи қаҳру ғазаби худро бо роҳи титол бастан дар ҳаққи онҳо менишонд. Инчунин, муллотарошон ва шоиртарошонро, ки ғайр аз мадҳу ситоиши дурӯғу сохтакорона дигар машғулияте надоштанд, зери танқид қарор медод. Ӯ мулло ва шоиртарошонро «Домуллои кулӯлаи манаҳкашол» ва «Домуллои лаванди чобуксуол» лақаб гузоштааст. Нуқтаи ҷолиб ин ҷост, ки «титол»-ҳои Ҳасрат дар зоҳир қасидаи мадҳиро мемонанд, аммо маънии комилан манфиро доранд.

Ҳасрат аз номи Охунд Домуллои Кулӯлаи манаҳкашол (шояд ин шахс дар айёми зиндагии шоир домулло будааст) мадҳияе ба номи подшоҳ гуфтааст:

**Шаҳо, пайтобаи хар бар сарат тоҷи бақо бошад!**
**Ба поят риши лак-лак мӯзаи нашъу намо бошад!**
**Ба ҳар ҷониб барои баҳри ҷанги душман шавӣ муфсид, (?)**
**Мададгорат сагу пушту паноҳат гурбаҳо бошад!**
**Дароӣ, гар ба майдони далерон, аз паи шиддат,**
**Туфангу тирҳо аз пешу маргат аз қафо бошад!**
**Фитад, гар бар сарат мили шикори масхи ҷамшедӣ,**
**Самандат бемиёну тозият бедасту по бошад! [37, 71].**

Шакли дурусту шоиронаи зеби авроқи шоир бояд мисраи севум, ки вазнаш саропо хароб шудааст, ин тавр бошад:

**Ба ҳар ҷониб баҳри ҷанги душман гар шавӣ муфсид.**

Зеро дар мисраи нусхаи дастнавис калимаи «барои» зиёдатӣ омада, вазнро хароб кардааст.

Аз номи домуллои Лаванди чобуксуол низ шоир Ҳасрат мадҳияе ба номи подшоҳ гуфтааст:

**Эй шоҳ, фурӯғи остонат хишу биш,**
**Бар гардани ту канаб фитад ё гардиш!**
**Умри ту дароз бод, ҳамчун думи буз!**

**Пои ту шикаставу бубинӣ лағжиш! [37, 72].**

Мирзо Олимҷон зоҳидоне, ки зери ниқоби дину шариат ҳама гуна корҳои бад ва фисқу фуҷурро пардапӯшона иҷро мекарданд, хеле мазаммат намудааст. Ин нафарон зоҳиран худро диндор, парҳезкор, поквиҷдон нишон додаву дар асл теша бар решаи дин мезаданд. Динро восита намуда, ҳар гуна амалҳои зиштро содир мекарданд. Аммо ин гуна амалҳои ноҷавонмардонаи онҳо аз назари Ҳасрат барин шоирони пешқадам пинҳон намемонд. Дар асл онҳо риёкору фиребгар, қаллоб ва муфтхӯр буданд.

Ин гуна домуллоҳои фиребгар доимо аз қафои таърифҳои дурӯғин мегаштанд, то подшоҳро бо саногӯйиҳои бардурӯғ хурсанд карда, соҳиби инъом шаванд.

Шоир ҳаҷвро хеле устокорона гуфтааст, ки ин ҳам аз истеъдоди баланди ӯ гувоҳӣ медиҳад. Шоир аз забони худ шоҳро чунин «мадҳ» мекунад:

**Эй шоҳ фурӯғи давлати ту лаку пак!**

**Пайваста мададгори ту бошад хару саг!**

**Ҳар гоҳ шавад гуруснагӣ муставлӣ,**

**Хӯроки ту бод мушту зарби калтак!**

**Бинӣ ба кафи Раҷабалӣ буғурсоқ,**

**Созӣ даҳанат кушода мисли чалпак!**

**Дар ҳаққи ту ин дуо бигардад мақбул,**

**Албатта, зи ман мушту зи ту хекиртак! [37, 72].**

Оид ба баъзе нуктаҳои ин шеър чунин гуфтан мумкин аст, ки вазн хароб аст. Дар баъзе мисраҳо калимаҳо афтода ва дар баъзеашон баръакс калимае ё ҳиҷое афзудааст.

Шоир бо мақсади беҳтар шудани аҳволи мардум бо ҳаҷв аз мардуми мансабдор шикоят намудааст. Ҳасрат дар титолҳояш беҳимматии подшоҳони замон, ришвахӯрии қозиҳои даврро зери танқид гирифтааст. Шоир бар зидди муллоҳои фиребгару тамаъкор амал намуда, вайронии ахлоқи ин тоифа мардуми фиребгарро, ки ғайр аз duздӣ, порахӯрӣ,

хиёнаткорӣ ва дигар хислатҳои ғайриинсонӣ дигар коре надоранд, танқид намудааст.

Титол дар назари аввал як чизи бемаънӣ ба назар мерасад, аммо нек таҳаммул кунӣ он як воситаи хуби ҳаҷв ва роҳи хуби ислоҳи ҷомеаи инсонӣ аст. Амирбек Ҳабибов ин нуктаро зикр кардааст, ки то ба маънои он сарфаҳм рафтан дар назари аввал як чизи бемаъно ба назар мерасад, аммо дар асл мазмун ва ғояи хеле баланди киноявии танқидӣ дорад, ки бар зидди намояндагони ҳукмрон нигаронида шудааст.

Дар ҳолате ки мардум дар қашшоқиву бенавоӣ зиндагӣ мекунанд, муҳите, ки дар он ҷоҳилон давлатманданду донишмандон хору зор, шайхон риёкоранду сӯфиён муфтхӯру воизон дурӯғгӯ, шоир бемуҳобот аз муҳит дилгир шуда, бар зидди ин тоифа мардуми риёкору дурӯғгӯ бо танқиду ҳаҷвҳои реалистонааш ҳуҷум намудааст.

Замони зиндагии Ҳасрат аз зумраи замоне буд, ки шахсони боистеъдод доим зери таъқиби амалдорон ва ҳукуматдорони ҷоҳил қарор доштанд. Беҳтарин намояндагони адабиёти тоҷик, алалхусус шоиру нависандагони боистеъдоди кӯҳистон дар муҳтоҷиву қашшоқӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо аз ҷониби золимон таъқиб мешуданд. Баъзеи онҳоро пас аз марг ҳам осуда нагузошта, ашъору девонҳояшонро месӯзониданд ва бо ин алангаи оташи ҳасуди худро хомӯш мекарданд. Ашъори шоирон худ гувоҳи онанд, ки ин мардум дар зери бори гарони қашшоқиву камбағалӣ ва инчунин фишороварихои золимони замон умр ба сар мебаранд ва бесабаб аз толеи бади худ нолаву фиғон намекунанд. Дар ин маврид Амирбек Абибов менависад: «Агарчанде, ки адибон ва мутафаккирони пешқадам дар замони ҳаёташон таъқиб шуда, ба зиндону қатл гирифтор мешуданд, вале баъди вафоташон рӯҳониён кӯшиш мекарданд, ки эҷодиёти онҳоро ё пинҳон кунанд, ё тамоман несту нобуд созанд ва ё ба онҳо тобишҳои динӣ ва шарҳи нодуруст диҳанд» [9, 5].

Танқиди замон аз мавзӯҳоест, ки қариб дар ҳамаи ғазалҳои шоир бо ин мавзӯъ дучор шудан мумкин. Чӣ хеле дар боло зикр шуд, фикрҳои

танқиди замонии муаллиф ба тарзи пурра ва кушоду равшан дар титолҳои шоир инъикос ёфтаанд. Хушбахтии шоир маҳз дар озодии ӯст. Бо доштани озодӣ ӯ миёни дигарон шоистатар аст. Шоир ҳирсу тамаъ, ҷаҳолатпарастӣ, кибру ҳасад, дурӯғгӯйӣ ва монанди инҳо, инчунин дигар хислатҳои зишти инсонҳоро зери танқид қарор додааст. Шоир қайд мекунад, ки ин гуна хислатҳои зиштро, алалхусус мардуми сарватманд доро мебошанд, зеро сарчашмаи зулмро шоир дар ҳирсу сарватҷамъкунӣ мебинад. Ҳасрат бо мардуми мазлум ҳамовоз гардида, аҳли зулм ва инчунин амалдоронро мазаммат намудааст. Аммо ин амалҳои зишт аз ҷумлаи зоҳирбинӣ, дурӯғгӯйӣ, шикампарастӣ, мастӣ, бадахлоқӣ ва дигар амалҳои бад ҳарчи зиёдтар миёни мардуми сарватманд вусъат меёфт.

Инчунин, амирону ҳокимон кӯшиш бар он мекарданд, ки шоиронро ба дарбори худ ҷалб намоянд, то онҳоро мадҳу сано ва таърифу тавсиф кунанд. На танҳо шоирон, балки дабирону шахсони аҳли қалам низ ба дарбор хонда мешуданд. Чӣ тавре ки дар боби дувум, дар қисмати тарҷумаи ҳоли Мирзо Олимҷони Ҳасрат зикр шуд, вақте аз ҷониби ҳокими Ҳисор Сайидбий Мирзо Олимҷон ба дарбор кашида шуд, то вазифаи мирзогии дарборро иҷро кунад, падари ӯ Низомиддин розӣ намешавад, шояд ӯ аз хислатҳои бади дарбору дарбориён огоҳ буд. Падари шоир чун шахси бофарҳангу бомаърифат ва бовиҷдон ки буд, намегузошт, то писари ӯ лаганбардори ҳокимон шавад. Аммо аз руйи маълумотҳои бадастомада, маълум гардид, ки Сайидбий шахси фарҳангдӯсту заковатманд буд ва боре ҳам Олимҷонро барои навиштани мадҳияе маҷбур накардааст. Барои ҷалб намудани шоирону олимон то ҳадде миёни ҳокимон мубориза мерафтааст. Дар ин хусус А. Ҳабибов чунин мегӯяд: «Рафтори ҳокимони замон дар мавриди ба дарбори худ кашидани шоирон ва олимон беғараз набуда, балки дар ин бобат ҳам бо якдигар мубориза бурда, муқобилият нишон медодаанд» [9, 30]. Ин гуфтаҳо бар он далел буда метавонад, ки дар дарбори ҳар як ҳокими вилоятҳои Бухорои Шарқӣ аз ҷумлаи Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Зарафшон ва Дарвоз доираҳои адабӣ амал мекарданд.

Амирбек Ҳабибов дар асари «Доираҳои адабии Бухорои Шаркӣ» ин нуктаро зикр кардааст, ки баёзу дастнависҳои шоироне, ки доим баҳри адолат мубориза мебурданд, аз дасти ҳокимони ҷоҳил несту нобуд карда мешуданд.

Ҳасрат бо «титол»-ҳояш чаласаводону золимони даврро зери танқид гирифтааст. Разолати мансабдорони ҷоҳилро рӯйирост фош намудааст.

Масъалаи танқиди кирдори зишти зулмпешагони замон дар ашъори қариб ҳамаи шоирони замони Ҳасрат ба чашм мерасад. Ҳирси пулу мол ва ҷоҳу мансаб зиёдтар дар миёни ҷомеа аз ҷониби амирону ҳокимон ба чашм мерасид. Ҳасрат аз он, ки мардуми фосиқ ва сифлагон бо фахру ғурур айш меронанду рӯзи равшанро ба мардуми камбағалу бечора сиёҳ мекунанд, онҳоро ба аҳриман монанд кардааст. Дар тасвири шоир дар замони ӯ «**<u>мӯҳри иззат</u>**» ба дасти Аҳриман аст:

**Саропо ҳайратам аз гардиши ин чархи миноӣ,**

**Ки муҳри ҳотами иззат ба дасти Аҳриман дорад [20, 53].**

Ҳасрат дар ғазали зерин худро кулфатзадаи роҳи расидан ба мурод шуморидааст:

**Кулфатзадаам, соғари ишрат кию ман кӣ?**

**Ранҷури ғамам, бистари роҳат кию ман кӣ?**

**Дар маснади хории ҷаҳон садрнишинам,**

**Искандари фақрам, ғами давлат кию ман кӣ? [20, 133].**

Инчунин, тахаллус гузоштан ба худ низ як воситаи ифодаи аҳвол буд. Шоирон ба аҳволи бади моддӣ ва маънавии худ мувофиқ тахаллус интихоб мекарданд. Ба худ «Ҳасрат» тахаллус гирифтани Мирзо Олимҷон низ беҳуда нест. Ӯ аз сабаби ҳаёти пурҳасрат доштани худ ин тахаллусро ба худ гирифтааст. Оид ба тахаллуси шоир Абдусалом Деҳотӣ чунин гуфтааст: «Беҳуда нест, ки вай барои тахаллуси шоирии худ калимаи «ҳасрат» - ро аз ҳама мувофиқтар ёфтааст» [8, 301]. Ё ки Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Туҳфат-ул-аҳбоб» - и худ чунин мегӯяд: «Ашъори ошиқонаи ҳасратангезу дардомез дорад» [48, 55].

Аз ин гуфтаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки шоир ҳаёти пурҳасратро аз сар гузаронидааст ва аз ашъори шоир аён аст, ки тахаллуси интихобкардаи шоир пурҳасратӣ ва норозигии ӯ нисбат ба замонаш буд.

Аз титолҳои Ҳасрат чунин бармеояд, ки маҳз ҷаҳолату вайронии ахлоқи табақаи ҳукмрон боис гардидааст, ки шоир бо сухани талх ва сахту тунд ин тоифаро зери танқид гирифтааст. Ба ақидаи шоир дар ин рӯзгори бӯқаламун кулфат насиби инсонҳосту зоғу заған ва аҳримансириштон дар айшу ишратанд. Пораи зер тақвиятгари андешаи болост:

**Дастам намерасад ба гиребони орзу,**

**Зоғон хӯранд меваи шохи баландро.**

**Кулфат насиби мост, ту Ҳасрат, чӣ мекашӣ?**

**Оҳему нолаему фиғонем бандро [51, 46].**

Шоир хеле барҳақ гуфтааст, ки маҳз мардуми дурӯяву чоплус, хушомадгӯву мадҳгӯ соҳиби мартабаву вазифаҳои баланд мешаванд. Инсоне, ки дасткӯтоҳ аст, орзуҳояш дар дил боқӣ мемонад. Қозиҳои муфтхӯр, ки доим тарафдори шахсони риёкору ишратпараст ҳастанду мудом аз пайи ҷабру ҷафои мардуми камбағал буданд, аз танқиди шоир дур намондаанд.

Ҳасратро яке аз намояндагони пешқадам, фаъол ва пурҷасорати он даврон ҳисобидан мумкин аст, зеро дар ашъораш масъалаҳои доғи замонашро тасвир кардааст. Шоир бояд ҳамин гуна бошад, яъне, бояд инъикосгари дарди замона, на ин ки бо шеърҳои пуч доим чун сагон аз пайи устухон бошаду мудом саргарми мадҳу санои мансабдорони мардумозор бошад.

Расул Ҳодизода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» ин нуктаро чунин овардааст: «Гурӯҳи севум шоироне, ки ба адабиёти дарборӣ ва доираи арбоби давлат мансуб набуданд, аз қабили Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Ирсӣ, Ширин, Савдо, Аъраҷ, Афқар ва ғайра. Аксари ин шоирон фазлу дониши баркамол доштанд, аммо дар қашшоқиву мӯҳтоҷӣ мезистанд. Ашъоре, ки Возеҳ аз ин шоирон намуна

меорад, мазмуни шикваю танқиди замонро дорад…» [84, 27]. Шикоят аз замону аз зулм яке аз мавзӯъҳои марказии эҷодиёти шоирони ин давра, яъне асри XVIII ва XIX ба ҳисоб меравад.

Хулоса, Ҳасрати Ҳисорӣ як шоири пешқадами исёнгар дар ашъораш аз муҳимтарин масъалаҳои доғи замонаш, монанди ҷабру зулми ҳокимон, хории аҳли илму ҳунар, беимонии рӯҳониён, костагии ахлоқ, мурдани адлу дод сухан гуфта, ҳокимони замон ва дигар амалдоронро сахт танқид намудааст. Ашъори танқидии шоир ӯро ба сифати як шоири дардошно, исёнгар ба муқобили зулму ситам ва ҳимоятгари мардуми мазлум пеши назари хонанда ҷилвагар месозад.

### 3.4.Хусусияти бадеии ашъори Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ

Чи тавре ки дар боло зикр рафт, Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ шоири ғазалсарост ва қисмати зиёди ашъори ӯро ғазал фаро гирифтааст. Ғазал яке аз навъҳои маъмултарини адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Мирзо Олимҷонро яке аз шоирони пешқадами садаи XVIII ва XIX-и адабиёти тоҷик аст, ки суннатҳои адабии шоирони пеш аз худро устодона идома дода, дар тасвири баъзе масоили доғи замона навоварӣ дорад.

Мирзо Ҳасрат ғазалҳои хуби ошиқонаву орифона дорад: «Суханшиносони қадим ғазалро дар луғат ба маънии ишқбозӣ ва сухан гуфтан бо занон донистаанд, зеро он бештар барои баёни аҳволи дарунии шоир, розу ниёзҳои ошиқона ё афкори орифонаву фалсафӣ ва иҷтимоӣ ба кор рафтааст» [97, 154]. Ин навъи шеърӣ дар охирҳои садаи XI ва аввали садаи XII ривоҷ ёфтааст.

Ду навъи ғазалсароӣ миёни шоирони форсу тоҷик маъмул буд, яке ғазалҳои ошиқона ва дигаре ғазалҳои орифона. Ин анъана то миёнаҳои садаи XIII давом ёфт, яъне ғазалҳои ошиқона ва орифона дар шаклҳои алоҳида суруда мешуданд. Сипас, ҳар ду навъи ғазал ба ҳам омезиш меёбанд ва шоирон ба ҳар ду навъи ғазал қувваозмоӣ менамоянд. Дар ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ ин ду навъи ғазал ба чашм мехурад, яъне ҳам ғазалҳои ошиқона ва ҳам орифона дар ашъори шоир мушоҳида мешаванд.

Забони шеъри Ҳасрат хеле ҳам содаву равон аст ва хонандаи шеъри ӯ ба хубӣ мақсади шоирро дарк менамояд. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки шоир барои беолоишу тоза нигоҳ доштани забони тоҷикӣ як дараҷа кӯшиш ҳам кардааст. Сабку услуби ашъори шоир низ хоси табъи худододаи ӯ мебошад. Мирзо Олимҷони Ҳасрати Ҳисорӣ пайрави сабки бедилист ва шеърҳои хубе дар ин сабк гуфтааст. Чун дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Афғонистон «сабки бедилӣ» ё «сабки ҳиндӣ» шуҳрат ёфт, аҳли адаби кишварҳои форсизабон ба ин сабк зиёд таваҷҷуҳ карданд. Меҳру муҳаббат ва алоқамандӣ нисбат ба «сабки бедилӣ» то ба асрҳои

XVIII–XIX миёни шоирон хеле дар авҷ буд. Мирзо Ҳасрат, ки яке аз шоирони охирини аҳди классик ба шумор меравад, дар ин сабк моҳирона қувва озмуда, яке аз намояндагони «сабки бедилӣ»-и ин давра маҳсуб меёбад:

**Биё, эй чашми мастат соғари лабрези машрабҳо,**

**Хами зулфи каҷат шерозаи девони мазҳабҳо.**

**Зи баҳри ноумедӣ раҳ ба соҳил метавон бурдан,**

**Ба пои ҷунбиши мавҷи муҳиту хуни матлабҳо [20, 26].**

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ғазали машҳуре дорад, ки қариб дар ҳамаи он сарчашмаҳое, ки дар бораи шоир маълумот додаанд, он ғазалро намуна овардаанд:

**Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,**

**Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо [20, 25].**

Гумон меравад, ки Ҳасрат ғазали болоро дар истиқболи ғазали зери Соиб сурудааст:

**Зи хирман сулҳ кун бо донае аз дурбиниҳо,**

**Ки месозад забони барқ кӯтаҳ хӯшачиниҳо [33, 65].**

Ҳасрати Ҳисорӣ ба Абдураҳмони Ҷомӣ низ такя намуда, мухаммасе бар ғазали ӯ офаридааст. Инчунин, ин ҷо байтеро барои мисол меорем, ки ҳамин маънӣ дар ғазали Ҳасрат пай бурда мешавад. Байти зерин аз ғазали Ҷомӣ ин аст:

**Мазан бар кухнадалқи дурднӯшон, зоҳидо, таъна,**

**Ки дар кӯйи муғон ҳастанд садророи маҳфилҳо [4, 247].**

Тасвири ба ҳамин монанд дар ашъори Мирзо Олимҷон низ дида мешавад. Ин дарак аз он медиҳад, ки Мирзо Ҳасрат аз ашъори ҳамаи шоирони аҳди классик хабардор буда, дар ғазалҳояш аз шоирони машҳури ин аҳд пайравӣ кардааст.

**Худоро, хонақоҳи кӯҳнаву софӣ ба риндон деҳ,**

**Ки айвонҳо бисозанду биёроянд маҳфилҳо [20, 113].**

Ҷойи дигар Ҷомӣ чунин гуфтааст:

**Надонам, к-аз кадомин парда зад ҳодӣ наво, к-имшаб**

**Зи гулбонги ҳадӣ сайри дигар доранд маҳмилҳо [4, 247].**

Ҳасрат ҳамин маъниро ба ин тарз овардааст:

**Агар бо мири маҳмил рамзе аз дайри муғон гӯям,**

**Ҷарас бикшояду ноқус барбандад ба маҳмилҳо [20, 113].**

*Байти Ҷомӣ:*

**Дар ин гирдоби ғам киштии май аз каф манеҳ, Ҷомӣ,**

**Ки натвон ҷуз бад-ин киштӣ гирифтан роҳи соҳилҳо [4, 247].**

*Байти Ҳасрат:*

**Ба ёди шарту саъйи худ, муаллим, дил мабанд, акнун**

**Ки аз туғёни дарё дар таҳи об аст соҳилҳо [20, 113].**

Бад-ин оҳангу ба ин маънӣ Ҳилолӣ низ чунин ғазал дорад:

**Зи тӯфони сиришки худ ба гирдобе гирифторам,**

**Ки умри Нӯҳ агар ёбам, набинам рӯи соҳилҳо [14, 18].**

*Ғазали Ҷомӣ:*

**Хушо масте, ки ҳушёр аз ҳарам хезад аз он фориғ,**

**Ки буд андар миён роҳу андар роҳ манзилҳо [4, 247].**

*Байти Ҳасрат:*

**Мисоле гӯямат омисифат, бардор аз он маънӣ,**

**Ҷамоли Каъба натвон дид, тай нокарда манзилҳо [20, 113].**

Ногуфта намонад, ки ғазалҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ дар пайравии Ҳофизи Шерозӣ суруда шудааст:

**Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,**

**Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо?! [44, 31].**

*Байти Ҳасрат:*

**Ту Афлотундилӣ, андешаи чин бар ҷабин мафган,**

**Дар он водӣ, ки ҷуз ҳасрат надонам ҳалли мушкилҳо [20, 113].**

*Байти Ҳилолӣ:*

**Ман аз хубон басе ғамҳои мушкил дидаам, лекин**

**Ғами ҳиҷрон бувад мушкилтарини ҷумла мушкилҳо [14, 18].**

Ин гуна намунаҳо дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ зиёданд.

Ғазали дигареро ин ҷо намуна меорем, ки шоир дар пайравии Абдулқодири Бедил сурудааст.

*Байти Бедил:*

**Зи бас файзи саҳар меҷӯшад аз гарди саводи дил,**

**Ҳама гар шаб шавӣ, рӯзат намегардад сиёҳ он ҷо [2, 31].**

*Байти Ҳасрат:*

**Гар аз бори надомат пушти андӯҳи дуто дорӣ,**

**Машав ғамгин, нагардад субҳи маъюсӣ сиёҳ он ҷо [20, 27].**

*Байти Бедил:*

**Хушо базми вафо, к-аз хиҷлати изҳори навмедӣ**

**Шарар дар санг дорад парфишониҳои оҳ он ҷо [2, 31].**

*Байти Ҳасрат:*

**Биё, бардор хок аз тӯдаи Ҳасрат, ки кор ин аст,**

**Фиристон тӯшаи мақсуди худ бар дӯши оҳ он ҷо [20, 27].**

Дар ашъори Ҳасрат ғазалҳои зиёде ҳастанд, ки ба ғазалҳои шоирони гузашта ҳамвазну ҳамқофия ва ҳамрадиф ҳастанд. Дар боло низ чанде аз ин мисолҳоро овардем. Масалан, дар ин байти ғазали Ҳилолӣ радифи «**карду рафт**» омадааст, яъне дар ин ҷо радиф аз ду калима иборат аст. Ҳасрат дар ин радиф низ ғазале дорад, ки ин ҷо барои тақвияти фикр меорем:

*Байти Ҳилолӣ:*

Гар дил аз дастам ба ғорат бурд, чандон бок нест,

Ғорати дил саҳл бошад, ғорати ҷон **карду рафт** 14, 39].

*Байти Ҳасрат:*

Бо адоҳо дил рабуд аз мову тарки мо гирифт,

Дар тариқи дилрабоӣ беадоӣ **карду рафт** [20, 46].

Мазмуни байти аввали ғазали Ҳилолӣ ғорати дил аст ва дар байти ғазали Ҳасрат низ ҳамин маънӣ ифода ёфтааст, яъне рабудани дил.

Дар дами рафтан Ҳилолӣ ҷон ба дасти дӯст дод,

Ним ҷоне дошт, он ҳам сарфи ҷонон **карду рафт** [14, 39].

Он ҷоне, ки Худованд ба ӯ амонат дода буд, ба ҷонон бахшид. Аммо дар ғазали Ҳасрат ин саҳна баръакс нишон дода шудааст.

Ҳамчу Ҳасрат аз барои ӯ дуои офият,

Ҷони муштоқ аз дари дилҳо гадоӣ **карду рафт** [20, 46].

Дар ғазалҳои Мирзо Олимҷони Ҳасрат ибораву вожаҳое истифода шудаанд, ки дар забони гуфтугӯии мардум ба кор мераванд.

Яке аз хусусиятҳои ашъори Ҳасрат калимоти забони зиндаи халқ ва ташбеҳоти тоза аст. Гарчанде Ҳасрат аз пайравони сабки ҳиндист, ин амал, яъне, корбурди калимоту ибораҳои халқӣ ва ташбеҳоти табиӣ забони шеъри ӯро содаву равон ва оммафаҳм кардааст. Масалан, дар байти зер корбурди вожаи «**лоша**» ва ибораи «**мӯри ланг**» хеле табиӣ афтодааст:

Ҳама чобуксаворон рафта бо ёрон пайвастанд,

Ба ҷуз Ҳасрат, ки ин ҷо лошае чун **мӯри ланг** омад **[51, 43].**

Ташбеҳи чашми сиёҳи маъшуқа ба "**кофари шаҳри Фаранг**", ки сияҳпӯш аст:

Ду чашми шӯхи онро бин, ки баҳри куштани ошиқ,

Сияҳ пӯшида, гӯё **кофари шаҳри фаранг** омад [51, 43].

Аз он ҷо ки Ҳасрат зиндагии пур аз дарду ранҷ дошту кулфатҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст, калимаву ибороти мардум ба дарду ғам дар ашъори ӯ зиёд ба кор рафтаанд. Корбурди ин гуна калимоту ибораҳо ҳангоми баёни мавзӯи ишқ, алалхусус тасвири ҳоли ошиқ хеле муносиб афтодааст. Чунончӣ, калимоту ибороти "**ғариб**", "**бенаво**", "**бахти бад**", "**танҳонишин**", "**меҳнасаро**" дар байти зер:

Аз **бахти бад ғариб** шудам, **бенаво** шудам,

**Танҳонишини** гӯшаи **меҳнатсаро** шудам [20, 80].

Шоир дар ғазалҳояш аз бахти бад зиёд шиква намудааст. Масалан, дар байти зерин ибораи «**<u>бахти бад</u>**»-ро чунин овардааст:

Аз **<u>бахти бад</u>** ғариб шудам, бенаво шудам,

Танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро шудам.

Аз хоки остони ту, эй бахти номурод,

То эътибори худ талабидам чиҳо шудам [20, 80].

Мирзо Ҳасрат дар ин ҷо ибораи «**<u>бахти бад</u>**»-ро хеле дуруст истифода карда, на танҳо мушкилоти иҷтимоии ҷойдоштаи худ, балки ҳазорон мардуми дигарро баён кардааст ва ин садои дили ба сахтиҳо гирифторшудаи мардумони бенаво аст. Шоир мегӯяд, ки аз бахти бад «**<u>танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро</u>**»-ву ғарибу бенаво гардидаам. Ҳасрат дар байти дувуми ин пораи шеърӣ ба ҷойи ибораи «**<u>бахти бад</u>**» ибораи дигари «**<u>бахти номурод</u>**»-ро истифода намуда, шиддати сухани эътирознокашро меафзояд:

Аз хоки остони ту, эй бахти номурод, то эътибори худ талабидам чиҳо шудам. Яъне, ман аз «**<u>хоки остони ту</u>**» «**<u>эй бахти номурод</u>**», ки маро ба муроди дилам нарасонидӣ, эътибору арзиши худро талаб кардам, аммо чизе нагирифтам. Ман, мегӯяд шоир эътибору арзиши инсонии худро талаб карда, боз ба мушкилиҳои навбатӣ мувоҷеҳ гардидам.

Дар ашъори ҳамаи шоирон ин ибора васеъ истифода шудааст, зеро шикоят аз бахти бад масъалаи ҳама давру замон маҳсуб меёбад. Масалан, дар ашъори Ҳаким Саноӣ ҳамин ибора истифода шудааст:

Ҳарчанд зи **<u>бахти бад</u>** ба дардам,

Ҳарчанд ба чашми халқ хорам.

Бо рӯду суруду бодаи ноб,

Айёми ҷаҳон ҳаме гузорам [43, 191].

Дар яке аз ғазалҳои Мирзо Олимҷони Ҳасрат ибораи нави “**<u>зебописар</u>**”истифода шудааст, ки дар адабиёт вожаи нисбатан нав аст. Масалан, ин вожа дар байти зер ба маънии маҳбуба омадааст:

Дӯш он **зебописар** омад ба қасди ҷони ман,

Теғи заҳролуд дар каф аз паи қурбони ман [20, 89].

Маъшуқа аз нигоҳи Ҳасрат омода аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ ошиқро бо теғи заҳролуд, ки дар каф гирифтааст, қурбон кунад, аммо ин сухани сахти маъшуқа як навъ баёни дили сахткӯши ӯст. Вожаи «**зебописар**», ки ба маънои маҳбуба ё маъшуқа дар ин байт истифода мешавад, воқеан калимаи сохтаи шоир аст, ки дар ин байт ва дар маҷмӯъ дар ғазал бори маъниро мекашад ва дар ин байт вожаи калидӣ аст. Дар ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ин чизи тоза аст.

Аз ин байтҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шоир дар ғазалҳояш тасвирҳои хуби шоирона дорад ва маҳз ҳамин тасвирҳои тоза шоирро миёни дигар шуаро муваффақ мегардонад. Шоир дар эҷоди ҳама навъи шеърӣ чӣ ғазал ва чӣ мухаммас муваффақияти калон ба даст овардааст. Ҳасрат шоири зебобаён, хушгуфтор ва нодирбаёнест, ки бо ашъори арзишмандаш миёни шуарои ҳамасраш яке аз муваффақтарин шоир арзёбӣ шудааст. Аз ин рӯ, Мирзо Олимҷонро тазкиранависон ҳамчун шоири беҳтарини қарни худ ҳисобидаанд. Як бозёфти хуби шоир дар «Титол»-ҳои ӯст, ки дар ашъори дигар шуаро ин гуна навъи бадеият дида намешавад. Ин ҳам яке аз дастоварҳои шоир маҳсуб меёбад.

Ҳунари шоир дар ашъори ба унвони “титол” сурудааш бештар ҳувайдост. Корбурди вожаву иборaҳои халқӣ дар он фаровон ба кор рафтааст. Таъбироте амсоли “**лаку пак**”, “**хару саг**” нафрати беандозаи шоирро ба ин тоифаи муфтхӯр медиҳад:

Эй шоҳ фурӯғи давлати ту **лаку пак!**

Пайваста мададгори ту бошад **хару саг! [37, 22].**

Иборaҳои **«пайтобаи хар», «риши лак-лак»** аз ҷумла аст, ки оҳанги танзи шоирро пурқувват кардааст:

Шаҳо, **пайтобаи хар** бар сарат тоҷи бақо бошад!

Ба поят **риши лак-лак** мӯзаи нашъу намо бошад! [37, 71].

Гарчанде Ҳасрати Ҳисорӣ аз пайравони сабки бедилист, аммо дар муқоиса бо шоирони ин сабк забони содаву равон дорад. Далели ин гуфта ашъоре мебошанд, ки пайравӣ аз ғазалҳои Бедил сурудааст. Нахустғазали девони Бедил, ки бо байти зер оғоз мешавад:

**Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлӯи аҷз аст роҳ он ҷо,**

**Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо[2, 160].**

Ҳасрат дар истиқболи ғазали Бедил, ғазали зерро сурудааст:

**Дар ин ҷо хӯ ба меҳнат кун, ки ёбӣ дастгоҳ он ҷо,**

**Бипаймо водии дашти адаб, бишкан кулоҳ он ҷо [6, 27].**

Муқоисаи ин ду ғазал нишон медиҳад, ки ғазали Ҳасрат аз лиҳози ҳунар ба ҳеҷ ваҷҳ ба пояи ғазали Бедил намерасад, аммо нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки Ҳасрат дар айни пайравӣ ва корбурди калимоту таъбироти ғазали Абулмаонӣ забони содаву равон дорад. Хонанда дар дарки ғазали Бедил душворӣ мекашад, аммо маънии шеъри Ҳасратро ба осонӣ мефаҳмад.

Дар маҷмӯъ Ҳасрат идомадиҳандаи суннатҳои адабии адабиёти классикӣ аст. Ҳасрат ба шоирони бузурги гузашта пайравӣ намуда, табъи худро бо шеъри баланд озмудааст. Аз ҷумла овардани ду қофия дар ҳар байт, ки онро "зулқофиятайн" мегӯянд ва шоирон бештар барои нишон додани ҳунар ба ин кор даст задаанд, дар ашъори Ҳасрат низ ба назар мерасад:

**Оламе равшан шуд аз ҳиҷрони он рафтор тор,**

**Вақти ёрӣ омад, эй мижгони гавҳарбор, бор [6, 70].**

Бояд зикр кард, ки ин ғазали Ҳасрат дар пайравӣ ва истиқболи ғазали шоири машҳури асри XIV Дарвеш Носири Бухороӣ суруда шудааст. Ҳар ду ғазал дар як вазн (рамали мусаммани маҳзуф – v--/-v--/-v--/-v-)-у қофия суруда шудаанд. Ғазали Носири Бухороӣ бо матлаи зер оғоз мешавад:

**Гар шавад бо ман зи лутф он махрухи айёр ёр,**

**Нахли уммеди ман орад дар ҷаҳон ин бор бор [8, 419].**

Ҳасрат дар ин ғазали ҷавобӣ дар тасвирорӣ низ ба Носири Бухорӣ пайравӣ кардааст. Носир мегӯяд:

**Бодаро хуни ҷигар аз лаъли нӯшинаш мудом,**

**Лолазор афканда дар дил аз рухи гулнор нор [8, 419].**

Ҳасрат мегӯяд:

**Бе маи майгун, эй золим ба базми майкашон,**

**Ҷоми биногашта миҷмар бодаи гулнор, нор [6, 70].**

Шоири ҳамасри Ҳасрати Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ низ бо ҳамин вазну қофия ғазале дорад:

**Эй зи мо бегонаи пайваста бо ағёр ёр,**

**Тири ҳаҷрат карда моро дар дили афгор кор [37, 222].**

Аз хусусиятҳои дигари ашъори шоир корбурди калимаву иборaҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ мебошад, ки бештар дар титолҳои шоир ба назар мерасад. Ибораву таъбирҳои "**пайтобаи хар**", "**риши лак-лак**", "**мӯзаи нашъу намо**" ва монанди инҳо аз ҷумлаи онҳост:

Шаҳо, **пайтобаи хар** бар сарат тоҷи баќо бошад!

Ба поят **риши лак-лак мӯзаи нашъу намо** бошад!

Ба ҳар ҷониб баҳри ҷанги душман гар шавӣ муфсид,

Мададгорат сагу пушту паноҳат гурбаҳо бошад [10, 71].

Аз мушаххасоти дигари шеваи ашъори Ҳасрат ин аст, ки баъзе абёти ӯ чун зарбулмасал машҳур гаштаву вирди забони мардуманд ва камтар касе медонад, ки он офаридаи табъи Ҳасрати Ҳисорӣ аст.

Аз ҷумла:

**Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,**

**Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо [6, 25].**

Хулоса, Ҳасрати Ҳисорӣ суннатҳои адабии адабиёти классикиро идома дода, масоили доғи замони худро дар ашъораш тасвир намудааст. Гарчанде Ҳасрат аз пайравони сабки бедилист, аммо нисбат ба шоирони ин сабк забони содаву равон дорад.

## ХУЛОСА

Аз омӯзиши мавзӯи рисола мо ба хулосаҳои зерин расидем:

1. Водии Ҳисор дар гузашта дар Аморати Бухоро яке аз минтақаҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар ин ҷо дар марҳалаҳои гуногун шоирону адибони зиёд зиндагиву эҷод кардаанд, ки намунаҳои эҷодиёти ин шоирон дар шакли девон ва дар дохили баёзу ҷунгҳои мухталиф то замони мо расидаанд.

2. Рӯзгору осори аксари шоирони минтақаҳои кӯҳистони Бухорои Шарқӣ ва водии Ҳисор то кунун ба таври монографӣ омӯхта нашуда, дар асарҳои тадқиқотӣ, ки ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи адабиёти ин ҳавзаҳо бахшида шудаанд, доир ба рӯзгору осор ва баъзе паҳлӯҳои ашъори ин шоирон маълумоти кам дода шуда, ба таҳқиқ ниёз доранд.

3. Дар водии Ҳисор доираҳои адабии маҳаллӣ фаъолият доштанд ва шоирону адибони маҳаллиро ҷамъ оварда буданд, ки аз миёни онҳо шоирони хуб ва адибони хушзавқ ба воя расидаанд. Қисми зиёди ин шоирон аз миёни мардуми ҳунарманд, яъне косибон, деҳқонон ва бофандагон буданд, ки дар баробари пеш бурдани фаъолиятҳои шахсӣ ба корҳои эҷодӣ машғул гардидаанд ва офаридаҳои эшон аз ҳунари хуби шоириашон гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд ашъори ин шоирон оҳангҳои халқӣ дорад, аммо аз нигоҳи бадеият ва ҳунари шоирӣ орӣ нестанд. Дар нимаи охири асри XVIII ва аввали садаи XIX дар доираи адабии Ҳисор шоирон Парии Ҳисорӣ, Мавзун, Ирсии Ҳисорӣ, Комил, Банда, Ғамгин, Муҳаммадшариф, Карим-Девона, Мискини Шоҳонӣ ва Фориғ зиндагиву эҷод кардаанд, ки дар маҷмӯъ дар инкишофи адабиёти ин давраи тоҷикӣ саҳми арзанда доранд.

4. Баррасии мавзӯи мавриди таҳқиқ нишон дод, ки Ҳасрати Ҳисорӣ аз шуарои тирози аввали водии Ҳисор буда, дар рушди адабиёти тоҷик дар ин водӣ саҳми босазо дорад.  Зиндагӣ ва фаъолияти адабии ӯ дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX рост меояд. Аз миёни шоирону адибони водии Ҳисор қисме ба дарбори ҳокимони маҳаллӣ ва Аморати

Бухоро ҷалб шуда, барояшон ашъори мадҳиявӣ гуфтаанд ва бархе хидмати дарборро қабул накарда, мустақилона ба корҳои эҷодӣ машғул гардидаанд, ки Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ (1796-1832) аз ҷумлаи яке аз шоирони боном ва ҳунарманд мебошад, ки бо шеъри хуб ва сухани ҳадафмандаш дар миёни шоирони доираи адабии водии Ҳисор мақоми шоиста дорад.

5. Аз ахбори сарчашмаҳо, маълумоти донишмандон ва алалхусус ашъори шоир бармеояд, ки Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ (1796-1832) зода ва парвардаи водии Ҳисор буда, дар Бухоро таҳсили илм кардааст. Баъд аз хатми мадраса ба ватанаш бармегардад ва бо ҳунари мирзогию хаттотӣ рӯз мегузаронад. Шоир зиндагии пурмусибатро аз сар гузарнида, ба касалии барас гирифтор мешавад ва дар синни 36-38 солагӣ, эҳтимолан дар байни солҳои 1830-32 аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Аммо дар ин умри кӯтоҳи худ тавонистааст, осори хубу дилнишине эҷод кунад ва мақоми шоистаи хешро дар миёни шоирон пайдо намояд. Ӯ ҳунари хаттотиро хуб омӯхта, дар дарбори ҳокими Ҳисор Сайидбий котибӣ низ кардааст ва тахаллуси Мирзо (котибӣ)-ро аз ҳамин ҷо гирифтааст. Аммо тахаллуси дигари ӯ – Ҳасрат аз рӯзгори нобасомон ва зиндагии сангинаш аст.

6. Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ худаш девони ашъорашро тартиб додааст, ки ин нукта аз ашъори ӯ ҳувайдост. Баъд аз вафоти шоир бо фармони ҳокими Ҳисор Сӯфибий девони шоир нобуд карда мешавад. Аз муқоисаву муқобалаи нусхаҳои гуногуни ашъори шоир, баёзу ҷунгҳо ва тазкираҳову маҷмӯаҳои шеърӣ 93 ғазал, 21 мухаммас, 1 мусаддас, 1 маснавӣ, 2 рубоӣ, порчаи манзуми “титол” дастрас гардида, ҳамагӣ 1146 байтро ташкил медиҳад. Илова бар ин 2 порчаи мансури омехта ба назми “титол” ва 1 ғазал, 1 рубоӣ ва 1 мухаммас ба забони ӯзбекӣ ба Ҳасрат нисбат дода шудааст, ки моли ӯ буданашон аз эҳтимол дур нест. Назари интиқодӣ нисбат ба ашъори нашршудаи шоир нишон медиҳад, ки ашъори ин шоири ширинкалом ниёз ба нашри интиқодӣ дорад. Девони ашъори Ҳасрат асосан аз жанрҳои хурди лирикӣ – ғазал,

мухаммас, мусаддас, қитъа, байтҳои ҷудогона ва жанри алоҳидае бо унвони «титол» ё «татол», ки навъи шеърии ҳаҷвии фолклорӣ мебошад, ва бо забонҳои омехтаи тоҷикиву ӯзбекӣ эҷод гардидааст, фароҳам омадааст. Ҳасрат бештар дар сурудани ғазал ва мухаммас дасти тавоно доштааст, ки ғазалҳои ӯ дар пайравӣ аз шоирони классик, аз ҷумла, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва Мирзо Сойиби Табрезӣ эҷод гардидаанд. Аммо ин пайравии Мирзо Ҳасрат пайравии муқаллидона набуда, пайравии эҷодкорона мебошад, ки намунаҳои зиёди чунин ашъори шоирро мо дар рисола баррасӣ ва таҳлил кардаем.

7. Аз лиҳози мазмуну мундариҷа ашъори Ҳасрат ҳама баёнгари ҷаҳонбинӣ ва ақоиди ирфонию ороиҳои шоиронаи ӯянд. Баррасии ғазалиёти шоир нишон дод, ки Ҳасрати Ҳисорӣ дар эҷоди он аслан суннати ғазалсароии шуарои гузаштаро идома дода ва аз лиҳози сабки шеърӣ пайрави сабки ҳиндист. Ашъори Ҳасрат дорои мавзӯъоти мухталифанд, вале моя ва муҳтавои онро ишқ ташкил медиҳад. Дар ашъори Ҳасрат  аз ду ишқ сухан меравад, ишқи ҳақиқӣ-илоҳӣ ва ишқи маҷозӣ-инсонӣ. Ҳасрат мисли шоирони бузурги гузаштаи худ бар он андеша аст, ки камолоти рӯҳӣ ва маънавии инсон танҳо дар партави ишқ ба вуҷуд меояд. Яъне ишқ олитарин василаи таҳаввулу такомули рӯҳи инсон аст. Маҳз ба туфайли ишқ аст, ки  инсон ашрафи махлуқот гардид ва бар олами малакут, фариштагон бартарӣ ёфт. Дар ғазалҳои ошиқонаи Мирзо Ҳасрат ду образи лирикӣ – ошиқ ва маъшуқ фаъолият доранд, ки ҳадафҳои эҷодии шоирро муайян мекунанд. Дар ғазалҳои ошиқонаи шоир, ошиқ ба маъшуқа роз мегӯяд ва аксар вақт маъшуқи сангиндил розҳои ошиқро намешунавад. Ҳасрат дар аксари ғазалҳояш исми тахаллусро овардааст. Ғазалҳои Ҳасрат асосан аз панҷ ва ҳафт байт иборатанд, ки намунаи хуби ғазалҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ низ чунин миқдор доранд. Дар сурудани ғазал Мирзо Ҳасрат шеваи эҷодкориро пеш гирифта, кӯшиш намудааст, ки мазмуну

мундариҷаи ғазалҳояш тозаву нав бошанд ва ӯ ба ин ҳадафи эҷодии худ муваффақ гардидааст.

8. Мирзо Ҳасрат дар эҷоди мухаммас низ аз шоирони муваффақ аст, ки намунаҳои зиёди мухаммасҳои таълифӣ ва тазминӣ аз ӯ то замони мо расидаанд. Шоир ба ашъори шоирони машҳур Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Калими Кошонӣ ва Абдулқодири Бедил мухаммас бастааст. Мухаммасҳои шоир дар мавзӯъҳои ишқӣ, иҷтимоӣ ва ҳасбиҳолӣ гуфта шудаанд. Шоир ҳамчун фарзанди замони худ нобасомониҳои рӯзгорро дида кӯшиш намудааст, то ба мухотабони худ дар мухаммасҳояш низ мушкилоти иҷтимоиро бозгӯи кунад. Ҳарчанд шоир дар гуфтани мухаммас ба қолабҳои суннатӣ пайравӣ кардааст, вале дар мазмун навгӯиҳои зиёд дорад. Шоир як мухаммас ба забони ӯзбекӣ низ эҷод кардааст.

9. Панду ахлоқ дар ашъори Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ мавқеи хос дорад ва шоир бо гуфтани пандҳо кӯшиш кардааст, ки ба зимомдорони вақт насиҳате гӯяд ва эшонро дар роҳи давлатдориву ҳукумат кардан ба роҳи рост ҳидоят намояд. Панди шоир панди урён нест, балки сухани ҳадафманд аст. Шоир ба хонандагони худ ахлоқи хуби инсониро тарғиб менамояд. Ҳар як масъалаи ахлоқӣ аз мадди назари Ҳасрат берун намондааст ва ӯ кӯшиш кардааст, ки доир ба ҳар мавзӯъ панде ва сухани созандае гӯяд.

10. Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон низ аз мавзӯъҳои муҳими ашъори шоиранд. Маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намунаи боризи он мебошад. Қиёми шоир ба муқобили тӯдаи ҳукмрон, этирози ӯ алайҳи зулми золимон ва дифоъ аз мардуми мазлум ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи зимомдорон бо услуби аҷиби ҳаҷвии «титол» ё «татол» сурат гирифтааст, аз мушаххасоти сабки ӯст. Ин услуб дар адабиёти тоҷику форс услуби тамоман нав буда, дар ашъори ҳам шоирони замони Ҳасрат

ва ҳам пеш аз ӯ ба чашм намехӯрад. Дар эҷодиёти шоирони гуногун шикваву шикоят аз мавзӯъҳои муҳим мебошад. Онҳо дар ашъорашон бар зидди сахтиҳои муҳит, норизоӣ аз сохту тартиби иҷтимоӣ, беқадрии илму дониш ва аҳли ҳунар мубориза бурда, муҳити пурфасоди дарбори ҳокиму феодалони ҷоҳилро мазаммат кардаанд. Шикваю шикоят на танҳо дар ашъори шоирони доираи адабии Ҳисор, балки дар ашъори шоирони доираи адабии Бухоро, аз ҷумлаи Содиқ, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Носеҳи Хатлонӣ ва дигарон дида мешавад.

11. Ҳарчанд Ҳасрати Ҳисорӣ дар ашъори худ роҳҳои илмии аз мушкилоти иҷтимоӣ баромадани мардумро баён накардааст, вале бо сухани созандаи худ тавонистааст, ки шикваву шикояти онҳоро бозгӯйӣ кунад.

12. Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ аз ҷумлаи шоирони хушзавқест, ки дар ашъори худ барои рангин шудани сухан ва баёни афкораш аз санъатҳои гуногуни бадеӣ истифода кардааст ва тасвирҳои зебои шоирона офаридааст. Истифодаи бамаврид ва устодонаи санъатҳои бадеӣ аз шоири ҳунарманд будан гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳасрати Ҳисорӣ аз зумраи чунин сухангустарон аст. Шоир дар ашъораш бештар аз ташбеҳ, талмеҳ, иҳом, ташхис, саволу ҷавоб ва ғайра истифода кардааст, ки намунаҳои зиёди онҳоро дар диссертатсия таҳлилу бозгӯӣ кардаем.

13. Хулоса, Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ҳамчун шоири намоён ва пешқадами замони худ дорои маънавиёти олӣ, инсонияти баланд ва мавқеи устувори ғоявӣ буда, ба такрор аз озодию бетааллуқии худ аз ҳама чизу ҳама кас, ба ҷуз Худову расул(с) сухан мегӯяд ва алайҳи беадолатиҳои замон садо баланд мекунад. Ӯ ба сифати як ҳунарманди равшангар афкори пешқадаму ақоиди мутараққии замони худро аз мақоми шоири ширинбаён тарғиб менамояд ва дар такомули адабиёти форсии тоҷикӣ дар водии Ҳисор нақши басазо гузоштааст.

## КИТОБНОМА

### I. Сарчашмаҳо:

### а) ба хатти кирилӣ

1. Абдулқодири Бедил. Саду як ғазал / Бедил Абдулқодир. –Душанбе: Ирфон, 2008. -104 с.

2. Абдулқодири Бедил. Мунтахабот. Ахтарони адаб / Бедил Абдулқодир. Ҷилди 37. –Душанбе: Адиб, 2018. - 480 с.

3. Абдурауф Фитрати Бухороӣ. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон / Бухороӣ Абдурауф Фитрат (ҳозиркунандаи нашр Асомуддин Насриддинов). –Душанбе, 1991. -75 с.

4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Мунтахаби ғазалиёт. Ахтарони адаб / Ҷомӣ Абдураҳмон. Ҷилди 31. –Душанбе: Адиб, 2016. - 480 с.

5. Абдураҳмони Ҷомӣ. 600 ғазали Ҷомӣ / Ҷомӣ Абдураҳмон. –Душанбе: Дониш, 2014. - 316 с.

6. Абдураҳмони Ҷомӣ. Саду як ғазал / Ҷомӣ Абдураҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2009. -104 с.

7. Абдурашидов Абдувалӣ. Шашмақом. Мақоми Сегоҳ Ҷилди 5. Наврӯзи Аҷам. / Абдувалӣ Абдурашидов. –Душанбе: Адиб, 2016.- 496 с.

8. Абдусалом Деҳотӣ. Куллиёт. Ҷилди 5 / Деҳотӣ Абдусалом. –Душанбе: Ирфон, 1966. - 472 с.

9. Абибов Амирбек. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ / Амирбек Абибов. –Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.

10. Абибов Амирбек. Ганҷи Зарафшон / Амирбек Абибов. –Душанбе: Адиб, 1991. - 544 с.

11. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Фирдавсӣ Абулқосим. Ҷилди 2. –Душанбе: Адиб, 2007. - 480 с.

12. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития / Дониш Аҳмад Махдум. –Душанбе: Сарват, 1992. -100 с.

13. Бадриддин Ҳилолӣ. Баргузидаи осор / Ҳилолӣ Бадриддин. –Душанбе: Ирфон, 1985. - 208 с.

14. Бадриддин Ҳилолӣ. Ғазалиёт ва рубоиёт / Ҳилолӣ Бадриддин. – Душанбе: Шаҳпар, 2011. - 200 с.
15. Бадриддин Ҳилолӣ. Саду як ғазал / Ҳилолӣ Бадриддин. –Душанбе: Адиб, 2007. - 104 с.
16. Дӯстхоҳ Ҷалил. Авесто / Ҷалил Дӯстхоҳ. –Душанбе: Қонуният, 2001. - 792 с.
17. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ / Сафо Забеҳуллоҳ. Ҷилди 2. –Душанбе: Деваштич, 2003. - 322 с.
18. Калими Кошонӣ. Гули хуршед. (Маҷмӯаи шеърҳо) / Кошонӣ Калим. –Душанбе: Ирфон, 1985. - 272 с.
19. Карим-Девона. Сатрҳои оташин / Девона Карим. –Душанбе: Нақши Аҷам, 1991. - 64 с.
20. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. Маҷмӯаи ашъор. Мураттиб Ҷӯраева Х.Ё. / Ҳасрат Мирзо Олимҷони Ҳисорӣ. –Душанбе: Сифат, 2013. - 156 с.
21. Назаров Ҳабибулло. Сатрҳои оташин / Ҳабибулло Назаров. –Сталинобод: Наш. Дав. Тоҷ., 1958. - 100 с.
22. Насими Ҳисор. (Насими Ватан) Намунаи шеърҳо аз доираи адабии водии Ҳисор. –Москва: Можайский полиграфический комбинат, 2004. - 112 с.
23. Носири Бухороӣ. Мунтахаби ашъор. Ахтарони адаб / Бухороӣ Носир. Ҷилди 28. –Душанбе: Адиб, 2016. - 480 с.
24. Паёми истеъдод. (Баёни назму наср). Маҷмӯаи қаламкашони ҷавони Ҳисор. –Душанбе: Ҳумо, 2004. - 124 с.
25. Парии Ҳисорӣ. Ашъори мунтахаб / Ҳисорӣ Парӣ. (Мураттиб: Саидмурод Эшзода). –Душанбе: Адиб, 2008. - 176 с.
26. Садри Зиё. Наводири зиёия / Зиё Садр. –Душанбе: Адиб, 1991. - 128 с.
27. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик / Айнӣ Садриддин. – Душанбе: Адиб, 2010. - 420 с.

28. Садриддин Айнӣ. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ / Айнӣ Садриддин. –Душанбе: Маориф, 1978. - 168 с.
29. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт/ Шерозӣ Саъдӣ. Ҷилди 2. –Душанбе: Адиб, 1989. - 416 с.
30. Собири Шоҳонӣ. Дурдонаҳои Алмосӣ / Шоҳонӣ Собир. –Душанбе: 2001. - 508 с.
31. Собири Шоҳонӣ. Бозгашти булбул / Шоҳонӣ Собир. –Душанбе: 1977. - 160 с.
32. Собири Шоҳонӣ. Армуғони Мискини Шоҳонӣ / Шоҳонӣ Собир. –Душанбе: Хайём, 2001. - 82 с.
33. Соиби Табрезӣ. Девон. Ахтарони адаб / Табрезӣ Соиб. Ҷилди 34. –Душанбе: Адиб, 2017. - 480 с.
34. Таронаҳои Водии Зарнисор. Намунаи осори адибони водии Ҳисор –Душанбе: Пайванд, 2006. - 134 с.
35. Хаёлии Бухороӣ. Девон / Бухороӣ Хаёлӣ. –Хуҷанд: Хуросон, 2015. - 412 с.
36. Ҳабибов Амирбек. Ганҷи Бадахшон / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1972. - 320 с.
37. Ҳабибов Амирбек. Мероси адабии шоирони Ҳисор / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1974. - 240 с.
38. Ҳабибов Амирбек. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор. (Зумраи шуарои қарнҳои XVII-XIX Ҳисори Шодмон) / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1995. - 232 с.
39. Ҳабибов Амирбек. Ганҷи парешон / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1984. - 304 с.
40. Ҳабибов Амирбек. Рубоиёти халқӣ ва китобӣ / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1981. - 264 с.
41. Ҳабибов Амирбек. Сарояндагони Октябр дар Бадахшони Советӣ / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1986. - 148 с.
42. Ҳабибов Амирбек. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1991. - 172 с.

43. Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб / Саноӣ Ҳаким. Ҷилди якум. – Душанбе: Адиб, 1993. - 400 с.
44. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Шерозӣ Ҳофиз. –Душанбе: Ирфон, 1983. - 644 с.
45. Ҷамшедов Парвона. Авесто / Парвона Ҷамшедов. –Душанбе: Эр-граф, 2013. - 132 с.
46. Шамсиддин Шоҳин. Мунтахабот / Шоҳин Шамсиддин. –Душанбе: Адиб, 2016. - 320 с.
47. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеъри-ул-аҷам / Нӯъмонӣ Шиблӣ. Ҷилди 3, 4 ва 5. –Душанбе: ДДОТ, 2015. - 576 с.

**б) ба хатти форсӣ**

48. واضح قاری رحمت الله. تحفة الاحباب / قاری رحمت الله واضح. –دوشنبه، ١٩٩٧. –٢٢٧ ص.
49. سمرقندی ملیحی، محمدبدیع بن محمدشریف. مذاکر الاصحاب (به چاپ آماده کننده کمال الدین صدرالدین زاده عینی / ملیحی سمرقندی، محمدبدیع بن محمدشریف قاری رحمت الله واضح. –دوشنبه: ١٣٨٥. –٦٨٩ ص.
50. عینی صدرالدین. نمونه ادبیات تاجیک / صدرالدین عینی.- ستالناباد، ١٩٤٠. –٦٣٧ ص.
51. حسرت میرزا عالم جان. دیوان. دستخت آخر عصر XVIII اول عصر XIX/ رقم ٣٢٩٦ III ، ٣٢٩٦ VIII. –٤٦٧(٣٠) ص.

## II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ

**б) ба забони тоҷикӣ**

52. Абдуллоев Аҳмад, Саъдиев Садрӣ. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. - 264 с.
53. Абдуллоҳ Масрур. Намунаҳои адабиёти тоҷик ва аҳаммияти таърихии он / Масрур Абдуллоҳ. –Душанбе: Дон.дав.Рус.ва.Тоҷ., 2009. - 44 с.
54. Алавӣ Партав. Тафсири сад байти Ҳофиз / Партав Алавӣ. –Душанбе: Фурӯғи дониш, 2007. - 160 с.

55. Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. Шоирони Мовароуннаҳр / Хуросонӣ Алӣ Муҳаммадӣ. –Душанбе: Адиб, 2006. - 688 с.
56. Амирқулов Субҳон. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX) мунтахаби мақолаҳо/ Субҳон Амирқулов. –Душанбе: Ирфон, 2010. - 232 с.
57. Амирқулов Субҳон. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX / Субҳон Амирқулов. Қисми 1. –Душанбе: 1980. - 102 с.
58. Аъзамзод Субҳон. Адабиёт ва маърифати нақд. (Масъалаҳои шинохти таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист). Маҷмӯаи мақолаҳо / Субҳон Аъзамзод. –Хуҷанд: Анис, 2012. - 200 с.
59. Аълохон Афсаҳзод. Академик Мирзоев А. / Афсаҳзод Аълохон. –Душанбе: Ирфон, 1985. - 80 с.
60. Бобобек Азизмуродзода Раҳимӣ. Шарҳи шаст ғазали Бедил / Раҳимӣ Бобобек Азизмуродзода. –Душанбе: Деваштич, 2004. - 320 с.
61. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав) / Бобоҷон Ғафуров. Китоби 1. –Душанбе: Ирфон, 1998. - 706 с., к.2. - 416 с.
62. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав) / Бобоҷон Ғафуров. Китоби 2. –Душанбе: Ирфон, 1998. - 416 с.
63. Ғоибов Ғолиб. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофии таърихии водии Ҳисор аз асри VIII то соли 1921) / Ғолиб Ғоибов. –Душанбе, 1999. - 228 с.
64. Девонақулов Алиқул, Раҳимзода Санавбар. Бохтар / Алиқул Девонақулов, Санавбар Раҳимзода. // Илм ва ҳаёт. №5, 1989. - 49 с.
65. Девонақулов Алиқул. Асрори номҳои кишвар / Алиқул Девонақулов. –Душанбе: Ирфон, 1989. - 224 с.
66. Дӯстов Зафар., Фатҳуллоҳи Азиз. Ҳисори Шодмон / Зафар Дӯстов, Азиз Фатҳуллоҳ. –Душанбе, 1992. - 112 с.
67. Дӯстов Зафар. Дар ҷустуҷӯи фарҳанги водии Ҳисор / Зафар Дӯстов. –Душанбе: 1992. - 84 с.

68. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX / Усмон Каримов. Қисми 1. –Душанбе: Дониш, 1974. - 188 с.
69. Қодиров Юсуф, Мирзоалиев Нуралӣ. Ҳисори бостон / Юсуф Қодиров, Нуралӣ Мирзоалиев. –Душанбе: Аржанг, 2008. - 76 с.
70. Мардон Раҷаб, Асозода Латиф. Хотираҳои Амир Олимхон. (муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва таҳияи Аҳрор Мухторов) / Раҷаб Мардон, Латиф Асозода. –Душанбе: Адиб, 1992. - 48 с.
71. Мардонов Аҳмадҷон, Мирзоалиев Нуралӣ. Ҳисор-қадамгоҳи бузургони ҷаҳон / Аҳмадҷон Мардонов, Нуралӣ Мирзоалиев. –Душанбе: Аржанг, 2009. - 120 с.
72. Мардонов Аҳмадҷон, Розиқов Иззатулло. Авроқи рангини Ҳисор / Аҳмадҷон Мардонов, Иззатулло Розиқов. –Душанбе: Сурушан, 2003. - 64 с.
73. Мардонов Аҳмадҷон, Қодиров Юсуф. Лангар-Ато / Аҳмадҷон Мардонов, Юсуф Қодиров. –Душанбе: Андеша, 2002. - 37 с.
74. Мардонов Аҳмадҷон, Қосимов Абдухолиқ. Силсилаи нақшбандия дар водии Ҳисор / Аҳмадҷон Мардонов, Абдухолиқ Қосимов. –Душанбе: Ҳумо, 2005. -208 с.
75. Мирзоди Маонӣ (Миров Тӯйчӣ) Мавлоно Яъқуби Чархӣ / Маонӣ Мирзод. –Душанбе: Шарқи озод, 2010. - 392 с.
76. Мухторов Аҳрор. Ҳисор / Аҳрор Мухторов. –Душанбе, 1995. - 304 с.
77. Мухторов Аҳрор. Ҳокимони Ҳисор. (нимаи дувуми асри XV – ибтидои асри XX) / Аҳрор Мухторов. –Душанбе, 1996. - 48 с.
78. Мухторов Аҳрор. Дурдонаҳои маданияти Тоҷикистон дар Ганҷинаҳои Ҳиндустон / Аҳрор Мухторов. –Душанбе: Ирфон, 1984. -208 с.
79. Мухторов Аҳрор. Аз таърихи фарҳанги Мовароуннаҳр. (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Аҳрор Мухторов. –Душанбе: Амри Илм, 2001. - 154 с.
80. Неъматов Нӯъмон. Мамнӯъгоҳи Ҳисор – се соли инкишоф / Нӯъмон Неъматов. –Душанбе, 1994. - 75 с.

81. Нуралӣ Нурзод. Парниёни сабзи андеша / Нурзод Нуралӣ. –Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. - 308 с.
82. Одина Мирзо. Шарҳи бисту як ғазали Бедил / Мирзо Одина. –Душанбе: Фурӯғи дониш, 2007. - 160 с.
83. Расул Ҳодизода, Каримов Усмон., Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX / Ҳодизода Расул, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев. –Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
84. Расул Ҳодизода. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Ҳодизода Расул. Қисми 1. –Душанбе: Дониш, 1968. - 296 с.
85. Расул Ҳодизода. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII - XIV / Ҳодизода Расул. Қисми 2. –Душанбе: Дониш, 1983. - 232 с.
86. Раҳмонов Шоҳзамон. Таҳқиқ ва нақд / Шоҳзамон Раҳмонов. –Душанбе: Адиб, 2005. - 258 с.
87. Собири Шоҳонӣ. Қалъаи Ҳисор / Шоҳонӣ Собир. –Душанбе: Адиб, 2003. - 16 с.
88. Султонмуроди Одина. Парӣ (Парии Ҳисорӣ) / Одинаи Султонмурод. –Душанбе: Ирфон, 2017. - 224 с.
89. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо, Муҳаммадхоҷа Назархоҷа. Таърихи адабиёти тоҷик. (Баёзи намунаҳои осори хаттии тоисломӣ) / Урватулло Тоиров, Мирзо Солеҳов, Назархоҷа Муҳаммадхоҷа. –Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2010. - 256 с.
90. Фатҳуллоҳи Азиз, Одинаев Султонмурод. Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон / Азиз Фатҳулло, Султонмурод Одинаев. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 368 с.
91. Фатҳуллоҳи Азиз. Таърихи мухтасари Ҳисор / Азиз Фатҳулло. –Ҳисор, 1992. - 98 с.
92. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. (Аз давраи қадим то асри XIII) / Мирзозода Холиқ. Китоби I (II). –Душанбе: Маориф, 1989. - 424 с.

93. Худоӣ Шарифов, Абдушукури Абдусаттор. Шоирони аҳди Сомониён / Шарифов Худоӣ, Абдусаттор Абдушукур. –Душанбе: Адиб, 1999. - 144 с.
94. Ҳамроев Фармон. Дурдонаҳои таърихи Ҳисор. (бо се забон) / Фармон Ҳамроев. –Душанбе: Ирфон, 2012. - 36 с.
95. Ҳотам Мӯҳтарам. Ҳисор дар бомдоди таърих / Мӯҳтарам Ҳотам. – Душанбе: Ирфон, 2011. - 152 с.
96. Ҷамолиддин Саидзода. Калим – «Халлоқулмаонии сонӣ» / Саидзода Ҷамолиддин. –Душанбе: Ирфон, 2012. - 104 с.
97. Шарифмурод Исрофилниё. Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV / Исрофилниё Шарифмурод. –Душанбе: Сифат, 2013. - 338 с.
98. Шарифмурод Исрофилниё, Султонмамадова Марҳабо. Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Исрофилниё Шарифмурод, Марҳабо Султонмамадова. –Душанбе: Пайванд, 2016. - 47 с.
99. Шодибек Собирӣ. Доираи адабии Ҳисор (аз асри X то аввали асри XX) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Ашуриён, 2015. - 120 с.
100. Шодибек Собирӣ. Ҳаёти пурҳасрат (асари бадеӣ-таърихӣ) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Эҷод, 2008. - 56 с.
101. Шодибек Собирӣ. Қурбониёни разолат (асари бадеӣ-таърихӣ) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Пайк, 2004. - 144 с.

**б) ба забони русӣ**

102. Давидова Елена Абрамовна, Мухторов Ахрор. Страницы истории Гиссара / Елена Абрамовна Давидова, Ахрор Мухторов. –Душанбе: Ирфон, 1969. - 76 стр.
103. Исмоилов Лутфулло Эшонович. Из истории Мавераннахра XVI-XVIII вв / Лутфулло Эшонович Исмоилов. –Кемеро: Кузбасавузиздат, 2001. - 32 стр.

104. Исмоилова Бибисабоат. Политическая история Бухарскою эмирата при эмире Хайдаре (1800-1826 гг.) / Бибисабоат Исмоилова. –Душанбе: Конуният, 1999. - 76 стр.
105. Исмоилова Бибисабоат. Бухарский эмират при эмире Хайдаре / Бибисабоат Исмоилова. –Худжанд, 2000. - 200 стр.
106. Исмоилова Бибисабоат. История Бухарского эмирата (втор. пол. XVIII - сер. XIX вв.) / Бибисабоат Исмоилова. –Худжанд: Нури маърифат, 2005. -296 стр.
107. Каримов Рустам. Гиссарская долина. (Путеводитель) / Рустам Каримов. –Душанбе: Ирфон, 1987. - 56 стр.
108. Литвинский Борис Анатольевич, Соловьев Владимир Сергеевич. Средневековая культура Тахористана / Борис Анатольевич Литвинский, Владимир Сергеевич Соловьев. –Москва: Наука, 1985. -264 стр.
109. Негматов Нуъмон. Хисорский заповедник и его архитектурные памятники / Нуъмон Негматов. –Душанбе, 1993. - 136 стр.

## III. МАҶАЛЛА ВА РӮЗНОМАҲО

110. Галимова Г. «Дастнависи номаълуми шеърҳои шоирони кӯҳистон» / Г. Галимова. //Шарқи сурх. №9, сентябри 1957.
111. Девонақулов Алиқул, Раҳимзода Санавбар. Бохтар / Алиқул Девонақулов, Санавбар Раҳимзода // Илм ва ҳаёт. №5, 1989.
112. Дӯстов Зафар. «Махдуми Аъзам» / Зафар Дӯстов. // Ҳисори Шодмон. №51 (7551), 17 июни соли 1992.
113. Дӯстов Зафар. Шумон, Шомон ва Ҳисори Шодмон / Зафар Дӯстов. // Байрақи Ленинизм. №6 (7466), 18 январи соли 1992.
114. Дӯстов Зафар. Тасаллути Ҳисор (Шумон) аз ҷониби аъроб / Зафар Дӯстов. // Байрақи Ленинизм. №17 (7467), 22 январи соли 1992.
115. Дӯстов Зафар. Бекҳои Ҳисори Шодмон / Зафар Дӯстов. // Ҳисори Шодмон. №28 (7488), 4 апрели соли 1992.

116. Дӯстов Зафар. Абдулкаримхон чӣ гуна шахс буд / Зафар Дӯстов. // Ҳисори Шодмон. №31 (7491), 15 апрели соли 1992.
117. Дӯстов Зафар. Ҳисори Шодмон - нондони аморати Бухоро / Зафар Дӯстов. // Ҳисори Шодмон. №35 (7495), 29 апрели соли 1992.
118. Каримов Рустам. «Қории Ҳисорӣ» / Рустам Каримов. // Ҳисори Зарнисор. №3, 2013.
119. Қодиров Юсуф. Ҳамроев Фармон. Бозёфтҳои бостоншиносон / Юсуф Қодиров, Фармон Ҳамроев. // Ҳисори Шодмон. №15 (7850), 1-7 июни соли 2002.
120. // Мероси ниёгон. –Душанбе, №3, 1992.
121. Муқимов Раҳим. Масҷиди Сангин / Раҳим Муқимов. // Ҳисори Шодмон. №50 (7550), 24 июни соли 1992.
122. Муллоаҳмадов Мирзо. Ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе аз вижагиҳои он / Мирзо Муллоаҳмадов. // Пайванд, 2010. - Саҳ.23-27.
123. Муҳаммадиев Шамсиддин. «Мероси адабии шоирони Ҳисор дар шибҳи қораи Ҳинду Покистон» / Шамсиддин Муҳаммадиев. // Ҳисори Зарнисор. №3, 2013.
124. Одинаев Султонмурод. Доираи адабии Ҳисори Шодмон. // Рӯдакӣ. Фаслномаи адабӣ-фарҳангии Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон / Султонмурод Одинаев. №28, 2010.
125. Ҳабибов Амирбек. Ҳаждаҳ ғазали Ҷазбӣ / Амирбек Ҳабибов. // Садои Шарқ, №12, декабри 1971.
126. Ҳабибов Амирбек. «Гулзори Ҳасрат» / Амирбек Ҳабибов. // Садои Шарқ. №7, июли 1969.
127. Ҳабибов Амирбек. «Рӯзгори номаълуми Муҷрим» / Амирбек Ҳабибов. // Комсомоли Тоҷикистон. №99 (5953), 20 августи 1975.
128. Ҳабибов Амирбек. «Ба дар то мезанӣ дасте» / Амирбек Ҳабибов. // Маориф ва маданият. №11 (8714), 27 январи 1968.
129. Ҳабибов Амирбек. «Титолҳои Мирзо Ҳасрат» / Амирбек Ҳабибов. // Маориф ва маданият. №2922, 9 январи 1973.

130. Ҳабибов Амирбек. «Шоҳиди ду ҳаёт» / Амирбек Ҳабибов. // Комсомоли Тоҷикистон. №118 (6128), 6 октябри 1976.
131. Ҳалимзода С. Чағониён / С. Ҳалимзода. // Ҳисори Шодмон. №6 (7648), 25 апрели соли 1996.
132. Ҳамроев Фармон. Бозёфти нодир / Фармон Ҳамроев. // Ҳисори Шодмон. №23 (7857), 24-31 июли соли 2002.

## IV. ФАРҲАНГ ВА ЭНСИКЛОПЕДИЯҲО

133. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷилди 1. - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 951 с.
134. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷилди 2, - Москва: Советская энциклопедия, 1969. - 952 с.
135. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. –Душанбе, 2004. - 522 с.
136. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. –Душанбе, 1988. - 592 с.

## V. ИНТЕРНЕТ

137. www.millat.tj/farhangvaadab/1570-zind-agii_pas_az_marg_143./html.